UKaid from the British people

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

CABAR Central Asian Bureau for Analytical Reporting

МЕДИАШКОЛА CABAR.Asia

INSTITUTE FOR WAR & PEACE REPORTING IWPR ИНСТИТУТ ПО ОСВЕЩЕНИЮ ВОЙНЫ И МИРА

# МАҶМУАИ ДАРСҲО

## ОИД БА РАСОНАҲОИ НАВ

from the British people

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Central Asian Bureau for Analytical Reporting

МЕДИАШКОЛА CABAR.Asia

INSTITUTE FOR WAR & PEACE REPORTING

ИНСТИТУТ ПО ОСВЕЩЕНИЮ ВОЙНЫ И МИРА

# МАҶМУАИ ДАРСҲО

## ОИД БА РАСОНАҲОИ НАВ

**Зери таҳрири умумии**
Жазгул Ибраимова
**Мураттибон:**
Дилноза Мирзомамадова, Эҳсон Сафарзода
**Муаллифони курсҳо:**
Амзин А., Киромова М., Кузменко Е., Лотарева А., Пуля В., Светличная Д., Тома А., Торалиева Г., Юнусов Л.
**Муҳаррир:** Мээрим Шамудинова
**Саҳифабанд:** Карина Толмачева

Маҷмуаи дарсҳо оид ба расонаҳои нав.
Дастури методӣ барои омӯзгорони факултетҳои рӯзноманигорӣ.

Маҷмуаи дарсҳо оид ба расонаҳои нав. Дастури методӣ барои омӯзгорони факултетҳои рӯзноманигорӣ.

Ин маҷмӯа ҳамчун дастури методии барномаи “Рӯзноманигории расонаҳои нав” барои омӯзгорони факултетҳои рӯзноманигорӣ ва тренерони расонаӣ нигаронида шудааст.

Маҷмӯа аз ҳафт курс иборат аст, ки ба махсусиятҳои кори ВАО-и нав, шароит ва омилҳои таҳияи матолиби муваффақи иттилоотӣ дар Интернет, усул ва принсипи кори рӯзноманигорони интернетӣ бахшида шудаанд.

Ҳар курс ба дарсҳо тақсим шудааст, ки аз маводи назариявӣ барои омӯзгорон ва наворҳои омӯзишии мавзуӣ иборатанд. Барои таҳкими маводи омӯхташуда дар ҳамаи машғулиятҳо супоришу вазифаҳо пешбинӣ шудаанд.

Ин маҷмуа бо иҷозатномаи AttributionNonCommercial-ShareAlike 4.0 International (CC BY-NC-SA 4.0) дар дастрасии озод мавҷуд аст. Истифода ва коркард бо ҳадафҳои ғайритиҷоратӣ бо зикри муаллифи аслӣ ва иҷозатномаи CC иҷозат дода мешавад (https://creativecommons.org/licenses/by-nc-sa/4.0/deed.en) .

Масъулияти фикру мулоҳизаҳо ва дидгоҳҳои дар ин маҷмуа иброзшуда бар дӯши муаллифон аст. Нуқтаи назари онҳо метавонад бо мавқеи расмии IWPR мувофиқат накунад ва ташкилотро ба чизе уҳдадор намекунад.

Ин маҷмуа бо кумаки Ҳукумати Британиёи Кабир таҳия шудааст. Муҳтавои дарҷшуда баёнгари дидгоҳи хоси Ҳукумати Бритониё нест.

Ҳамоҳангсозони лоиҳа: Бегайим Аджикеева, Дилноза Мирзомамадова

© Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR), 2021
© CABAR.asia, 2021
© Мактаби расонаии CABAR.asia, 2021

# МУНДАРИҶА


**МУҚАДДИМА** 5
**ТАҚРИЗ** 6

**КУРСИ 1. РАСОНАҲОИ НАВ: ВИЖАГИҲОИ ТАВЛИДИ МУҲТАВО ВА НАҚДИНАСОЗИИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР** 7
*Муаллиф: Ленур Юнусов, тренери байналмилалии расонаӣ ва муҳаррири шакли русии маҷаллаи амрикоӣ дар бораи соҳибкорӣ Inc.*

Дарси 1. Вижагиҳои таҳияи матолиб барои расонаҳои нав 8
Дарси 2. “Вирусӣ” шудани матолиб ба чӣ вобаста аст? 13
Дарси 3. Барномарезии матолиб дар расонаҳои нав 16
Дарси 4. Нақдинасозии расонаҳои нав 19

**КУРСИ 2. КОР ДАР РАСОНАҲОИ ИҶТИМОӢ** 22
*Муаллиф: Всеволод Пуля (Русия), сардабири Russia Beyond*

Дарси 1. Усули liquid media барои кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ. Чӣ тавр бояд шабакаҳои 23
иҷтимоиро барои кор интихоб кард? 27
Дарси 2. Ҳангоми кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар як корманд бояд чӣ нақше дошта бошад? 31
Дарси 3. Таҳияи муҳтавои бумӣ барои шабакаҳои иҷтимоӣ 36
Дарси 4. Барои муоширату бо пайравон дар шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ кадом лаҳнро бояд
интихоб кард? Нашр ва ороиши паёмҳо 40
Дарси 5. Чӣ гуна ҷамъияти фаъол сохтан мумкин аст? 46
Дарси 6. Арзёбии самаранокӣ. Ченакҳои муваффақият дар шабакаҳои иҷтимоӣ кадоманд? 48

**КУРСИ 3. ПАЁМРАСОНҲО ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАНД?** 49
*Муаллиф: Александр Амзин (Русия), мушовири мустақили расонаӣ, муаллифи саҳифаи @themedia дар телеграм.*

50
Дарси 1. Вижагии аудитория ба паёмрасонҳо 54
Дарси 2. Вижагиҳои истифодаи расонаӣ 57
Дарси 3. Вижагиҳои иртиботот ва қолабҳо дар паёмрасонҳо 64
Дарси 4. Таблиғи муҳтаво

**КУРСИ 4. МУҚАДДИМАИ СТОРИТЕЛЛИНГ БАРОИ ЖУРНАЛИСТОН ВА БЛОГЕРОН** **70**
*Муаллиф: Диана Светличная (Қирғизистон), рӯзноманигор, нависанда.*
*Муаллифи дарсҳои видеоӣ: Анастасия Лотарева (Русия), собиқ сардабири сомонаи "Такие дела"*

Дарси 1. Сторителлинг чист? **72**
Дарси 2. Чӣ тавр бояд қисса кард, то туро гӯш кунанд? **77**
Дарси 3. Техникаҳои сторителлинг **83**

**КУРСИ 5. СТОРИТЕЛЛИНГИ ДИДОРӢ** **87**
*Муаллиф: Айзада Тома (Қирғизистон), мутахассис оид ба дидорисозии додаҳо*

Дарси 1. Сторителлинги дидорӣ чист? **89**
Дарси 2. Композитсия дар инфографика **93**
Дарси 3. Панҷ принсипи тарроҳӣ **98**
Дарси 4. Кор бо ранг **102**
Дарси 5. Абзорҳои қиссаҳои дидорӣ **105**

**КУРСИ 6. СТОРИТЕЛЛИНГИ ВИДЕОӢ** **109**
*Муаллиф: Маҳпора Киромова (Тоҷикистон), журналист, продюсери лоиҳаи "Салом, ҳамсояҳо"*

Дарси 1. Кадом омилҳо қиссаи видеоиро муваффақ мегардонанд? **110**
Дарси 2. Платформаи дуруст **113**
Дарси 3. Интихоби таносуби видео **116**
Дарси 4. Эҳсос ва манфиатҳои мухотабон **120**
Дарси 5. Қоидаҳои асосии композитсия дар видео **124**
Кори мустақилона: Кор бо видео **125**

**КУРСИ 7. ЖУРНАЛИСТИКАИ ҲАССОС БА ҶИНСИЯТ. ЧӢ ТАВР ХУШУНАТРО ДАР ВАО БОЯД ИНЪИКОС КАРД?** **129**
*Муаллифон: Елизавета Кузменко (Украина), журналист, тренери расонаӣ дар масоили адами табъиз ва баробарии гендерӣ*
*Гулнур Торалиева (Қирғизистон), роҳбари ширкати Data Lab, коршиноси расонаӣ.*

Дарси 1. Муқаддима. Рӯзноманигории гендерӣ ва ҳассос ба ҷинсият чист? **131**
Дарси 2. Чеҳраи занҳо дар расонаҳо. Нақши журналист ва расона ҳангоми инъикоси мавзуоти хушунат дар ВАО **136**
Дарси 3. Хушунат чист? Чаро журналистон бояд навъҳои хушунатро фарқ карда тавонанд? Заминаи қонунгузорӣ **139**
Дарси 4. Истилоҳоти дуруст. Чаро "қурбонӣ" ва "ҳаюло" калимаҳои хубе барои матлаби шумо нестанд? Дар бораи одамоне, ки дучори хушунат гардидаанд, чӣ тавр бояд дуруст навишт? **147**
Дарси 5. Усулҳое, ки ҳангоми инъикоси мавзуи хушунат бояд дар хотир дошт **151**

# МУҚАДДИМА

*Донишҷӯён, омӯзгорон, рӯзноманигорони навқалам ва блогерони гиромии Тоҷикистон ва тамоми Осиёи Марказӣ!*

*Ҳайати Намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ дар Осиёи Марказӣ (IWPR Central Asia), дафтари платформаи таҳлилии CABAR.asia ва Мактаби расонаии CABAR.asia барои аз худ кардани маводи ин дастурамали таълимӣ ба шумо барор мехоҳад.*

*Умедворем ин дастур барои ғанӣ гардидани донишҳо, дарёфти маълумоти иловагӣ ва аз худ кардани малакаҳои нав ба шумо кумак мекунад.*

*Мо итминони комил дорем, ки бо истифода ва паҳн кардани донишҳои бадастомада ва таҷрибаию малакаҳо ҳангоми таҳияи муҳтавои ҷадид, босифат ва беғараз дар қолаби расонаҳои нав метавонед самаранокии фаъолияти худро беҳтар кунед ва ба ин васила дар такмили фазои расонаии Тоҷикистон ва минтақа саҳмгузор бошед.*

*Омӯхтани донишу шеваҳои таҳияи муҳтавои нав хеле муҳим аст. Дар замони рақамишавии густурдаи тамоми бахшҳои ҳаёти инсон пайваста роҳҳалҳои навоваронаи ҷадид зуҳур мекунанд, ки барои суръати равандҳои истеҳсол, паҳн кардан ва истифодаи иттилоот пешбинӣ шудаанд.*

*Дар асри рақамӣ созандагони муҳтавое мақоми худро дар фазои расонаӣ мустаҳкамтар мекунанд, ки пайваста навгониҳоро дунбол ва онҳоро дар фаъолияти худ истифода мебаранд. Бо назардошти рақобати рӯзафзун миёни чунин мутахассисон таҳия кардани маводе лозим аст, ки натанҳо таваҷҷуҳи корбаронро ҷалб намояд, балки онҳоро бо иттилои муфид таъмин намояд.*

*Ин дастури таълимӣ курсҳо оид ба расонаҳои навро пешниҳод мекунад, то шумо дар саргаҳи тамоюлҳои нав қарор дошта бошед. Инҷо шумо перомуни махсусиятҳои тавлиди муҳтаво ва накдинасозии он, дар мавриди кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо, дар бораи сторителлинг ва шаклҳои он маълумоти муфассал дарёфт мекунед. Дастур инчунин, дар бораи инъикоси дурусти масоили гендерӣ маълумот медиҳад.*

*Дар хотир доштани зарурати риояи муҳимтарин усули кори рӯзноманигорӣ – “зарар нарасонидан” хеле муҳим аст. Маълум аст, ки кори рӯзноманигорӣ ба зиндагии одамон ва равандҳои кишвар таъсири бузург мерасонад. Мо имкон дорем, ки ҷузъе аз тағйиротҳои мусбат бошем!*

*Умедворем, донишҳои нави худро бо дӯстон, ҳамкорон, шиносҳо ва ҳар нафаре, ки ба эҷоди муҳтавои босифат ҳавасманд аст, қисмат мекунед. Ҳамроҳ мо метавонем муваффақ бошем.*

*Инчунин, мо шуморо дар тренингу машғулиятҳои омӯзишии худ интизор ҳастем. Бар илова дар сомонаи Мактаби расонаии CABAR.asia (school.cabar.asia) курсҳои онлайнии зиёде мавҷуданд, ки ба рушди шахсии шумо кумак хоҳанд кард.*

*Ба шумо барор мехоҳам!*



Роҳбари минтақавии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ дар Осиёи Марказӣ
Абахон Султоназаров

# **САҲМИ АРЗАНДА** ДАР ПЕШРАФТИ РӮЗНОМАНИГОРИИ ТОҶИК

*Китоби дар дасти Шумо қарордошта - “Маҷмуаи дарсҳо оид ба расонаҳои нав” роҳнамо барои омӯзгорону тренерони журналистика буда, дар мувофиқа ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи нашр омадааст.*

*Аслан ҳар асару дастури таълимиву роҳнамои омӯзишӣ донишҳои нав медиҳад, самту усулҳои наверо барои устодону шогирдон ошно месозад. Аз ин нигоҳ дастури “Маҷмуаи дарсҳо оид ба расонаҳои нав” барои ошноии бештари ҳаводорони касби рӯзноманигорӣ хизмати арзандае хоҳад кард. Муаллифони маҷмуа журналистони муваффақ буда, дар асоси таҷрибаву фаъолияти амалии худ дастурро омода кардаанд.*

*Ҳарчанд ин маҷмуа ҳамчун дастури методӣ барои омӯзгорони факултетҳои рӯзноманигорӣ ва тренерони расонаӣ нигаронида шудааст, аммо аз он ҳаводорони касби рӯзноманигорӣ метавонанд истифода баранд. Зеро дастур бо забони шевою равон иншо шуда, хонандаро ба расонаҳои нав, махсусияти фаъолияти онҳо, омодасозии маталиби ҷолиб дар Интернет, усул ва принсипҳои кори рӯзноманигорони интернетӣ, технологияи фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ, чандрасонаӣ, шинохти аудитория ва чандин махсусияту шеваҳои нави фаъолияти рӯзноманигорӣ ошно месозад.*

*Маҷмуа аз ҳафт қисмат (курс) иборат аст. Дар навбати худ ҳар курс аз 4-5 дарси назариявию амалӣ ва супоришҳоро дар бар мегирад. Ин шеваи таълифи роҳнамо ҳам барои омӯзгорон ва ҳам истифодабарандагон осону мувофиқ аст. Гузашта аз ин, дар роҳнамо ҳар истилоҳи наву касбӣ шарҳу эзоҳ ёфтааст.*

*Ман чун як омӯзгори рӯзноманигор ба ҳамаи онҳое, ки барои омодасозиву нашри ин дастур мусоидат кардаанд, самимона сипос баён мекунам. Зеро саҳм гузоштан дар ин кори хайр саҳм гузоштан дар роҳи пешрафтуояндаи рӯзноманигории тоҷик аст.*

**Сангин Гулов,**
**номзади илми филология, дотсент**

# **РАСОНАҲОИ НАВ:** ВИЖАГИҲОИ ТАВЛИДИ МУҲТАВО ВА НАҚДИНАСОЗИИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**МУАЛЛИФ: Ленур Юнусов,** тренери байналмилалии расонаӣ ва муҳаррири шакли русии маҷаллаи амрикоӣ дар бораи соҳибкорӣ Inc.

**МЕТОДИКА:** лексия, семинар, дарсҳои амалӣ

**РАВИШ Ё УСУЛИ ДАРС:** Курс ба рушди маҳорати донишҷӯён дар заминаи расонаҳои нав ва маҳоратҳои эҷоди матолиб барои расонаҳои нав бо назардошти талаботи мухотабон равона шудааст. Ғайр аз ин, перомуни ба чӣ вобаста будани “вирусӣ” шудани матолиб дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва чӣ гуна маблағ ба даст овардани ноширони муосир аз маҳсулоти расонаии худ маълумот медиҳад.

**ДАВОМНОКӢ:** 4 соати академии дарсҳо дар аудитория; 6 соат кори мустақилона

**МАВОДИ ЗАРУРӢ:**
Барои омӯзгор: экран, проектор, ноутбуки пайванд ба Интернет барои нишон додани мисолҳо.
Барои донишҷӯён: ноутбук/смартфони пайванд ба Интернет барои мутолиаи адабиёти тавсияшуда ва иҷро кардани вазифаҳои амалӣ.

**АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ:**

С“Чӣ гуна расонаҳои нав рӯзноманигориро тағйир додаанд”, Донишгоҳи гуманитарӣ, 2016. http://newmedia2016.digital-books.ru/
Александр Амзин “Интернет-журналистика”, 2013. http://alex-alex.ru/nij.php
Маҷмӯаи “Quo Vadis: дар онлайн чӣ мегузарад? Барои ба пеш ҳаракат кардан бояд онро донист”, “АНРИ-Медиа”, 2016. http://anri-media.ru/fls/2016/quo_vadis.pdf
Тадқиқоти сахроии сехи расонаӣ, 2017. https://media.mail.ru/
Максим Иляхов, Людмила Саричева “Бинавис, кӯтоҳ кун”, 2017. https://book.glvrd.ru/

1

# ДАРСИ 1.
# Вижагиҳои таҳияи матолиб барои расонаҳои нав

**Мавзуъҳо:** Вижагиҳои таҳияи матолиб барои расонаҳои нав. Жанрҳо ва қолабҳои нави рӯзноманигорӣ. Усулҳои ҷалби таваҷҷуҳи корбарон.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Мушкилот ва дурнамои расонаҳои нав дар кишвари шумо? Пас аз муайян кардани мушкилот ва дурнамо донишҷӯёнро барои муҳокимаи нуктаҳои муҳим ба ду гурӯҳ ҷудо намоед.

**Кори амалӣ:**

**Вазифаи 1.** Рейтинги 10 расонаи нави муваффақи кишварро бо нишон додани меъёри интихобатон тартиб бидиҳед.

**Вазифаи 2.** Бо истифода аз форматҳои нав матлаби хабарӣ нависед. Матлаби худро бо нишон додани доираи мухотабон, платформае, ки онро нашр мекунад ва истифодаи усулҳои ҷалби таваҷҷуҳи хонандаҳо муаррифӣ кунед.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Вижагии аудиторияи муосир

Фанновариҳои муосир дунёи атрофи моро босуръат тағйир медиҳанд ва бахши расонаҳо низ дар ин замина истисно нахоҳад буд. Шумори иттилоот низ бо суръати тез афзоиш меёбад. Мухтаво ба таври мудовим ва якбора тавассути чандин равзана пахш мешавад, ки онҳо на камтар аз 5 адад мебошанд:

- десктоп;
- ноутбук;
- телефони ҳушманд;
- планшет;
- Ойинаи нилгун (ҳамчунин соати ҳушманд ва айнаки воқеияти маҷозӣ низ ҳаст!).

Дар чунин шароити “ғавғои иттилоотӣ” хотираи инсонҳо "заиф" шуда, бисёр вақт дар хотир надоранд, ки дирӯз чиро хонда ё тамошо карда буданд. Худи истеъмоли мухтаво низ тағйир ёфтааст: пештар агар хонандагон ба саҳифаи асосии сомона ва порталҳои хабарӣ медаромаданд, ҳоло онҳо тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ё ҷустуҷӯӣ якбора вориди саҳифаҳои дохилӣ мешаванд. Дар натиҷа ноширон ба вобастагии асоратовари шабакаҳои Facebook ва Google гирифтор шудаанд (дар ҷаҳон ҳатто дар бораи инҳисор (дуополия[1])-и ин ду ширкати бузургтарин ҳам гапу хабарҳо аст).

Афзалиятҳои расонаии мухотабон низ тағйир ёфтааст. Имрӯз қисми бештари онҳоро ду гурӯҳ – онҳое ки миёни солҳои 1981-2000 ва аз 2000 ба ин сӯ ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд. Дуюмӣ хусусияте доранд, ки барои он онҳоро “танбал” меноманд. Барои намуна, натиҷаи таҳқиқотеро[2], ки ахиран Сбербонк дар бораи намояндагони “қишри Z” анҷом додааст, нишон медиҳем.

### Ҷилваҳои басарии коҳилона

Иттилооти кӯтоҳ ва тавсифиро фаро мегиранд.

Миёнгини тамаркузашон ба як матлаб 8 сония аст.

Иттилоъро тика-тика масраф мекунанд.

Ҳамеша дар ҳоли расидан ба расоӣ ва камол ҳастанд,

Иттилооти зиёд ва гуногунро масраф мекунанд.

## 2. Нигоҳ доштани таваҷҷуҳ

Дар замони мо барои расонаҳо аз ҳама чизи муҳим таваҷҷуҳи мухотабон ба шумор меравад, ки ҷалби он хеле душвор аст. Ношир барои пешгирӣ аз “фирор”-и корбарон ҳамагӣ 8 сония[3] вақт дорад (ахбори рӯзи Facebook ё шабакаи иҷтимоии дигар). Истифодабарандагони расонаҳо дар робита ба мухтавои матолиб хеле серталаб шудаанд: агар дар матлаби шумо чизе дар сонияҳои аввал диққати онҳоро ҷалб накунад, онро “як сӯ хоҳанд гузошт”.

Дар чунин шароит расонаҳо барои ба даст овардани таваҷҷуҳи мухотабон ҳамеша равишҳои нави эҷоди мухтаворо мекобанд. Тавре мебинем, жанр, формат, намуд, сарлавҳаи матолиби рӯзноманигорӣ тағйир меёбад. Шеваҳои ироаи матлабҳо низ тағйир ёфтааст.

Дар маҷмӯаи “Чӣ гуна расонаҳои нав рӯзноманигориро тағйир додаанд”[4] қоидаҳои зерин оварда шудааст, ки барои нигаҳ доштани таваҷҷуҳи корбарон мусоидат мекунанд:

[1] https://spark.ru/startup/relap-io/blog/29657/pochemu-reklamodateli-obyavili-vojnu-facebook-i-google
[2] https://adindex.ru/news/researches/2017/03/10/158487.phtml
[3] https://www.telegraph.co.uk/science/2016/03/12/humans-have-shorter-attention-span-than-goldfish-thanks-to-smart/
[4] http://newmedia2016.digital-books.ru/

## Қоидаи 1. Мутобиқати сарлавҳа / сарсатри муҳтавои матлаб

Ҳамагуна сарлавҳа дар хонанда интизориеро ба вуҷуд меорад ва ӯ низ бо "нохун задан" болои он умедвор аст, чизеро дарёфт хоҳад кард, ки барои он ворид шудааст. Вале бархе аз рӯзноманигорон ва муҳаррирон ба ҳадде суханро "ба бозӣ медароранд", ки дар ниҳоят боиси ноумедӣ ва озурдагии хонанда мешавад.

## Қоидаи 2. Матн дар "сафҳаи аввал"

"Сафҳаи аввал" – ин ҳамон бахши сомона аст, ки корбарон ба маҳзи ворид шудан онро хоҳанд дид (бидуни ҳаракати иловагӣ). Ҳар қадаре, ки шумо хонандаро ба муҳтаво "ғарқ" созед, имкони нигаҳ доштани ӯ дар саҳифа ҳамон қадар бештар хоҳад шуд. Дар байни сарсатр ва оғози матн набояд расм (ҳатто зеботарин ҳам бошад) ё бахши бузурги эълонеро гузошт, ки хонданро мушкил месозад.

## Қоидаи 3. Тақсими матн ба бахшҳо

Ин қоидаро зоҳиран аллакай ҳама аз худ кардаанд: ҳамагуна матн (ҳатто бузург ҳам набошад) бояд бо сарлавҳаҳои мазмундор ба бахшҳои на он қадар дароз тақсим шавад. Ин як навъ ҳисси тартиб ва эҳсосеро ба вуҷуд меорад, ки хондан осон аст. Дар ҳар як бахш бояд як идея бозтоб шуда бошад (як мафҳум – як сархат).

## Қоидаи 4. Сарлавҳаҳои интиқолӣ

Бино ба таснифи[5] Максим Иляхов (ҳаммуаллифи китоби "Бинавис, кӯтоҳ кун"), сарлавҳаҳо унвонӣ (ба суоли "Матн дар бораи чист?" ҷавоб мегӯянд) ва интиқолӣ (ба суоли "Дар инҷо чӣ гуфта шудааст?" ҷавоб мегӯянд) мешаванд. Дуюмӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки ба матн сар-сарӣ нигоҳ карда, интихоб кунад, ки кадом бахш арзиши хонданро дорад. Агар писанд наомад, ба зерсарлавҳаи дигар хоҳад гузашт.

## Қоидаи 5. Сархатҳои кӯтоҳ

Ҳар қадаре, ки блок кӯтоҳ бошад, ҳамон қадар имкони хонда шудани матн бештар аст. Дар хонанда эҳсоси зуд хондани қитъаи на он қадар бузурги матн пайдо мешавад. Хонанда одатан ба сатрҳои аввали сатр чашм медавонад. Бинобар ин, мазмуни асосиро дар оғози блок бояд овард.

## Қоидаи 6. Саҳифабандии якрангнабуда

Дар матлаб баъзе унсурҳое бояд бошад, ки чашмро ба сӯи худ бикашад. Ба монанди ҷойгир кардани назарпурсӣ, санҷиш, овоздиҳӣ, рӯйхат, иқтибос, навиштаҳо доир ба мавзуъ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, дигар кардани ранги ҳарфҳои як қитъаи матн ва ороишҳои дигари чандрасонаӣ.

## Қоидаи 7. Ороиши "матн — чандрасонаӣ — матн — чандрасонаӣ"

Матн ва чандрасонаӣ бояд ба навбат оварда шаванд. Зеро ҳамагуна такрори форматҳо (барои намуна, 3 видеоролики пайиҳам) хонандаро хаста месозад.

## Қоидаи 8. Тасвирҳо ба ҷойи омору ҷадвал ва рӯйхатҳо

Дар ҷойҳои мувофиқ беҳтар аст, ҳарфу рақамҳо бо тасвирҳо иваз карда шаванд. Мазмуни матни дорои 2-3 ҳазор аломатро метавон ба воситаи инфографика ё тасвири дигаре баён намуд, ки вақти зиёди хонандаро нахоҳад гирифт.

[5] http://maximilyahov.ru/blog/2012/01/15/1/

# 3. Жанр ва форматҳои нав

Солҳои охир жанру форматҳои нави рӯзноманигорӣ ба миён омадаанд. Барои намуна, BBCNewsLabs[6] онҳоро ба чунин қисмҳо ҷудо кардааст (бахши тадқиқотии BBC):

**New Digital Story Formats for News**
With some notable examples




Аз ин миён бояд се жанри машҳуртаринро ҷудо кард. Ҳамаи онҳоро талоши сарфаи вақти корбарон ва то ҳадди имкон осонфаҳм гардонидани иттилоъ ба ҳам меорад. Сохтори онҳо хуб тарҳрезӣ шуда, дорои метаструктураи фаҳмо ва муташаккил аз унсурҳои баробар мебошанд:

[6] https://medium.com/bbc-news-labs/beyond-800-words-new-digital-story-formats-for-news-ab9b2a2d0e0d

**Листикл** (рӯйхат - мақола). Ин ном аз ду калимаи англисӣ - list (рӯйхат) baarticle (мақола) таркиб ёфтааст. Матлаби дар жанри “листикл” як рӯйхатеро гӯянд, ки ҳамеша рақам дорад ва онро матни на он қадар бузург, акс ё видео ҳамроҳӣ мекунад. Тибқи қоида, дар сарлавҳаи ин гуна матлаб низ рақамҳо оварда мешаванд. Листиклҳо хеле зудпаҳншаванда ҳастанд ва яке аз сирҳои маъруфияташон дар он аст, ки гӯё ҳастанд: хонанда аллакай аз сарлавҳа мефаҳмад, ки онҷо чӣ гуна иттилоъ аст ва вақте ворид шуд, чиро мефаҳмад[7]. Бар илова, ингуна матлабҳо сохтори хуб доранд ва аз ин рӯ хонданашон осон аст. Дар зер якчанд листиклро аз нашрияи маъруфи амрикоии Buzzfeed хоҳем овард, ки дар ин жанр яке аз пештозон шумурда мешавад:




*Намунаҳои листикл дар сомонаи Buzzfeed*

*(26 далел, ки чаро ҷаҳон ба инстаграм ниёз дорад;*
*30 гурбае, ки дар пойафзол хоб меравад)*

**"Варақаҳо"** (шарҳдиҳанда, рӯзноманигории тавзеҳӣ). Матнҳои рӯзноманигорие, ки дар онҳо раванду далелҳои мушкил шарҳ дода шудаанд, дербоз мавҷуд буданд. Вале дар 5 соли охир формат ва шеваи нави ироаи онҳо дар шакли "варақа" ва суол-посух шакл гирифтааст. Рӯзноманигор ҳангоми таҳияи чунин матлаб талош мекунад, пешакӣ ҳамаи суолҳоеро, ки эҳтимоли дар зеҳни хонанда омадани онҳо вуҷуд дорад, пешбинӣ карда, ба онҳо посухи кӯтоҳ диҳад ва то ба ҳадди имкон бо забони фаҳмо вазъро шарҳ бидиҳад. “Пешоҳанг”-и ин жанр расонаи маъруфи амрикоии Vox[8] ба ҳисоб меравад, ки ҳаводиси ҷориро бо забони возеҳу фаҳмо шарҳ медиҳад. Имрӯзҳо матолиберо дар шакли “варақа” метавон дар расонаҳои гуногун дид: аз расонаи бритониёии Guardian[9] – то “Медуза”[10] -и русӣ ва Kloop[11] -и қирғизӣ.

**Captionvideo** (видео бо титрҳо). Ин жанр дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле хуб қабул шуда, ба пайванди муносиби видео бо матн мусоидат мекунад. Дар “расм” титр мегузоранд, ки имкон медиҳад “бо як тир ду заргӯш ҳадаф гирифта шавад". Якум, қабул ва дарки муҳтаворо аз сӯи хонанда беҳтар месозад ва дуюм, ба ӯ имкон медиҳад, ки бидуни баланд кардани садо наворро тамошо кунад (барои намуна, дар нақлиёти ҷамъиятӣ ё ҳангоми навбатпоӣ дар пушти дари дандонпизишк). Ин жанр ҳам "пешоҳанг" ё "кашшоф"-и худро дорад ва он лоиҳаи амрикоии NowThis[12] аст. Жанри мазкурро AJ+[13], “Настоящее время”[14] ва расонаҳои дигари замонавӣ хеле зиёд истифода мебаранд. Captionvideoро бисёр вақт дар саҳифаи блогерҳо низ дидан мумкин аст. Мисоли равшан:[15]

[7] https://www.theguardian.com/books/2013/nov/12/listicles-articles-written-lists-steven-poole
[8] https://www.vox.com/
[9] https://www.theguardian.com/world/2019/aug/27/why-is-indonesia-moving-its-capital-city-everything-you-need-to-know
[10] https://meduza.io/cards/skolko-chasov-nuzhno-spat
[11] https://kloop.kg/kyrgyz-space-program-for-girls/
[12] https://nowthisnews.com/
[13] https://www.facebook.com/ajplusenglish/
[14] https://www.facebook.com/currenttimetv/
[15] https://www.facebook.com/nasdaily/

# ДАРСИ 2.

# “Вирусӣ” ё зудпаҳншаванда шудани матолиб ба чӣ вобаста аст?

**Мавзуъҳо:** Усулҳои ҷалби аудитория

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Жанрҳои нави маъмул чӣ умумияте доранд? Онҳо ба чӣ равона шудаанд?

**Кори амалӣ:** Матлаби хабарии дар дарси гузашта таҳияшударо барои таблиғ дар шабакаҳои иҷтимоӣ тарроҳӣ кунед.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

Факти ҷолиб: Ба иттилои[16] Buzzsumo, 70%-и матолибе, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ гузошта мешаванд, як бор ҳам бознашр намешаванд.

Пажуҳишҳои зиёд нишон доданд, ки матлабҳои дорои муҳтавои мусбат назар ба матолиби дорои муҳтавои манфӣ комёбтаранд. Мардум бештар ба табодули чизҳои хубу илҳомбахш моиланд, на чизҳои баду нохуш (хабарҳо дар бораи ҷангу ҳодисаҳои нохуш ба гуруҳи дуюм шомиланд). Дар зер нишон хоҳем дод, ки кадом эҳсосҳо “бознашр”-ҳои зиёдтареро дар пай доранд (тибқи фарзияи хадамоти таҳлилии Buzzsumo[17]):




**Дарси видеоӣ**




Равоншиноси амрикоӣ Роберт Плутчик соли 1980 ҳашт эҳсоси асосӣ ва таҷрибаҳои мушкилтари марбут ба онҳоро муайян кард. Дар натиҷа ин гуна “давраи эҳсосот” ба миён омадааст. Ҳар қадаре, ки "давра" аз марказ дур бошад, сермаҳсулии таҷриба ҳамон қадар поинтар аст.

Акнун ҳолатеро тасаввур кунед, ки агар матлаб эҳсоси баланд ва манфиат (ё аҳамияти иҷтимоӣ)-еро дар бар гирад. Эҳтимоли зудпаҳншавии он чандин баробар хоҳад афзуд!

Ин ҷо намунаеро аз брендҳои тиҷории ҷаҳонӣ хоҳем овард, ки бо ҳар роҳ талош мекунанд, то навиштаҳояшон зудпаҳншаванда бошанд. Dove санҷиши иҷтимоиеро анҷом дода, ки ҳадафи он нишон додани фарқият дар биниши зебоии занҳо аст. Яъне, худи занҳо онро чӣ гуна мебинанд ва ба атрофиён чӣ гуна менамоянд.

Ин навор[18] эҳсоси баландеро бармеангезад ва аҳамияти иҷтимоӣ низ дорад, ки дар портали YouTube миллионҳо бинанда гирифтааст (гузинаи русии онро ҳудуди 4 миллион бор тамошо кардаанд).
Намунаи навиштаи зудпаҳншаванда[19] -и NowThis-и амрикоиро меорем. Онҷо дар бораи мушкили сахт - ҳамлаи маймунҳо гуфта шудааст, ки бештари сокинони шимоли Ҳиндустон рӯбарӯ шудаанд. Вале мушкил аз оне ки дар назари аввал менамояд, густурдатар аст. Приматҳо ба сокинони шаҳрҳо ҳамла мекунанд, зеро ягона муҳити онҳо - ҷангал маҳв карда мешавад. Ин навор инчунин, эҳсоси сахтеро дорост: тааҷҷуб ва ҳайратзадагӣ аз чизе, ки дида мешавад.

[16] https://d38owq8lfryn3c.cloudfront.net/wp-content/uploads/2018/02/27130953/BuzzSumo-ContentTrends-2018.pdf
[17] https://okdork.com/why-content-goes-viral-what-analyzing-100-millions-articles-taught-us/
[18] https://youtu.be/LMgAr2KgvLo
[19] https://www.facebook.com/watch/?v=386797591958784

# Чаро одамон муҳтаворо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба иштирок мегузоранд?

Пажуҳишҳои анҷомдодаи The New York Times 4 омили асосии ба иштирок гузоштани матолибро дар шабакаҳои иҷтимоӣ муайян кардааст[20].

1. **Шавқовар будан / Манфиат доштан.** 94%-и одамон матлаби нашршавандаи худро баҳогузорӣ мекунанд, ки он то куҷо барои хонандаҳояшон манфиат дорад ё ҷолиб аст.
2. **Ба роҳ мондани иртибот.** 78%-и корбарон барои дар иртибот будан бо онҳое иттилоъро ба иштирок мегузоранд, ки дар олами ғайримаҷозӣ имкони иртибот бо онҳоро надоранд.
3. **Ҷалбсозӣ.** 69%-и пурсидашудаҳо барои он матолибро бознашр мекунанд, ки бо ин роҳ худро дар равандҳои ҷаҳонӣ ҷалбшуда эҳсос менамоянд.
4. **Шахсиятсозӣ.** 68% гуфтаанд, нашри матлаб дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба обуначиёнашон имкон медиҳад, то беҳтар бидонанд, ки онҳо кӣ ҳастанд ва кадом мушкилиҳо онҳоро нигарон месозад.

*«Одамон алоқаманди хондан ё иштирокгузории муҳтавое ҳастанд, ки бо таҷриба ё ҳиссиёти худи онҳо, бо он чӣ ки кӣ ҳастанд ё кӣ мехоҳанд бошанд, пайвандӣ дорад. Онҳо муҳтавоеро ба иштирок мегузоранд, ки метавонад муносибатҳояшонро бо дигарон беҳбуд бахшад, боис шавад, ки онҳо ҳушманду ҳамдил ба назар бирасанд ё онҳоро ба беҳтарин шакл нишон бидиҳад».*

Эмили Фалк,
Раҳбари тадқиқот дар бораи "вирусишавии муҳтаво,
Annenberg School for Communication[21]

Бештари мардум наметавонанд худро нишон диҳанд (ё онҳо барои ин вақт надоранд). Шумо метавонед ин корро ба ҷойи онҳо анҷом диҳед. Худро ба ҷойи хонанда гирифта, матлаберо нашр кунед, ки дар "худнишондиҳӣ" кумак мекунад ва онҳо ҳатман мехоҳанд онро бознашр кунанд.

Аммо ҳамагуна матлабҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд дар шакли зарурӣ таҳия шуда бошанд. Ҳатто бузургтарин таҳқиқоти шумо, ки барои он моҳҳо вақту маблағи зиёд сарф кардаед, агар "тасвир"-и ҷолиб надошта бошад, бехонанда мемонад. Маҳз барои ҳамин дар расонаҳои замонавӣ ба SMM таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, мутахассисони лозимиро ба кор мегиранд. Сархат ва тасвири хуб ҳам метавонад дар паҳн шудани заифтарин матлаб мусоидат кунад.

Бино ба иттилои Buzzsumo, навиштаҳои аксдор дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук, ба ҳисоби миёна назар ба навиштаҳои беакс ду баробар бештар бознашр мешаванд:




## Ҷамъбаст

- Барои "вирусӣ" шудан матлаби шумо бояд дорои кадом як эҳсос бошад(баландтар бошад беҳтар);
- Матолиби муфид ва дорои муҳтавои маърифатӣ шонси бештари "вирусӣ" шуданро доранд;
- Барои нашри матлаб ва видео вақти муносибро ҳам бояд интихоб кард. Матн бо сарлавҳаи "8 сабаби имрӯз ба клуби шабона рафтан"-ро гумон аст, ки субҳи рӯзи душанбе касе бихонад. Ҳамчунин "тақдир"-и минбаъдаи матлаби шумо аз суръати писандидан ва бознашрҳое вобаста аст, ки дар дақиқаҳои аввал сурат мегирад;
- Ба ороиши дидорӣ (визуалӣ) ва навиштани сархати матлабҳо бештар таваҷҷуҳ кунед;
- Қоида, қоида аст, аммо дар ин кор як каме толеъ ва шонс зарар намекунад. Зеро баъзан як матлаб тамоман тасодуфан «вирусӣ» мешавад. Ин[22] матлаб метавонад намунаи хубе дар ин замина бошад.

[20] https://rb.ru/opinion/kotiki-zahvatili-internet/
[21] https://www.eurekalert.org/pub_releases/2017-02/uop-hyb022217.php
[22] https://slate.com/technology/2019/03/facebook-most-viral-story-texas-child-predator.html

# ДАРСИ 3.

# Барномарезии матолиб дар расонаҳои нав

**Мавзуъҳо:** Консепсияи “Маэстро”. Интихоби қолабҳои чандрасонаӣ.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Мавзуъ барои муҳокима дар шакли мизи гирд “Нюсфид, зеҳни сунъӣ: тарафҳои мусбат ва манфӣ”. Қаблан бояд 2-3 нафар ба ҳайси маърузакунанда омода шавад, омӯзгор метавонад нақши гардонандаро дошта бошад.

**Кори амалӣ:**

Тасаввур кунед, шумо соҳиби расонаи онлайнии шаҳрӣ ҳастед, ки онро маъмулан донишҷӯёни синни 16-25 мехонанд. Кӯшиш намоед, матолиберо дар мавзуъҳои зер бо усули “Маэстро” барномарезӣ кунед:

1. Дар шаҳри шумо арзиши роҳкиро дар нақлиёти ҷамъиятӣ якбора боло рафт, ин дар ҳолест, ки қаблан мақомот ваъда карда буданд, ба ин чиз иҷозат намедиҳанд.
2. Ҳукумати кишвари шумо эълон кард, ки барои донишҷӯён давраи таҷрибаомӯзиро созмон медиҳад, аммо шумораи ҷойҳо хеле маҳдуданд.

# МАВОДИ ЗАРУРӢ БАРОИ ОМӮЗГОР:

Тавре дар дарсҳои гузашта гуфтем, одамон пеш аз ҳама он чиро мехонанд, ки дар сархати хабарҳо мебинанд. Ба хондани матолибе авлавият медиҳанд, ки дар сархати хабарҳо мебинанд. Дар ин гуна ҳолат барои ноширон ояндадортарин равиш таҳияи матлаб барои доираи мушаххаси мухотабони мавриди ҳадаф мебошад. Дар ин росто на танҳо тамаркузи матлаб, балки жанри он низ тағйир меёбад.

Бештари расонаҳои интернетии муосир усули барномарезиро аз консепсияи "Маэстро" иқтибос гирифтаанд, ки ҳанӯз дар ибтидои солҳои 90-ум дар ИМА таҳия шуда буд. Қоидаи асосии он ин аст, ки рӯзноманигорон талош мекунанд, ба монанди хонандагонашон фикр кунанд. Онҳо барои ин кор се чизро иҷро мекарданд:

1. Моҳияти ояндаи саргузаштро кӯтоҳ тартиб медоданд (на бештар аз 20 калима). Бояд дақиқ дарк кард, ки дар бораи чӣ ва барои кӣ мегӯем;
2. Ба суоли хонанда ҷавоб меёбанд: “Хеле машғул ҳастам ва чаро ин матлаб дар миёни ҳазорҳо бояд диққати маро ҷалб кунад?”;
3. Се суоли асосиеро доир ба мавзуъ тартиб медиҳанд, ки нахустин шуда дар зеҳни хонанда ба вуҷуд меоянд. Мухотабон дар ин замина чиро мехоҳанд аввал бидонанд?

Натиҷаҳои бадастомада дар ҳамаи чаҳор "нуқтаи воридшавӣ"-и хонанда инъикос меёбанд: тасвир, сарлавҳа, сархат ва зерсарлавҳа. Ҳар яке аз ин унсурҳо худкифо буда, ба тасвири умумӣ мафҳуми иловагӣ ворид месозанд (ва ҳаргиз унсурҳои дигарро такрор намекунанд!)

**Дар навбати аввал, одамон ба тасвир, баъдан ба сарлавҳа, пасон ба зерсарлавҳа ва аз ҳама охир ба матн таваҷҷуҳ мекунанд.**

(тибқи натиҷаҳои тадқиқоти “Нигоҳ ба ахбор” (“Eyes on News”)

Баъд инро

**Аввал ту инро мехонӣ**

Баъд инро мехонӣ

Ва дар охир инро мехонӣ

Ҳангоми барномарезии матлаб зери ҳар як дархости хонанда бояд муносибтарин формати чандрасонаӣ оварда шавад. Коршиноси рус дар масоили расонаҳо Оксана Силантева ҷадвалеро тартиб додааст, ки ин интихобро осон мекунад[23]:

| Суоли хонанда | Формати муносиб |
|---|---|
| *Дар куҷо шудааст? Куҷо бояд рафт?* | Харита, нақша |
| *Чӣ гуна бояд буд? Чӣ кор бояд кард?* | Алгоритми амал, рӯйхати корҳо |
| *Чӣ гуна аст? Ба чӣ монанд аст?* | Гузориши аксӣ, слайд-шоу |
| *Чӣ гуна он оғоз шуд? Сабабу паёмадҳояш чист?* | Таймлайн |
| *Доир ба мавзуъ кӣ чӣ мегӯяд?* | Иқтибоси коршинос ё шоҳид, шарҳи ҳоли кӯтоҳ |

[23] http://newmedia2016.digital-books.ru/wp-content/uploads/2016/06/New-Media-2016.pdf

| Суоли хонанда | Формати муносиб |
|---|---|
| *Кадом гузинаҳо мавҷуданд?* | Раъйгирии дорои чанд интихоб, алгоритми амал, варақа ё суолҳое, ки бештар пурсида мешаванд |
| *Чӣ гуна сохта шудааст* | Инфографикаи навъи «предмет», акси интерактивӣ |
| *Ба кӣ бояд бовар кард?* | Рейтинг |
| *Имкони ироаи моҳият бо 2 калима вуҷуд дорад?* | Далели кӯтоҳ, арқом ва иқтибос дар шакли эзоҳ, варақаҳо ё суолҳои бештар пурсидашаванда |
| *Кай?* | Тақвим, таймлайн |
| *Имкони шарҳи муфассалтар вуҷуд дорад?* | Баргузидани нишониҳо, маълумотнома ва муҳтаво |
| *Чӣ гуна он рух дод?* | Видео, видеои интерактивӣ |
| *Чӣ гуна метавон таъсир расонд?* | Алгоритми амал, маълумотнома, қолаби суолҳо |

© Оксана Силантьева

Истифодаи консепсияи “Маэстро” ба рӯзноманигорон имкон медиҳад, ки навиштаҳои худро ба манфиат ва ниёзмандии доираҳои гуногуни мухотабон наздик сохта, ба тариқи муассир таваҷҷуҳи корбаронро ҷалб кунанд.

# ДАРСИ 4.
# Нақдинасозии расонаҳои нав

**Мавзуъҳо:** Манбаъҳои даромад барои расона. Таблиғоти аслӣ (табиӣ)

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** дар кишвари шумо кадом шеваҳои нақдинасозӣ истифода мешавад ва кадоме не, чаро?

**Кори амалӣ:**

Арзиши таблиғот ё рекламаро дар 10 расонаи нави кишвари худ маълум намоед. Таҳлил анҷом дода, платформаи нисбатан мувофиқро барои нашри мавзуъҳои зер интихоб кунед:

1. Лоиҳаи қонун, ки барои дастгирии тиҷорати хурд равона шудааст.
2. Гузаронидани чорабинии экологӣ барои тоза кардани минтақаи дорои аҳамияти иҷтимоӣ (масалан, боғ).
3. Маъракаи иттилоотӣ бар зидди хушунат нисбат ба занҳо.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 3 манбаи даромад барои расона

1. **Рекломдиҳандаҳо**
(барои нашри баннер, муҳтавои аслӣ ва тарҳҳои вижа пул медиҳад)

2. **Хонандаҳо**
(обуна мешаванд ё матолиби алоҳидаро меҳаранд, барои узвият дар клубҳо пул медиҳанд, хайрия мекунанд ё тавассути краудфандинг пул медиҳанд)

3. **Сармоягузор ва сарпарастҳо**
(кумаки давлатӣ, дотатсия, грантҳо, сарпарастӣ, кумакҳои хайриявӣ)

**Дарси видеоӣ**

**Нафъи таблиғоти аслӣ:**

- боиси озурдагии хонандаҳо намешавад
- ҳадафи масдудкунандагони таблиғот қарор намегирад
- эҳтимоли бознашри онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз сӯи корбарон мавҷуд аст
- таблиғоти аслӣ ба осонӣ миқёспазир аст ва ҳамагуна формат - акс, матн, видео ва ғ.-ро қабул мекунад.

Машҳуртарин расонаҳои ҷаҳонӣ аз қабили The New York Times, Wall Street Journal, Financial Times, нашрияи русии "Ведомости", телевизиони "Дождь", чопхонаи "Актион" (барои муҳосибон, ҳуқуқшиносон, мудирон ва намояндагони касбҳои дигар мавод нашр мекунад) навъҳои гуногуни обунаро бомуваффақият истифода мебаранд.

"Мо аз ҳисоби пули обуначиён фаъолият дорем ва рушд мекунем. Дар умум модели обунаро барои воситаҳои ахбори омма табиӣ медонем: танҳо он имкони ҳифзи мустақилиятро аз давлат, рекломдиҳанда ё сармоягузор медиҳад",-менависад[24] расонаи Republic, ки аз таҷрибаи дастрасии пулакӣ ба матолиб истифода мекунад.

Бештари нашрияҳо чун пештара модели ройгони дастрасӣ ба матолибро истифода мекунанд. Тибқи қоида, онҳо таблиғоти аслӣ (табиӣ) ва лавҳаиро ҷой мекунанд (нигаред ба расонаҳои "Медуза"[25] ё Inc[26]). Расонаи амрикоии Buzzfeed бар ин аст, ки иктифо кардан бо яке аз онҳо, тасмими дуруст нест. Ин расона дар аввал ба таблиғоти аслӣ иктифо ва аз нашри лавҳаи таблиғотӣ худдорӣ кард, вале ду сол пеш аз фикри худ[27] гашту лавҳаҳоро баргардонд.

## Кай хонандагон ҳозир ба пардохти пул барои иттилоъ хоҳанд буд?

Садоқат ё вафодории зиёд ба бренд ё номи тиҷорӣ

Мавҷуд набудани рақобат дар навъи тиҷорат ва ҷойгоҳи интихобшуда



Арзишмандӣ ва кайфияти болои иттилоот

Дастрасии осон ба расона ё манбаи иттилоърасонӣ .

[24] https://republic.ru/about
[25] https://meduza.io/static/ads/mdz-mediakit-06-18-rus.pdf
[26] https://storage.yandexcloud.net/incrussia-prod/wp-content/uploads/2019/07/Inc.-Media-Kit-2019.pdf
[27] https://www.sostav.ru/publication/buzzfeed-vozvrashchaet-reklamnye-bannery-28086.html

# Барои даромади бештар чӣ бояд кард?

Аз таҷриба кардан наҳаросед ва равиши мағруронаро канор гузоред: “Мо расона ҳастем ва танҳо тавассути матлаб даромад ба даст меорем”. Бояд ҷустуҷӯ кард, ки мухотабон боз барои чӣ омодаанд, пардохт кунанд.

1

Бояд донист, ки мухотабон дар куҷо ва бо чӣ зиндагӣ мекунанд. Ҳамеша дар канорашон бояд буд. Талаботи мухотабонро ҳамеша таҳлил ва муайян кард, ки дар миёни онҳо чизе барои даромад ба даст овардан ҳаст ё не.

2

Танаввуъ кардани манобеи даромад.

3

Бо форматҳои таблиғот таҷриба бояд кард, то даромад аз он аз даст наравад.

4

Дурнамои матлабҳои пулакиро бояд дар хотир дошт. Барои ин бояд ба мухотабони мавриди ҳадаф тамаркуз кард ё маводи алоҳидае таҳия кард, ки барои он пардохт карданианд.

5

Ҷустуҷӯи роҳҳои касби даромад дар ҳама платформаҳое, ки онҷо расонаҳо ҳастанд. Дар ҳоли ҳозир шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо ҳастанд, дар оянда шояд вазъ тағйир ёбад.

6

Дар фурӯш афродеро ҷамъ бояд кард, ки метавонанд бо мухотабон кор кунанд ва бидуни талафот онро ба таблиғотдиҳанда фурӯшанд. Боварии хонанда ва сифати бренд омилҳое ҳастанд, ки барои касби даромад мусоидат мекунанд.

7

Дар асоси матлаби пажуҳиши саҳроии ширкати расонаӣ аз Mail.RuGroup[28].

[28] https://media.mail.ru/money/

# КУРСИ "КОР ДАР БАХШИ РАСОНАҲОИ ИҶТИМОӢ"

**МУАЛЛИФ:** Всеволод Пуля (Русия), сардабири Russia Beyond

**МЕТОДИКА:** лексия, семинар, дарсҳои амалӣ

**РАВИШ Ё УСУЛИ ДАРС:** Курс малакаҳои истифодаи шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун платформа барои фаъолияти рӯзноманигорӣ ташаккул медиҳад. Хусусиятҳои форматҳо, ҷалби мухотабон ва пайгирии самаранокии кор дар шабакаҳои иҷтимоиро шарҳ медиҳад.

**ДАВОМНОКӢ:** 6 соати академии дарсҳо дар аудитория; 8 соат кори мустақилона

**МАВОДИ ЗАРУРӢ:**
Барои омӯзгор: экран, проектор, ноутбуки пайванд ба Интернет барои нишон додани мисолҳо. Барои донишҷӯён: ноутбук/смартфони пайванд ба Интернет барои мутолиаи адабиёти тавсияшуда ва иҷро кардани вазифаҳои амалӣ.

**АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ:**

“Алгоритмҳои ғаразнок: Сензураи технологӣ чӣ тавр кор мекунад?: https://jrnlst.ru/tech-censorship

“5 тасаввуроти ғалат дар бораи кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ”: https://jrnlst.ru/5-misconceptions

“Мо ҷиддӣ тасмим гирифтем, ки бо шабакаҳои иҷтимоӣ кор кунем”: https://jrnlst.ru/play-social-network

“Эволютсияи SMM-и редаксионӣ”: https://jrnlst.ru/evolution-smm

“Мемедия”: https://memepedia.ru

“Engagement rate: тарзи дурусти ҳисоб кардани ҷалбшавии корбарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ”: https://popsters.ru/blog/post/55

“Надонистани аудиторияи худ гарон тамом мешавад”: https://jrnlst.ru/ne-znat-svoyu-auditoriyu-smertelno-dorogo

2

# ДАРСИ 1.

# Усули liquid media барои кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ. Чӣ тавр бояд шабакаҳои иҷтимоиро барои кор интихоб кард?

**Мавзуъҳо:** Ҳадафҳои кори рӯзноманигорон дар шабакаҳои иҷтимоӣ. Liquid media чист? Чӣ тавр платформаи муассирро бояд интихоб кард?

**Кори амалӣ:** дар натиҷаи таҳлил платформаҳои нисбатан мувофиқ барои расонаҳо дар шабакаҳои иҷтимоиро, ки шумо онҷо кор мекунед (мекардед) ва ё навиштаҳои онро пайгирӣ мекунед, пешниҳод намоед.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Ҳадафҳои кори рӯзноманигорон дар шабакаҳои иҷтимоӣ

Дар оғози даҳаи дуюми асри XXI консепсияи “360 дараҷа” хеле маъруф шуд. Он пешбинӣ мекард, ки иттилоъ бояд давродавр, бо шумораи ҳадди аксари дастраси каналҳо нашр шавад. Мутаасифона, бештари расонаҳо инро нодуруст фаҳмиданд, онҳо тасмим гирифтанд, ки иттилоъ дар ҳамон як шакл бояд дар платформаҳои гуногун – нашрия, сомона ва ё шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда шавад.

Дар натиҷа, бештари рӯзноманигорон ҳанӯз ҳам бо шабакаҳои иҷтимоӣ нодуруст кор мекунанд – онҳо фикр мекунанд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ мисли як қифе ҳастанд, ки бояд корбаронро ба платформаи асосӣ, яъне сомонаи онҳо биёрад. Дар натиҷа, бештари шабакаҳои иҷтимоии марбут ба расонаҳо имрӯзҳо дилгиркунанда ҳастанд, мисле ки барои одамон сохта нашудаанд. Соҳибрасона фикр мекунад: “шабакаҳои иҷтимоӣ ин занҷираи пайванд ё истинодҳо аст, иттилооти аслӣ ва табодули асосӣ дар сомонаи ман сурат мегирад”. Аммо ин усул бо далелҳои зиёде кор намекунад.

Аввалан, имконияти шабакаҳои иҷтимоӣ хеле васеътар аз он аст, ки корбаронро ба сайти шумо роҳнамоӣ кунад.
Баъдан, алгоритми бештари шабакаҳои иҷтимоӣ тавре сохта шудаанд, ки пешниҳоди матолиби дорои пайвандҳо ба манобеи беруниро коҳиш медиҳанд.

Чаро чунин мешавад?

Барои он ки менеҷерҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам аз рӯйи ин мантиқ кор мекунанд: корбарон бояд бештари вақти худро бевосита дар дохили ҳамин шабакаи иҷтимоӣ бигзаронанд, пайвандҳои таблиғотиро нохун бизананд ва бо ин роҳ ба онҳо пул биёранд, на ин ки ба сомонаҳои дигар бираванд.

**Дарси видеоӣ. Ҳадафҳои кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ.**

Сеюм, худи корбарон аллакай одат кардаанд, ки ба ҷойе нарафта, иттилоъро бевосита аз дохили шабакаҳои иҷтимоӣ дарёфт кунанд.

Барои ин имкониятҳои гуногуни мусоид ҳам доранд, масалан, баъзе платформаҳо манбаъҳои беруниро махсусан барои худ нусха мебардоранд.

Шумо ин фановариҳоро медонед, масалан Facebook Instant Articles, Google AMP ва ё Яндекс-Турбо. Дар омади гап, дар бештари минтақаҳои Осиёи Марказӣ корбарон барои сарфа кардани трафик зиёд ба манобеи берунӣ намегузаранд.

Билохира, чорум, шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Онҳо имконият ва мухотабони гуногун доранд, барои таҳияи муҳтаво ва барои иртибот бо корбарон абзорҳои мухталиф доранд. Масалан, дар Вконтакте нашр кардани подкаст роҳаттар аст, дар Телеграм бошад, мешавад назарпурсӣ анҷом дод.

## 2. Равиши “расонаҳои моеъ”

Бо назардошти ҳамаи ин сабабҳо ба ҳар шабакаи иҷтимоӣ ҳамчун “сафорати шумо дар он” муносибат кардан душвор аст. Дар асл, ҳар платформа бояд барои шумо маҳсули алоҳидае бошад бо консепсия, идея ва нақшаи муҳтавоии хоси худ. Мо чунин равишро liquid media ва ё «расонаҳои моеъ» меномем.

Зеро об ҳолатҳои гуногуне дорад, мисли моеъ, сахт, газмонанд ва метавонад қатра-қатра дар ҳама ҷо бирезад.
Платформаҳои алоҳида ҳам барои брендҳои расонаӣ айнан ба ҳамин шакланд – онҳо бояд бо консепсия ва мунтазамии матолибашон фарқ кунанд.

Масалан, мо дар Russia Beyond дар YouTube-канали худ наворҳои видеоӣ-эксплейнерҳои тӯлонитар, ки худамон таҳия кардаем, нашр мекунем, инчунин стримҳоро бо ровиҳо доир ва пахш менамоем, тақрибан ҳар ҳафтае ду навор.

https://www.youtube.com/c/RBTHvideo/videos




*Намогирифт YouTube*

Ҳамзамон, дар фейсбукамон ҳар рӯз чандин кэпшн-видеоҳо нашр мекунем, ки онҳоро бештар вақт дар асоси мухтавое, ки иҷозаташро аз шахсони сеюм ё ҷониби сеюм гирифтаем, таҳия менамоем.

https://www.facebook.com/russiabeyond/videos/

Ин ҳеҷ бадие надорад, баръакс, имкон медиҳад, ки хавфҳо коҳиш дода шаванд.

Шояд мепурсед: хуш, агар ҳама чӣ ин қадар душвор бошад, ҳама чӣ ин қадар мутафовит бошад ва шабакаҳои иҷтимоӣ моил набошанд, ки бо мо иртибот дошта бошанд, шояд аз баҳри кор дар онҷо комилан бароем ва он платформаҳоеро рушд диҳем, ки тахти назорат дорем, яъне сайти худамонро, ба алгоритми шабакаҳои иҷтимоӣ, ки аз мо фоида мебинанд, такя накунем?

Пинҳон намекунам, ки чунин фикрҳо ҳоло дар сари бештари соҳибрасонаҳо мечарханд, махсусан дар ҳоле ки платформаҳо сиёсати худро дар қиболи пешниҳоди алгоритмии матолиб сахттар мекунанд.

Бо ин пешниҳоди алгоритмӣ чӣ иттифоқ афтодааст?

Чунин шудааст, ки платформаҳоро таҳиягарони мухтаво ва маълумот «сер кунондаанд».

Дар оғози мавҷудияти худ онҳо ба мо – таҳиягарони мухтаво ниёз доштанд, то мухотабонро ҷалб намоянд.

Агар дар хотир дошта бошед, Фейсбук ҳатто барои таҳиягарони муайяни видео барои дар бахши Watch нашр кардани мухтавояшон пул медод.

Аммо баъдан таҳиягарони мухтаво ва матолиб аз ҳад зиёд шуданд.
Таваҷҷуҳ ва фурсат барои истифодаи ин ҳама мухтаво барои корбарон кофӣ набуд ва шабакаҳои иҷтимоӣ пешорӯи дилемае қарор гирифтанд.

Чӣ тавр бояд муайян кард, ки кадом мухтаво сазовори таваҷҷуҳи мухотабон ҳастанд?

Дар ин росто алгоритмҳои ба қавле “ҳушманд” ба майдон омаданд, ки вобаста ба иртибототи одам тасмим мегиранд.

Агар матлаб барои теъдоди кофии одамон ҷолиб буд, пас биёед онро минбаъд ҳам намоиш медиҳем.

Аммо омили аслӣ маблағ ҳам ҳаст, агар шумо омода ҳастед, ки барои ҷалби бештари корбарон ҷиҳати дидани матолибатон пул пардохт кунед, пас ҳаққи «шаби аввал» бо корбаронро дарёфт мекунед.




*Намогирифт Facebook*

Яъне, ҳатто матлаби бумӣ - масалан, видеоеро, ки корбар мустақиман дар Фейсбук тамошо мекунад, ба чашми бинанда расонидан душвор аст. Дигар чӣ ҷойи гап дар бораи пайванде, ки хавфи ба сайти дигар бурдани ин тамошобинро дорад. Дар чунин шароит, танҳо ба як шабакаи иҷтимоӣ такя кардан хатарнок аст. Чӣ мешавад, агар пагоҳ алгоритмҳо иваз карда шаванд ё барои таблиғи матолиб маблағи бештаре талаб гардад? Ана барои ҳамин, дар ҳама ҷо бояд нақши худро гузошт ва платформаҳои худиро тавсеа бахшид.

# 3. Интихоби платформаҳои мувофиқ

Дақиқан, журналистон мепурсанд, ки – хеле хуб, аммо чӣ тавр бояд шабакаҳои иҷтимоиро барои кор интихоб кард? Имкон надорад, ки даҳ платформаи мухталифро муваффақ тавсеа бидиҳем. Аммо ин зарур ҳам нест. Шуморо лозим аст, ки хостаҳои мухотабони худро бо манобеи худатон муайян намоед ва майдони мутавозинеро барои кор интихоб созед.

Бар пояи пажуҳиши Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ дар Осиёи Марказӣ, ки соли 2019[1] анҷом шуд, шабакаҳои иҷтимоӣ манбаи муассири ахбор дар минтақа ба ҳисоб меравад. Барои Узбекистон ва Тоҷикистон Фейсбук ва барои Қирғизистону Қазоқистон Инстаграм шабакаи иҷтимоии асосӣ маҳсуб меёбад. Паёмрасон ё мессенҷерҳо низ дар табодули хабарҳо дар минтақа хеле фаъоланд. Ватсап, Вайбер ва Телеграм хеле маъруфтаранд. Яъне, вобаста аз он ки дар кадом кишвар кор мекунед, ин майдонҳо барои шумо асосӣ ба ҳисоб мераванд. Аммо агар барои рушди платформаҳои иловагӣ имконият доред, пас кушиш намоед, ки чунин як машқеро анҷом бидиҳед: дар як варақ тамоми платформаҳои берунии дастрасро, ки имкони кор дар онҷоро доред, нависед ва вобаста ба ҳар кадоми он чанд савол бидиҳед. Саволҳо, масалан метавонанд чунин бошанд:

- Оё махсусиятҳои ин шабакаи иҷтимоиро медонед?
- Бо он кор карда метавонед?
- Оё абзорҳои онро медонед?
- Оё мухотабони шумо дар ин шабакаи иҷтимоӣ ҳузур доранд?
- Оё ин шабакаи иҷтимоӣ ба нафъи шумо кор мекунад?

Баъди ҷавоб гирифтан ба ин саволҳо дар шумо рӯйхати платформаҳои ояндадор пайдо мешавад. Талош кунед, ки корро аққалан аз ду ё се шабакаи иҷтимоӣ оғоз кунед. Ҳоло, дар миёнаҳои соли 2020 ба назари ман платформаҳои нисбатан ояндадор барои тарҳҳои рӯзноманигорӣ Instagram ва YouTube ҳастанд. ВКонтакте, Фейсбук, Яндекс.Дзен ва Телеграм нисбатан камтар. ТикТок ҳам метавонад дурнамои хуб дошта бошад, агар шумо махсусиятҳои муҳтаво ва мухотабони онро дарк карда тавонед.

Масъалаи асосӣ ба маблағ вобаста аст – бархеноширон бар инанд, ки бо мухотабони берунии шабакаҳои иҷтимоӣ маблағ ба даст овардан ғайриимкон аст. Аммо чунин нест. Аввалан, бештарини платформаҳо имконияти худкори нақдинасозӣ доранд – шабакаҳои худии таблиғотӣ, ки мешавад дар матлаби худ онҳоро фаъол кунед.

Дуюм, бештари платформаҳо ба нашри ба қавле интегратсияҳо мусбат бархӯрд менамоянд, яъне вақте шумо силсилаи матолиби ба як маҳсулот ва ё кадом як хизматрасонии рекломдиҳандаро анҷом медиҳед ва ё дар матолиби худ ин маҳсулот ва ё хизматрасониҳоро ишора мекунед.

Бештари блогерони муваффақи Ютуб пештар аз ҳама, аз ҳисоби интегратсия пул кор мекунанд, аммо ҳамзамон фаъол кардани нақдинасозии худкори наворҳои видеоии худро фаромуш накунед.

**Хуш, биёед ончиро ки дар ин дидор фаҳмидем, натиҷагирӣ мекунем. Шабакаҳои иҷтимоӣ ва майдонҳои берунӣ барои ҳар расонае бо ин чор далел лозим ҳастанд:**

**Аввалан, барои тавсеа додани аудитория,**

**Дуюм, барои коҳиш додани вобастагии танҳо яке аз ду манобеи трафики берунӣ,**

**Сеюм, барои таҳияи маҳсули нав**

**...ва чорум, барои аз ин маҳсул маблағ ба даст овардан!**

Дар хотир дошта бошед, барои дар шабакаҳои иҷтимоӣ муассир кор кардан ва то ҳадди лозим манфиат бардоштан бояд вижагиҳо ва манфиатҳои онҳоро ба назар бигиред.

Танҳо ба ин васила шумо метавонед аз онҳо ба ҳадди ниҳоӣ манфиат бардоред ва барои обуначиёни худ дар ин шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳадди ниҳоӣ чизе бидиҳед.

[1] https://school.cabar.asia/ru/books/issledovanie-potreblenie-novostnyh-materialov-v-internete-v-centralnoj-azii/

# ДАРСИ 2.

# Ҳангоми кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар як корманд бояд чӣ нақше дошта бошад?

**Мавзуъ:** Модели кори ВАО бо шабакаҳои иҷтимоӣ.
Равиши кор бо шабакаҳои иҷтимоии Russia Beyond.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:**

Мубоҳиса: ҷудо будани SMM аз рӯзноманигорӣ: тарафдор ва муқобил.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

Шеваҳои мухталифи тақсимоти меҳнат дар редаксияҳо вуҷуд доранд ва онҳо ба ҳаҷми мухтаво, ба теъдоди одамон ва маблағ вобастаанд.

Моделҳои зерин нисбатан маъмул ҳастанд:

- Аввалӣ тақсимоти қатъии меҳнатро пешбинӣ мекунад. Шуъбаи SMM вуҷуд дорад, ки дар он як ё чанд нафар кор мекунад ва амалкарди он бо кормандони дигари редаксия ҳеҷ бархӯрде надорад.
- Модели дуввум пешбинӣ мекунад, ки баръакс, тамоми кормандони редаксия бо шабакаҳои иҷтимоӣ кор мекунанд ва ҳеҷ як шуъбаи SMM нест.
- Модели сеюм пешбинӣ мекунад, ки барои канал (ё барои гурӯҳи каналҳо)-и паҳнкунанда масъул вуҷуд дорад, мухтаво барои онҳоро бошад, тамоми редаксия таҳия мекунад. Равишҳои таркибию омехта ҳам имконпазиранд.

Масалан, дар Russia Beyond шуъбаи SMM вуҷуд дорад, ки онҷо се нафар кор мекунад ва вазифаи онҳо – таҳлили трендҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, пайгирии динамикаи рушди аудитория дар шабакаҳои иҷтимоӣ, тавсеаи каналҳои иҷтимоии мо ва банақшагирии матолиб мебошад.

Инчунин, онҳо дар асоси маълумотҳои бузург ҷадвалҳое тартиб медиҳанд, ки бо ёрии онҳо мо вақти нисбатан муносиберо барои нашри матолиб муайян мекунем.

Онҳо инчунин, метавонанд худашон ҳам шарҳу паёмҳое нависанд ва ё ба матлаби журналистӣ пешсухан пешниҳод намоянд.

Аммо дар маҷмуъ, дар мо барои мухтаво дар шабакаҳои иҷтимоӣ худи муаллифон масъул ҳастанд. Маҳз онҳо матолиби худро бо пешсухан барои шабакаҳои иҷтимоӣ ба муҳаррир пешниҳод мекунанд ва ҳамроҳ онро такмил медиҳанд. Онҳо тасвирро барои cover (саҳфаи мухтасари мавод), барои муқова, яъне он чӣ ки дар сниппет (порчаи дар ҷӯсторҳо инъикосшаванда)-и мавод дар шабакаҳои иҷтимоӣ дохил мегардад, хеле хӯрдагирона интихоб менамоянд. Чунки онҳо хеле хуб дарк мекунанд, ки аз муваффақияти матолиби онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ боздидҳову фарогирӣ, ҷалби корбарон ва умуман вокунишҳое, ки он ба вуҷуд меорад, вобаста ҳастанд.

Аммо масъулияти онҳо бо ин тамом намешавад. Мо аз муаллифон ва муҳаррирони худ даъват мекунем, ки тамоми шарҳҳоеро, ки корбарон зери матолиб дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузоранд, бихонанд, ба саволҳо ҷавоб нависанд, ба мубоҳиса бипардозанд ва баъзан мустақилона чунин мубоҳисаҳоро шуруъ кунанд.

Дарси видеоӣ. Нақши кормандон.



Why do some Orthodox Russians convert to other religions?



This designer's gadget will soon 'LICK' you clean. Seriously



Siberian tiger vs grizzly bear - Who would win?



Where is the northernmost Russian Orthodox church on the planet? (PHOTOS)



10 beautiful Russian folklore paintings by Viktor Vasnetsov



10 BIZARRE home designs from Russia you'll wish you'd never seen (PHOTOS)



What other nations think of Russia




7 things you should NEVER do in the Moscow Metro



8 Reasons why being Russian is hard (Op-Ed)



The unwritten rules of Moscow: Part 2

*Намогирифтҳо аз Russia Beyond*

Алгоритми бештари шабакаҳои иҷтимоӣ тавре дуруст шудаанд, ки барои онҳо муҳимтарин ченак вақти бо матлаб гузарондаи корбар ба ҳисоб меравад.

Вақтро чӣ тавр бояд бештар кард? Чизе бояд навишт ё сабт кард, ки хонандаро маҷбур кунад, на танҳо онро бихонад, балки зери он шарҳ низ бинависад. Аз ин хотир, дар ҷаласаҳои ҳарҳафтаинаи худ муаллифон ҳамеша мегӯянд, ки зери навишта ва наворҳои онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ чӣ қадар шарҳ гузошта шуд, хонандаҳо чӣ навиштанд.

Мутаассифона, ман редаксияҳои зиёдеро дидаам, ки ба «тақсимоти қатъии меҳнат» бовар доранд. Онҳо бар инанд, ки масъулияти журналист баъди он ки муҳаррир матни ӯро гирифт, ба анҷом мерасад. Дар идома бигзор SMM-иҳо онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кунанд, шеваи пешниҳоди онро фикр кунанд ва шарҳҳои зери онро бихонанд.

Ба ғайр аз он ки чунин шева фосилаи байни муаллифон ва мухотабонро дур мекунад, имкон намедиҳад, ки хонандаҳои худро ба ҳадди лозим эҳсос кунанд, боз он аз нигоҳи менеҷерӣ ҳам муассир нест.

Худатон як фикр кунед: масъули SMM барои он ки пешсухани хубе нависад, бояд дасти кам матнро (аққалан қисман) бихонад, онро дарк кунад, далелҳои ҷолибро ҷудо намояд, ягон чизе фикр кунад, ки дар сарлавҳа ва лид такрор нашуда бошад (онҳо бе ин ҳам вориди сниппет мешаванд) ва пешсухани ҷолиберо барои нашр пешниҳод кунад.

Маълум аст, ки дар лобалои матнҳои зиёд ва ҳаҷми бузурги муҳтаво, SMM-иҳо баъзан танбалӣ мекунанд ва пешсуханҳое таҳия мекунанд, ки ҷолибу хонданӣ нестанд ва таваҷҷуҳи корбаронро ҷалб намесозанд, аммо барои муаллиф анҷом додани ин кор хеле соддаву роҳаттар аст, вай аллакай вақти худро барои таҳияи матлаб сарф кардааст, аллакай далелҳои ҷолибро медонад, ки бар иловаи сарлавҳаи матлаб чӣ чизе метавонад таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб созад.

Маҳз барои ҳамин ба матнҳое, ки муаллифон барои Russia Beyond пешниҳод мекунанд, пешсухан барои Фейсбук мисли сарлавҳа ва лид унсури ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

Бар иловаи шарҳу пешсухан, муаллифони мо муассирии матолиби худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайгирӣ мекунанд. Мо дар ин бора дар суҳбати шашуми худ бо шумо муфассалтар суҳбат мекунем, аммо ҳоло танҳо ишора мекунам, ки барои муаллифон ва муҳаррирон пайгирии «ба дигарон қисмат кардан», «лайкҳо» ва дигар нишондиҳандаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ аз боздидҳо дар сомона камтар аҳамият дорад, зеро аз лаҳзаи муайян шумо онҷо баъзе қонуниятҳоеро мушоҳида мекунед.

Ҳар қадар ки одамони бештар ин қонуниятҳоро назора кунанду онҳо зиёдтар бошанд, ҳамон андоза беҳтар аст, чунки дар ниҳоят ин ба интихоби шумо таъсир мегузорад, шумо мавзуъҳои нисбатан муассир ва ҷолиберо барои пайравон (обуначиҳо)-и худ интихоб мекунед.

Мутаассифона, алъон низоми худкоре сохта нашудааст, ки муваффақият ва ё нокомии кадом як матлаберо дар шабакаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ кунад, назорати дастӣ лозим аст.

Аз ҷумла барои он ки алгоритмҳои шабакаҳои иҷтимоӣ пайваста тағйир меёбанд.

Яке аз уҳдадориҳои дигар, ки муаллифон ва муҳаррирон ҳангоми кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ зиёдтар бар уҳда мегиранд, азнавбастабандӣ мебошад.

Олӣ аст, агар шумо имкон дошта бошед, ки як ё чанд нафарро барои рушди масалан, танҳо Instagram ба кор бигиред.




*Намогирифтҳо аз Russia Beyond*

Аммо бештари редаксияҳо чунин имкониятро надоранд, аз ин рӯ, масъулияти рушди шабакаҳои иҷтимоии алоҳида ба шонаи боз ҳамон журналистон меафтад. Шеваи одитарини рушди ин шабакаҳои иҷтимоии алоҳида барои онҳо таҳия кардани муҳтавои бумӣ мебошад – дар бораи он дар дидори оянда муфассалтар хоҳем гуфт. Шеваи одитарини дарёфти ин муҳтавои бумӣ – бастабандии он чизе ҳаст, ки аллакай дар платформаҳои суннатии журналистӣ – нашрия, эфири телевизион ва ё радио нашр шудаанд.

Хуш, тасаввур кунед, ки фарз кардем, шумо матлабе дар бораи оқибатҳои пандемияи коронавирус доред. Чӣ тавр онро мешавад дар Instagram нашр кард – онҷо-ку матни иборат аз 5000 аломатро ҷой кардан имкон надорад?

Шумо метавонед панҷ оқибати асосиро интихоб намуда, вобаста ба ҳар кадоми он тасвири мувофиқеро пайдо кунед ва чархофалаки аксии иборат аз панҷ «мураббаъча» бисозед, ки дар ҳар кадоми он матни мувофиқе навишта шудааст ва онро дар Instagram нашр кунед. Дар поин бошад, нависед, ки шакли комили матлабро метавонед дар сомонаи мо мутолиа кунед. Албатта, ҷой додани пайванди матлабро дар профили Instagram фаромуш насозед. Дуруст аст, ки на ҳамаи онҳое ки ин матлабро дар Instagram мебинанд, дар сайти шумо онро мехонанд.
Аммо ин ба мо лозим ҳам нест, худи ҳамин ки ин одамон дар Instagram аллакай ин панҷ оқибати пандемияи коронавирусро мебинанд, бо хулосаҳои асосии шумо шинос мешаванд, мақсади матлаби шуморо дарк мекунанд, кофист.

Мо дар Russia Beyond чанд муддат аст, ки аз муаллифон ва шӯъбаи SMM хоҳиш мекунем, ҳамарӯза аққалан як матлабе омода кунанд, ки дар асоси муҳтавои сайтамон таҳия шудааст ва мутаносибан онҷо пайванди гузариш ба сомонаро мегузорем ва мебинем, ки ин стратегия кор мекунад, зеро трафик аз Instagram ба сомона боло рафтан дорад, фарогирии матолиб дар худи Instagram ҳам бештар шудааст.


10 facts about the ONLY USSR Olympic Games in history (PHOTOS)

HISTORY JULY 19 2020 BORIS EGOROV

Opening Ceremony for the 1980 Olympic Games.
Global Look Press

81

The United States and its allies didn't show up to the 1980 Summer Olympics in Moscow, due to the diplomatic standoff over the war in Afghanistan. The USSR responded by boycotting the following Games, which took place in Los Angeles in 1984.

1. When Moscow was granted the honor of hosting the 22nd Summer Olympic Games in 1980, it beat the Los Angeles Olympic Committee in the running. This became the first time in history the games would be held in a socialist country in Eastern Europe.

Sportsmen from the USSR, Denmark and Guyana in Olympic Village.
Yuri Belinsky/TASS

2. When the Soviet government calculated the costs, the feeling of triumph faded rather quickly. One version of events claims that General Secretary Leonid Brezhnev even mulled 'quietly' rejecting the honor of hosting the games. However, with the country's prestige on the line, this would not have been a good look. So, one way the Soviets planned to offset the gigantic spending was to hold a national lottery, with proceeds going a long way to helping with the enormous bill. When, in 1980, International Olympic Committee (IOC) president Micheal Killanin arrived in Moscow, head of the Soviet government Aleksey Kosygin told him: "Had I known what the Olympic Games was, I would never have given my blessing to hold the event."

*Намогирифтҳо аз Russia Beyond*

Фаромуш намекунем, ки имрӯз ҳар одам – як расона аст. Аз ин рӯ, албатта ҳар корманди редаксия бояд дар саҳфаҳои инфиродии худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳам матолиби худ ва ҳам матолиби ҳамкасбонашро нашр карда, бо ин васила фарогирии онҳоро бештар кунад.

## Биёед, натиҷагирӣ мекунем.

**Аввалан, он редаксияҳое нисбатан муваффақанд, ки дар онҳо кормандони бештаре ба фаъолият дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаро гирифта шудаанд.**

1

**Дуюм, сатҳи ин робитаро ба таври ухдабароёна танзим кардан мумкин аст, аммо дар маҷмуъ рӯзноманигорон бояд барои муҳтавои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ масъулият эҳсос намоянд.**

**Сеюм, ухдадорие, ки дар борааш мешавад фикр кард ин навиштани пешсухан барои матолиб;**

**таҳлили муассирии ин матолиб;**

**кор бо шарҳи корбарону ҷалби мухотабон;**

**бастабандии муҳтаво ва паҳн кардан (яъне, бознашр)-и муҳтавои худ ва идораатон дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад.**

3

# ДАРСИ 3.
# Таҳияи муҳтавои бумӣ барои шабакаҳои иҷтимоӣ

**Мавзуъҳо:** Чаро дар шабакаҳои иҷтимоӣ танҳо пайвандҳоро нашр кардан мумкин нест? Аксҳо, сторис, мемҳо, видео ва форматҳои дигар. Муҳтавои “ҳамешасабз”.

**Кори амалӣ:**

**Вазифаи 1.** Форматҳои шабакаҳои иҷтимоиеро, ки расонаҳои маҳаллӣ истифода мебаранд, таҳлил кунед.

**Вазифаи 2.** Рӯйхати 10 мавзуи “ҳамешасабз”-ро тартиб бидиҳед ва барои дар Фейсбук нашр кардани онҳо лид бинависед.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Форматҳои муҳтавои бумӣ

Мо аллакай гуфтем, ки шабакаҳои иҷтимоӣ муҳтавои бумӣ, яъне матолиберо, ки махсус барои истифода дар дохили ин шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо таҳия шудаанд, дӯст медоранд.  Аз пайвандҳо дида бештар меписанданд. Алгоритмҳои онҳо тавре насб шудаанд, ки чунин муҳтаворо назар ба пайвандҳо ба манобеи берунӣ бештар ва ба шумораи зиёдтари одамон нишон бидиҳанд.

Инҷо мантиқ фаҳмо аст, шабакаҳои иҷтимоӣ намехоҳанд, ки одамон аз онҳо ба ҷойи дигар бираванд.

Мо намунаи зиёди ҷамъиятҳои бузургро мебинем, ки танҳо бар асоси муҳтавои бумӣ бунёд ёфтаанд.

Аммо ман ба ҳеч ваҷҳ намехоҳам исрор варзам, ки бояд стратегияи кор дар шабакаҳои иҷтимоиро танҳо ба муҳтавои бумӣ равона кард. Агар яке аз ҳадафҳои шумо бештар кардани трафики сомона бошад, пас ҳатман пайванди сайти худро аз он ҷумла, дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кунед. Хуб? Чунки мағзи гап дар ин аст, ки ТАНҲО нашр кардани пайвандҳо роҳи ҳал нест. Тавозунро риоя кунед, нақшаи муҳтавое тартиб диҳед, ки дар он менависед, рӯзона чӣ қадар пайвандҳо нашр мекунед ва чӣ қадар муҳтавои бумӣ.

Мо дар Russian Beyond пайвандҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ тақрибан ба ҳар матне, ки нашр мекунем, ҷой медиҳем. Ин барои мо трафики кофӣ меорад: тақрибан 18%-и тамоми трафик, ки сайти мо ба даст меорад, аз Фейсбук мерасад ва ин нишондиҳанда нисбат ба ҳисоби миёнаи бахши хабарӣ, тафреҳӣ болотар аст.
Аз ин рӯ, ҳар ҳолат беназир аст ва эҳтимолан дар мисоли шумо Фейсбук ва ё дигар шабакаҳои иҷтимоӣ омодаи қисмат кардани ҳиссаи трафики бештар ба сайт бошанд.




*Намогирифтҳо аз Russia Beyond*

**Дарси видеоӣ. Таҳияи муҳтавои бумӣ барои шабакаҳои иҷтимоӣ**

Бар илова набояд фаромуш кард, ки Фейсбук имкони истифодаи абзорҳои Instant Articles ва ё мақолаҳои фаврӣ, матолиби фавриро медиҳад. Амалан, шумо тавассути ҷараёни ЗРЗС дар серверҳои Фейсбук нусхаи тамоми матолиби сайти худро ҷой мекунед ва ҳангоми фаъол шудани лентаи корбарии Фейсбук, корбар на танҳо пайванд ба матни шумо, балки сабти матни комилро ҳам боргирӣ мекунад ва вақте ӯ ба сарлавҳаи писандидааш нохун мезанад, онҳо дарзамон боз мешаванд. Шумо Instant Article-ро аз рӯи нишонаи барқ дар назди номи сомона пайдо мекунед:

Биёед дар хотир дошта бошем, ки қоидаи умумӣ тағйирнаёбанда аст: лозим меояд шумо пайвандҳо ва ё ҳатто интишоротро дар шакли Instant Articles бо муҳтавои бумӣ омезиш диҳед.

Муҳтавои бумӣ чӣ гуна бояд бошад? Намудҳои универсалии он вуҷуд доранд, ки мешавад тақрибан дар тамоми платформаҳо ҷой кард, аммо шаклҳои фарқкунанда ҳам дорад, ки барои платформаи муайян нигаронида шудаанд.

**Шакли универсалӣ:**

- матн,
- акс/тасвир (ё маҷмуи суратҳо),
- навори видеоӣ.

**Шакли аслӣ:**

- сторис/нарратив (Instagram, Facebook, Яндекс.Дзен),
- назарсанҷӣ (ВКонтакте, Телеграм),
- акси 3D (Facebook),
- 3D объект (Facebook),
- акси 360-дараҷаӣ (Facebook),
- гифка (Facebook, ВКонтакте, WhatsApp, Telegram),
- подкаст (ВКонтакте).

Форматҳои нави беназир дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайваста пайдо мешаванд, аз ин рӯ, лозим аст, ки пайваста навшавии онҳоро мушоҳида карда, аз онҳо истифода намоед. Чунки бо пайдо шудани формати нави беҳтар маъмулан алгоритми шабакаҳои иҷтимоӣ тавре танзим мешаванд, ки муҳтавои ин шаклро истифодакарда барои корбарони бештаре нишон дода шавад, то одамон аз он огоҳ шудаву ба он одат кунанд.

Аз ин рӯ, агар ҳанӯз махсус барои шабакаҳои иҷтимоӣ видео сабт накардаед, пас вақти муносибе барои оғози ин кор аст. Барои фаромӯш накардани таҳияи муҳтавои бумӣ, ба тавозун даровардани ҳузури худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ миёни пайвандҳо ва видео, аксҳо ва дигар муҳтавои бумӣ ба шумо нақшаи муҳтаво лозим аст. Яъне, ҷадвали нашри маводи мухталиф дар шабакаҳои иҷтимоӣ. Шумо бояд форматҳои гуногунро ба рӯзҳои гуногун тақсим кунед, то ин кор пайваста сурат бигирад ва бо ин пайвастагӣ ҳам пайравони худ ва ҳам алгоритмҳои шабакаҳои иҷтимоиро хурсанд созед.

# 1.2. Мемҳо

Мехоҳам дар бораи мемҳо махсус сухбат кунам, тавре медонед, мемҳо – аксҳое бо навиштаҷот ё бидуни навиштае ҳастанд, ки эҳсоси ҳазлу хандаро бедор мекунанд. Шарт нест, ки мемҳо хеле зебо таҳия шуда бошанд, дар бештари маврид баръакс, онҳоро дар онлайн фотошоп дар 5 дақиқа омода мекунанд, чунки барои он на тарроҳии беназир, балки мантиқ ва ҳаҷв муҳим аст. Мемҳо дар ду сатҳ кор мекунанд. Аввалӣ ин шиносоӣ аст. Онҳо мисле ки сигнал медиҳанд – “Ман худӣ ҳастам. Ман дар ҷараёнам”. Дувумӣ ин паҳншавии «вирусӣ» мебошад, чунки одамон тақсим кардани шӯхии хубро дӯст медоранд. Ва вақте ту чунин як шӯхиро тақсим мекунӣ, ба тамоми атрофиён сигнал мефиристӣ – «Бубинед, ман инсони хушзавқ ҳастам».

**Мемҳо** – муҳтавои бумии хеле хубанд, ки аудиторияи шуморо бештар мекунанд ва ҳатто шеваи дидорӣ ва мантиқии расонаи шуморо шакл медиҳанд. Аммо аз сифр ба ин муваффақ шудан хеле душвор аст.
Таҷриба кардан лозим аст ва ҳатман дар расона афродеро пайдо кардан зарур аст, ки завқи шухтабъияшон ба бисёриҳо писанд меояд ва ин масъулиятро ба онҳо супоридан лозим аст.

Мо ҳоло ҷамъиятҳои зиёдеро мебинем, ки ҳамарӯза танҳо мемҳоро нашр мекунанд. Ҳатто хабарҳоро низ дар қолаби мемҳо пешниҳод мекунанд, шеваи корашон ҳамин аст. Онҳо хабарро дар куҷое мехонанд ва инҷо шӯхии мувофиқ ба онро мебинанд. Маълум аст, ки мемҳо бештар мавриди таваҷҷуҳи мухотабони ҷавон ҳастанд, аммо насли калонсол ҳам зиёдтар ба он одат мекунад ва дар шӯхии хуб механдад.

Дар Russian Beyond дар паёмрасони умумӣ гурӯҳи “мемҳо” дорем, ки тамоми кормандон метавонанд акс ва ё идеяҳои шавқовар барои мемҳоро, ки дар фикрашон мезанад, онҷо нашр кунанд. Аммо танҳо ду нафар ин ҳамаро полида, кадом як чизи муваффақро интихоб мекунанд ва барои шуъбаи тарроҳӣ фармоиш фиристода, баъдан мемҳои омодаро дар шабакаҳои иҷтимоии мо нашр мекунанд.

Мо дар ин муҳтаво мизони баланди фарогириро мушоҳида мекунем. Дар як расонаи Тоҷикистон, ки ман ба ҳайси мушовир кор мекардам, дар бораи ҳавои гарми Душанбе дар моҳи июл чандин мем фикр кардем ва ин аксҳоро дар дохили маълумоти дамои ҳаво нашр кардем. Он рӯз маълумоти дамои ҳаво яке аз матолиби пурбинандаи сомона гардид, чунки одамон матлабро боз мекарданд, то биханданд. Ҳоло ин расона чунин мемҳоро пайваста таҳия мекунад.




*Вақте ба мағозае даромадед, ки онҷо кондисионер кор мекунад*




*ОФТОБ - ЗАМИН - ТОҶИКИСТОН*

# 2. Муҳтавои “ҳамешасабз”

Як чизи муҳим, ки дар доираи суҳбат перомуни муҳтавои бумӣ мехоҳам таъкид кунам. Ин ба қавле муҳтавои ҳамешасабз мебошад, яъне матолибе, ки метавонанд танҳо арзиши хабарӣ надошта бошанд. Ба ин бештар мусоҳиба, мустанадҳои кутоҳ, сужаҳои тафреҳӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Мушкили муҳтавои ҳамешасабз дар ин аст, ки бештари расонаҳо онро танҳо як маротиба нашр мекунанд, баъдан он ба поин меравад ва аз ёди ҳама фаромуш мешавад.

Дар беҳтарин ҳолат, чунин матолиб дар низоми ҷустторӣ шиносоӣ шуда, каму беш трафики мунтазами ҷустуҷӯиро мегиранд. Дар бадтарин ҳолат, онҳо дар бойгонӣ меафтанд ва ба гӯшаи фаромушӣ мераванд. Агар ин чиз танҳо бо матнҳо, ки таҳияи он нисбатан осон аст, иттифоқ меафтод, чандон бад набуд, аммо аз ҳама бад ин аст, ки чунин фаромушӣ ба видеоҳое, ки сари он заҳмати зиёд кашидед, рӯй бидиҳад.

Алгоритми шабакаҳои иҷтимоӣ тавре дуруст шудаанд, ки ҳар матлаби шуморо танҳо як қисми мухотабонатон мебинанд. Аз фарогирии бештар ҳоҷати гап ҳам нест.

Аз ин рӯ, мо дар Russian Beyond аз 20 то 30 дарсади ҷойҳои худро барои интишори муҳтаво дар шабакаҳои иҷтимоӣ маҳз дар матнҳои куҳна захира мекунем.

Дар расонаи мо шухӣ мекунанд, ки ман ибораи мемии “Соли нав ҳар сол”-ро шиор кардаам, ин ба он маъност, ки баъзе чизҳо аз сол ба сол такрор мешаванд.
Моро лозим аст, ки ҳар бор вобаста ба ин «баҳонаи хабарӣ» чизи наве фикр кунем.

Дар асл ҳам чунин ҳаст ва муҳтавои ҳамешасабз ин дарди сарро сабук мекунад.

Яъне, агар ҳатто барои фикр кардани кадом як чизи нав муваффақ ҳам нашудед, шумо аллакай муҳтавои хуб, босифат ва санҷидашуда доред, ки мешавад дар ин сана ё солгард онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кунед ва бо ин васила таваҷҷуҳи хонанда қонеъ гардад.

Хуб дар хотир дорам, ки вақте ирсолномаи ба рӯзи кайҳонавардон, 12 апрел бахшидаи яке аз расонаҳоеро, ки ба он обуна шуда будам, боз кардам, аз теъдоди матнҳои босифат, ҷолиби ба ин ҷашн бахшидашуда дар ҳайрат мондам.

Онҳоро яке пайи дигар дар браузер боз кардаву хондан гирифтам ва танҳо пасон фаҳмидам, ки ин матнҳо як-ду-се сол пеш нашр шуда будаанд, яъне онҳо ба ман феҳристномаеро ирсол кардаанд, ки саропо аз чунин муҳтавои ҳамешасабз иборат буд.

Аз он ки ҳамаи ин матнҳоро яке пайи дигар хондам, як ҷаҳон маънӣ бардоштам. Ман ин матнҳоро солҳои пеш надида будам.

## Биёед, натиҷагирӣ мекунем.

Аввалан, дар шабакаҳои иҷтимоӣ мешавад ё муҳтавои бумӣ нашр кард ё онро омехта бо пайвандҳои сайт ҷой дод, то ки трафик бештар шавад. Насби Instants Articles-ро дар Фейсбук фаромуш накунед. 1

Дуюм, бар иловаи навъҳои умумии муҳтавои бумӣ ҳар шабакаи иҷтимоӣ махсусиятҳои худро дорад, истифодаи онро аз ёд набаред. 2

Сеюм, барои кори мунтазам ва муассир шуморо зарур аст барои ҳар шабакаи иҷтимоӣ нақшаи муҳтаворо тартиб диҳед. 3

Чорум, формати муҳим ва “вирусӣ” барои шабакаҳои иҷтимоӣ мемҳо ба ҳисоб меравaнд. Таҳияи мунтазами онро ба роҳ монед. 4

Ва билохира, панҷум. Аз муҳтавои ҳамешасабз фаромуш накунед. Матолиби пешин, аммо куҳнанашударо дар омезиш бо матолиби нав нашр кардан лозим аст. 5

# ДАРСИ 4.

# Барои муошират бо пайравон дар шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ кадом лаҳнро бояд интихоб кард? Нашр ва ороиши паёмҳо.

**Мавзуъҳо:** Интихоби лаҳни матолиб дар шабакаҳои иҷтимоӣ. Пайванд кардани формат ба нақшаи муҳтаво. Ороиши матолиб ва паёмҳо.

**Кори амалӣ:**

Лаҳни навиштро интихоб карда, барои расонаҳои зер нақшаи муҳтаво тартиб бидиҳед:

1. Моҳномаи марбут ба навгониҳои технологӣ.
2. Ҳафтаномаи марбут ба сохтмон ва таъмир.
3. Сомонаи хабарии марбут ба ошпазӣ.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Оҳанги муошират бо мухотабон дар шабакаҳои иҷтимоӣ

Тавре медонед, барои бештари расонаҳо, ба вижа хабаргузориҳо ва рӯзномаҳои расмӣ интихоби лаҳни дуруст барои муошират бо пайравонашон дар шабакаҳои иҷтимоӣ душвор аст. Онҳо аксар вақт аз рӯи инерсия ҳамон оҳанги хушку қолабӣ ва ҳатто расмиеро, ки дар матолиби худ дар платформаҳои дигар ва дар рӯзнома ё сайт истифода мебаранд, идома медиҳанд Мушкил дар ин аст, ки мухотабон дар шабакаҳои иҷтимоӣ чунин лаҳни муоширатро бад мебинанду ҳатто баъзан бо хусумат қабул мекунанд ва ин чиз дар онҳо як навъ ихтилофи маърифатии бо нафрат ҳаммарзро ба вуҷуд меорад. Барои он ки чунин матолиби расмӣ дар як рада бо гурбачаҳо, аксҳои ғизо, шарҳҳои «тунду тез» ва мемҳо қарор мегиранд ва онҳо дар ин қатор мисли ғарибон аз дунёи дигар ба назар мерасанд.  Мухотабон намефаҳманд, ки чаро чунин шудааст ва ба он чӣ вокуниш бояд кард.

**Дарси видеоӣ. Оҳанги муошират бо пайравон (обуначиҳо).**

Аз ин рӯ, бештари расонаҳо, аз ҷумла нашароти расмӣ талош мекунанд, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба қавле «гиреҳи галстукро сусттар карда» каме аз расмиёт дур шуда, бештар шӯхиомез нависанд.

Дар асл, бештар инсонитар, зеро мо бо ҳамдигар маҳз ҳамин тавр муошират мекунем.

Инҷо тарафи дигари ин мушкил рӯ мезанад, вақте бренди расонаӣ баногоҳ мехоҳад, ки «худии худӣ» шавад ва бо мухотабонаш аз ҳад зиёд озоду бетакаллуф муошират мекунад. Шуруъ мекунад ба пурсидани суолоти на ҳамеша муносиб ва базлагӯиҳои ғайриоддӣ. Дар паёмҳо ба пайравони худ «ту» гуфта муроҷиат мекунад. Пас, чӣ тавр ҳангоми муошират бо мухотабон дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд лаҳни дурустро интихоб кард? Ман тавсия медиҳам аз усуле истифода баред, ки мешавад онро “суҳбати сари дастурхон” номид. Тасаввур кунед, ки шумо ба як маҳфили хуби дӯстона омадаед. Чанд муддате онҷо будед, бо одамон аллакай шинос шудед, ва дар як замони муайян ҳамагӣ сари дастурхон нишаста, суҳбат мекунед. Шумо ҳоло ба он дараҷаи эътимод бо ин одамон нарасидаед, ки дар бораи зоҳири онҳо шӯхӣ кунед ва ё ба китфи онҳо таптап бизанед, аммо ҳамзамон мешавад ки баъзе расмиётро канор бигзоред ва асли гапро бигӯед.
Яке аз навъҳои дигари ин формат ин аст, ки тасаввур кунед, шомгоҳ хабарҳои давоми рӯз шунидаи худро ба ҳамсар, шавҳар, дӯст ё бародари худ нақл мекунед.

Дақиқ аст, ки шумо ин хабарҳоро бо ҷиддияти том ва бо садои наттоқи ахбор қироат намекунед.

Шумо чизи аз ҳама ҷолиброро нақл мекунед, зуд аз мағзи гап шуруъ мекунед. Ҳамзамон, гумон аст, ки гапро дигар тараф бурда, «шаф-шаф» бикунед. Ана, айнан ҳамин тарз бояд дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо хонандаҳои худ муошират кард.

Рӯзноманигорон бояд дарк кунанд, ки онҳо муваззаф нестанд дар шабакаҳои иҷтимоӣ нақши нотиқи хунсардро иҷро кунанд. Сирри муваффақият дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки бо хонандаи худ дар як сатҳ қарор бигирӣ. Мо метавонем дӯст, машваратчии ӯ бошем ва ором-ором лаҳни муоширатро бо ёрии ҳамон як муроҷиат ба хонандаҳои худ ташаккул бидиҳем. «Дӯстон», «дугонаҳо», «бачаҳо»… бо истифодаи батакрори ин калимаҳо ва интонатсияи хос ҳамчун тарғибгарони ҳирфаӣ ба мухотабони худ муроҷиат намуда, дар сари онҳо нақши худатонро ташаккул медиҳед.  Нақши чунин як рафиқи хуб, ки мешавад ба ӯ эътимод кард ва мешавад барои маслиҳату дастгирӣ ба ӯ муроҷиат намуд.

# 2. Пайванд кардани формат ба нақшаи муҳтаво

Акнун биёед, дар бораи формат ё қолаб дар шабакаҳои иҷтимоӣ суҳбат кунем. Шумо метавонед дар шабакаҳои иҷтимоии худ ҳама чизро нашр кунед: муҳтавои бумӣ, истинодҳо ба сайт, матнҳои дароз, матнҳои кӯтоҳ, расмҳо, видеоҳо, пурсишҳо. Аммо дар ҳар сурат баъзе форматҳоро истифода мебаред. Дафъаи гузашта аллакай гуфта будем, ки барои пайваста нашр шудани матолиб тартиб додани нақшаи муҳтаво зарур аст. Ин нақшаи муҳтаво бар иловаи рӯзҳои ҳафта, метавонад боз ба ду чизи дигар ҳам пайванд бошад: мавзуъҳо ва форматҳо.

Вобаста ба мавзуъ вазъият чунин аст: ҳатто агар расонаи шумо хабарӣ аст, метавонед кадом як рӯзи ҳафтаро ки матолиби мавзуӣ, яъне матолибе, ки ба мавзуи муайян бахшида шудаву маҳз ҳамон рӯз нашр мешаванд, интихоб кунед.

Мисоли аз ҳама одӣ ин аст, ки чоршанбе ва ё панҷшанбе нақшаи рӯзҳои истироҳатро нашр кунед.

Вобаста ба форматҳо низ ҳамин. Агар шумо медонед, ки кадом рӯз видео нашр мекунед, кай назарсанҷӣ ё сурат-гузориш, раванди кор хеле осон мешавад. Ин на танҳо кормандон, балки то андозае хонандаҳоро низ ба низоми шумо мутобиқ мегардонад, зеро онҳо худашон надониста, муҳтавои нави шуморо интизор мешаванд.

**Ин форматҳо масалан метавонанд чунин бошанд:**

- Масалан, ин метавонад ваъдаи эҳсосот бошад, хуб? Шумо менависед, «Вақте ин матлабро мехонед, тапиши қалбҳоятон бештар мешавад».
- Ин метавонад кадом як пурсише вобаста ба мавзуи матлаб бошад, ки табодули андешаро ба роҳ меандозад. Яъне, пайравони шумо шарҳ менависанд. Масалан, «Шумо мушкили бехобӣ доред? Дар зер ба мо қисса кунед, ки ин мушкилро чӣ гуна ҳал мекунед».
- Иқтибоси қолиби яке аз қаҳрамони матлаб дар нохунак, ҳатто бидуни кадом як шарҳи иловагӣ ҳам метавонад нишонрас бошад. Масалан: «Баъди чанд соли бобарор, маҷбур шудам зиндагиро аз сифр оғоз кунам».
- Агар пешсухан менависед, ба яке аз бандҳо ишораи махсус кунед: Мисли «Ман дар бораи се банди ин феҳрист медонистам, аммо банди чорум барои ман тамоман чизи нав буд»;
- Ин метавонад танҳо нидое бошад, ки тамоми ҳаяҷони матни хондашударо мерасонад: “АААААААААА”;
- Як-ду эмодзӣ. Истифодаи эмодзиҳо дар шарҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ хело муфиданд, зеро онҳо таваҷҷуҳро ҷалб мекунанд, онҳо ба навиштаи шумо имкон медиҳанд, ки дар миёни шарҳҳои одӣ ва матнҳо фарққунанда бошад.

*Медуза навиштани “ААААААА”-ро дӯст медорад*




*Намогирифт аз Facebook*

Таъкид мекунам, ки бархе расонаҳо аз ҳад зиёд дар пешсуханҳо ба матолибашон суолро истифода мебаранд.
Ба назари онҳо савол пайравони онҳоро ба ҷавоб гуфтан таҳрик медиҳад, онҳо шарҳ менависанд, тавре гуфтем шарҳҳо яке аз нишондиҳандаҳои аз ҳама муҳим дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳастанд. Аммо, аксаран саволҳо тавре гузошта шудаанд, ки хонанда дар бораи ин ё он мавзӯъ чизе барои гуфтан надорад, аз ин рӯ мешавад, ки чунин паёмҳо бидуни ҷавоб мемонанд. Аз ин рӯ, аҳамият бидиҳед, агар паёмҳои шумо, ки дар худ савол доранд, бештарини вақт аз тарафи хонандаҳо беҷавоб монанд, пас бояд чизеро тағйир дод. Ё шумораи чунин паёмҳоро бояд кам кард ё кадом як саволҳои дигарро бояд фикр кард, ки хонандаҳо ба он ҷавоб дошта бошанд. Ё ба навиштани шарҳҳо мустақилона бояд шуруъ кард, аммо дар ин бора дар суҳбати баъдӣ хоҳем гуфт.

# 3. Ороиши матолиб

Вақте дар бораи ороиши матолиб мегӯем, лозим аст, ба услуби ягонаи графикӣ тамаркуз намоем. Бале, маъмулан шабакаҳои иҷтимоӣ имкониятҳои маҳдуди ороишро пешниҳод мекунанд: шумораи аломатҳо якхела аст, меъёри буридани суратҳо якранг мебошад. Ин барои ҳамин лозим аст, ки паёмҳои шумо дар ин фазои қолабӣ фарқкунанда намудор шаванд. Услуби ягонаи графикиро метавонад тарроҳ-ороишгари расонаи шумо, арт-директор ва ё корманди фармоишӣ анҷом бидиҳад. Инчунин, мешавад аз замимаҳое, ки барои ороиши паёмҳо мавҷуданд, истифода кард.

Барои ба роҳ мондани услуби ягона мавҷудияти ҳуруфи муайян, интихоби як-ду-се ранг, чорчӯбаи махсус, ки ҳамеша истифода мешаванд, лозим аст. Барои видео ин метавонад логои шумо дар як кунҷи навор бошад, инчунин пост-ролл, яъне навори кӯтоҳи видеоӣ, ки пас аз муҳтавои асосӣ нишон дода мешавад (масалан, барои обуна шудан ба канал ва лайк гузоштан даъват мекунад).

### Биёед, натиҷагирӣ мекунем.

**Аввалан, бо пайравонатон дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд бо лаҳни муайяне муошират кард. На аз ҳад зиёд ҷиддӣ ва на аз ҳад зиёд бо шӯхию бозӣ. Тасаввур кунед, ки гӯиё бо нафари наздики худ дар сари дастурхон суҳбат мекунед.**

1

**Дуюм, бо шарофати лаҳн ва пешниҳоди хоси матолиб пайравонатон дар образи шумо бояд рафиқи хуб, дӯст ва машваратчиро тасаввур ва эҳсос намоянд.**

2

**Сеюм, барои таъмини рангорангии муҳтаво, онҷо мавзуъҳои ҳамешагӣ ва қолабҳои мунтазамро ворид кунед.**

3

**Чорум, пешсухан ба паёмҳои шумо дар шабакаҳои иҷтимоиро ҳам мешавад ба қолаб даровард ва барои муассирии кор ба феҳристи ягона ворид кард.**

4

**Панҷум, ҳатман услуби ягонаи графикии матолибатонро таҳия кунед ё фармоиш бидиҳед.**

5

# ДАРСИ 5.
# Чӣ гуна ҷамъияти фаъол сохтан мумкин аст?

**Мавзуъҳо:** Чӣ бояд кард, то мухотабон мустақилона муошират кунанд?
Чӣ тавр бояд бо назароту шарҳҳо кор кард?

**Кори амалӣ:**

Тадқиқот гузаронида, маълум намоед, ки ВАО-и маҳаллӣ бо мухотабони худ чӣ тавр иртибот барқарор мекунанд. Дар охир натиҷаҳои тадқиқот муаррифӣ шуда, тавсияҳо пешниҳод шаванд.

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# 1. Сохтани ҷамъияти фаъол

Имрӯз дар бораи чӣ тавр сохтани ҷамъияти фаъол суҳбат мекунем. Шумо медонед, ман хеле нороҳат мешавам, вақте журналистон ибораҳои «шабакаҳои иҷтимоиро пеш мебарем», мо «шабакаҳои иҷтимоиро пеш мебарем»-ро истифода мекунанд. Чунки инҷо кадом як ӯҳдадории маҷбурӣ эҳсос мешавад, гӯиё шабакаҳои иҷтимоӣ бори гароне ҳастанд, ки бояд ба ҷойе расонда шаванд. Дар асл, маҳз дар шабакаҳои иҷтимоӣ иртиботи мустақим бо хонандаҳои мо, бо мухотабони мо сурат мегирад ва барои бештари расонаҳо маҳз дар шабакаҳои иҷтимоӣ одамон зиёдтар бо муҳтавои онҳо шинос шуда, табодули назар мекунанд, на дар сайтҳо, на дар матбуоти чопӣ, балки дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

**Дарси видеоӣ. Чӣ гуна ҷамъияти фаъол сохтан мумкин аст.**

Ана, барои ҳамин, фикр мекунам шумо мушоҳида кардаед, ки дар расонаҳои бузург ва муваффақ шабакаҳои иҷтимоӣ расонаи мустақиле дар дохили расонаро мемонанд. Онҷо зиндагӣ дар ҷӯшу хурӯш аст: одамон муошират мекунанд, шарҳ менависанд, баҳс мекунанд, аксҳо ва наворҳои худро мефиристанд. Сирри муваффақият дар чист? Чаро чунин мешавад? Чунки ин расонаҳо шабакаҳои иҷтимоии худро ҳамчун ҷамъият тавсеа медиҳанд. Онҳо миёни редаксия ва мухотабон девор намесозанд, балки бо тамоми неру талош мекунанд онро хароб созанд. Аз хонандаҳои худ даъват мекунанд, ки шарҳ нависанд, аз ҳар чизе, ки онҳо мефиристанд, мисли муҳтавои корбарон ва монанди ин, бо хушӣ истиқбол мекунанд.

Ҳамаи мо мехоҳем, ки ҷузъи чизи бузург ва муҳиме бошем ва агар расона чунин имкониятро ба мо медиҳад, пас мо албатта бо хушнудӣ онро қабул мекунем ва бо чунин нашрия, бо чунин расона иртибот барқарор менамоем.

Чӣ бояд кард, агар шумо ҷамъияти худро аз сифр ва ё тақрибан аз сифр шуруъ кардаед? Дар ин ҳолат, мехоҳам аз як таъсироте ёд биёрам, ки ман онро “таъсироти қаҳвахона” меномам. Тасаввур кунед, ки дар кӯча гардиш мекунед, гурусна шудед ва дар наздикӣ ду қаҳвахона аст: яке аз онҳо хеле зебо, тоза, озода, чароғон, мизҳо ороста, аммо дохили он ягон нафар нест. Дар дигарӣ бошад, ҳарчанд намуди зоҳирии хубе надорад, одамони зиёде қарор доранд – онҳо механданд, бо ҳам чақ-чақ доранд ва маълум аст, ки вақти худро хуб мегузаронанд.

Аммо ҳар нафаре, ки ба ҳар сурат, боре ҷуръат карда, ба чунин қаҳвахонаи холӣ даромадааст, мушоҳида мекунад, ки оҳиста-оҳиста одамони дигар ҳам аз пайи ӯ ворид мешаванд.

Хуш, агар дар қаҳвахонаи шумо, яъне шарҳҳои шумо, зери паёмҳои шумо тамоман холӣ бошад, касе бояд меҳмони аввалин шавад, касе ки наҳаросида ворид шавад ва шарҳи аввалинро гузорад, фаъолнокиро ба вуҷуд биёрад. Ин нафар бояд шумо бошед, худи муҳаррирон, худи журналистон ва дӯстону наздиконатон ва ҳамаи дигарон, чунки агар худи шумо дар худатон хоҳиши шарҳ додани ончиро ки анҷом медиҳед, бедор накунед, пас ин хоҳиш дар одамони берун бедор намешавад. Дар баробари ин, «партизанбозӣ», яъне пинҳон кардани иртиботи худ ва ё дӯстонатон бо саҳфаҳо комилан зарур нест. Барои одамон фарқ надорад, ки худи кормандони редаксия зери паёмҳо шарҳ менависанд, онҳо мебинанд, ки одамони боҳуш чизҳои хубу муфид менависанд ва онҳо низ иқдом мекунанд, онҳо низ ба шарҳнависӣ мепардозанд.

# 2. Кор бо шарҳҳо

Кор бо шарҳҳо – дар ҳар сурат вазифаи хеле муҳим мебошад, агар онҳо тамоман набошанд ва ё агар баръакс хеле зиёд ҳам бошанд. Масалан, ҳоло зери навиштаҳои Russia Beyond, редаксияе, ки ман кор мекунам, корбарон ҳамарӯза садҳо, ҳазорҳо шарҳ менависанд ва ин аз журналистон кори иловагии зиёдеро тақозо мекунад: зарур аст ки касе ин ҳама шарҳҳоро мутолиа кунад, ба саволи одамон ҷавоб нависад, пешниҳодҳоро ба назар бигирад ва ниҳоят троллҳоро ҳазф кунад. Дар суҳбати дуюми худ бо шумо гуфтем, ки журналист бояд барои матлабаш масъулият дошта бошад, ҳатто баъди нашри он ҳам, аз ҷумла бояд шарҳҳоро таҳлилу назорат ва ба онҳо вокуниш кунад. Биёед, инро фаромуш накунем.

# 3. Ҷалби мухотабон

Чанд сухан дар бораи даъватҳо барои гузоштани лайк, обуна шудан ва ба ин монандҳо мегӯям. Шумо мушоҳида кардаед, ки ҳатто блогерони муваффақу маъруфтарин низ ҳанӯз дар наворҳояшон ташвиқ мекунанд, ки «ба канал обуна шавед, лайк бизанед, зангӯларо пахш кунед» ва амсоли ин. Чаро онҳо чунин мекунанд? Ҳамааш хеле сода аст: ҳамеша ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки ин навор, як ҷузъи ин муҳтаво ба дасти нафаре меафтад, ки ин канал ё ин блогерро бори аввал мебинад ва лозим аст каме ӯро талқин кунем, то ба расона ва ё ба блогер обуна шавад.  Аммо ман аз шумо даъват мекунам, мисли блогерҳо дар ин кор аз ҳад ифрот ва чун тезгӯяк такрор накунед, балки кӯшиш намоед онро эҷодкорона пешниҳод созед – шояд бо тағйир додани лаҳну суръати садо, сохтани кадом як саҳнаи кӯтоҳ ва ё ягон чизи дигаре, ки тамошобинон ба он таваҷҷуҳ кунанд, эҳсос намоянд, ки бояд ба канали шумо обуна шаванд.




*Намогирифт аз Russia Beyond*

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ мухотабони шумо на танҳо истифодабарандаҳои камфаъоли муҳтаво ва дар ҳолати хуб шарҳнависон ҳастанд. Худи одамон ҳам муҳтавои бузург тахия мекунанд. Агар мехоҳед, ки шабакаҳои иҷтимоии шумо маҳз ҳамчун ҷамъият тавсеа ёбад, ба шумо лозим аст, пайваста ба хонандаҳо ва пайравонатон нишон бидиҳед, ки бароятон хеле муҳим аст, ки онҳо пас аз хондани матнҳо ва тамошои видеоҳои шумо чӣ фикру чӣ эҳсосе доранд ва аз онҳо даъват кунед, андеша, идея ва эҳсосоти худро дар миён бигзоранд. Ҳамин тавр одамон мефаҳманд, ки шумо онҳоро қадр мекунед ва ба шумо наздиктар мешаванд.

Мо дар Russia Beyond бештари матнҳоро дар асоси қиссаҳои корбарони ҷамъиятамон менависем. Баъзан, дар асоси чунин шарҳҳо матлаби комил таҳия мекунем, аз хонандаҳои худ хоҳиш мекунем дар бораи рӯйдод ва ё қиссаҳое, ки ба омаданашон ба Русия иртибот дорад, нақл кунанд. Масалан, яке аз чунин матлабҳоро мо пурра дар асоси чунин қиссаҳо таҳия кардем – дар бораи он ки чӣ тавр хориҷиҳо Соли навро дар Русия ҷашн гирифтанд.




*Намогирифт аз саҳифаи Russia Beyond дар ВКонтакте*

Дар ҳамин ҳол, баъзан кадом як паём дар шабакаҳои иҷтимоии шумо худ аз худ маъруфу «вирусӣ» мешавад ва одамон бидуни кадом даъватҳое фаъолона дар ин мавзуъ шарҳ менависанд, зеро ин мавзуъ ба дардашон хӯрдааст. Ана, хеле муҳим аст, ки чунин лаҳзаҳоро сарфи назар накунед ва ба он вокуниш нишон бидиҳед, пайгирӣ намоед, ки одамон чӣ шарҳҳое менависанд. Метавонам чунин мисол биёрам: як сутуннависи амрикоии мо дар мавриди падидаи small talk - як суҳбати бидуни масъулият, ки метавонад миёни шумо ва корманди қаҳвахона дар замоне ки шумо мунтазиред вай қаҳваи шуморо таҳия кунад, ба вуқуъ пайвандад - дар Русия навишт. Хуш, ӯ навишт, ки дар Русия тақрибан small talk вуҷуд надорад, ҳама танҳо дар бораи чизҳои зарурӣ суҳбат мекунанд ва зери ин матлаб хонандаҳои зиёди хориҷӣ навиштанд, ки "ин падидаи small talk умуман моро ҳам асабӣ мекунад, он барои чӣ лозим аст?".

«Кадом як чизи иҷтимоии ба касе лозим набуда».  Мо дар асоси ин шарҳҳо матлаби нав навиштем: «Хонандаҳои Russia Beyond дар бораи small talk чӣ фикр доранд".

Онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кардем, ба тамоми шарҳнависоне, ки матну шарҳи онҳоро ҳангоми таҳияи матлаб истифода кардем, пайванд гузоштем ва ба фарогирии беҳтари ин матлаб даст ёфтем. Чунки тамоми шарҳнависон бо майли том онро дар саҳфаҳои шахсии худ тақсим карданд.







*Намогирифт аз Russia Beyond*

Яке аз идеяҳои роҳандозишудаи рушди муҳтавои корбарон барои мо рейтингҳои ба қавле, ҷуфт-ҷуфт буданд. Масалан, редаксия рейтинги кадом як чизҳоро тахия мекард. Мисли «Шаҳрҳои маъруф барои сафар ба Русия» ва ё «Филмҳои маъруф дар бораи Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки бояд бубинед».Мо онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр карда, аз хонандаҳо хоҳиш мекардем дар шарҳҳо Топ-3 ё Топ-5-и худро тартиб бидиҳанд, баъдан мо ин рейтинги мардумӣ ва интихоби мардумиро ҳамчун матлаби алоҳида нашр мекардем. Баъдан, мо истифодаи сервиси Google Forms-ро шуруъ кардем, то ҷавобҳои корбарон ва идеяҳоро мустақим зери матлаб, зери рейтинг, зери феҳристҳои таҳиякардаамон ҷамъоварӣ кунем. Ва ин ҳама ба мухотабон сигнали хеле муҳимро мерасонад, ки «барои мо фикри шумо муҳим аст, навиштаҳои шумо муҳиманд, иртибот бо шумо барои мо ҷолиб аст». Ва эҳтимолан ин санги асос барои бунёди ҷамъият мебошад: ба одамон фаҳмондан, ки шумо хостори муколама бо онҳо ҳастед.







*Намогирифт аз Russia Beyond*




*Намогирифт аз Russia Beyond*

Биёед, боз дар мавриди чанд намунаи қолабҳо мегӯем, ки мешавад онҳоро барои баланд бардоштани фаъолнокии ҷамъияти корбарии шумо истифода кард. Масалан, яке аз қолабҳое, ки мо пайваста истифода мекунем, шарҳи ҳафта мебошад. Ҳар ҳафта мо як шарҳи пайравони худро, ки фикр мекунем аз ҳама ҷолиб аст, интихоб мекунем, онро дар шакли акс тарроҳӣ намуда, сарлавҳаи матлаб ва худи шарҳро ҷой медиҳем ва ҳатман номи муаллифи шарҳро менависему онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мекунем. Ба ин тартиб мо якбора чанд вазифаро иҷро мекунем.

Аввалан, ба иззати нафсу кибру ғурури нафаре, ки шарҳашро ба сифати шарҳи асосии ҳафта интихоб кардаем, руҳу илҳом мебахшем. Дуввум, фаъол шудани дигар шарҳнависонро суръат мебахшем, чунки онҳо фикр мекунанд, ки "чӣ тавр навиштаи ман метавонад шарҳи ҳафта шавад". Ҳамин тариқ, фаъолияти пайравони худро бештар мекунем ва боз як муҳтавои бумиро ба даст меорем, ки барои нашр дар шабакаҳои иҷтимоӣ муҳим аст.

Як қолаби хуби дигар – муаррифии тими шумо мебошад. Як замони муайян мо бо услуби ягонаи графикӣ кортҳои мураббаи ҳамкоронамонро таҳия кардем ва аз онҳо хостем дар бораи худ каме маълумот бидиҳанд. Хуш, дар ин корт акс, кадом як иқтибосро аз нақлашон дар бораи худ ҷой карда, аз ин ҳамкорон даъват кардем, ки ба шарҳҳое, ки зери ин тасвирҳо навишта мешаванд, ҷавоб диҳанд. Дар омади гап, шарҳҳо хеле мусбат буданд. Ҳеҷ кас, ҳеҷ касе онҳоро таҳқир накард.

Бо ин кор, гӯиё девори чорумро шикастем. Мо нишон додем, ки пушти навиштаҳову наворҳои видеоие, ки шумо мебинед ва мехонед, одамони зинда қарор доранд, одамоне, ки майлу рағбатҳои худ, тарафҳои қавию заъф доранд, одамоне, ки мехоҳанд бо шумо дар иртибот бошанд. Баъдан, мо ин идеяро тавсеа дода, АМА-ҷаласаҳое бо ҳамкоронамон доир кардем. АМА – ин ихтисораи “Ask Me Anything” мебошад, яъне «Дар мавриди ҳар чизе аз ман суол кун». Мо қаблан дар шабакаҳои иҷтимоӣ огоҳӣ пахш мекунем, ки дар фалон соат, яке аз кормандони мо ба саволҳои хонандаҳо, ба саволҳои ҷамъият ҷавоб медиҳад.

Дар ин соат мо акси ин кормандро нашр мекунем ва одамон саволҳои худро менависанд, ӯ бошад, ба онҳо ҷавоб мегардонад. Гуфтагӣ барин, ман дар яке аз чунин АМА-ҷаласаҳо бо майли том иштирок кардам:




*Намогирифт аз саҳифаи Russia Beyond дар Facebook*




*Намогирифт аз саҳифаи Russia Beyond дар Facebook*

Дар омади гап, дар бархе шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҳавасманд кардани пайравони ашадӣ механизмҳои дарунсохте мавҷуданд. Хуш, намунаи аз ҳама маъмули он «мухлисони беҳтарин», «мухлиси ашадӣ» дар Facebook аст, ки пайравони аз ҳама фаъоли ҷамъияти шумо дар паҳлуи номи худ ишораи пайрави беҳтаринро дарёфт мекунанд. Феҳристи ин пайравони беҳтарин ҳар ҳафта навсозӣ мешавад. Ҳамин тавр, шумо метавонед паёмҳои муайяне нависед, ки танҳо ба мухлисони беҳтарин равона шудаанд. Маҳз дар онҳо мо АМА-ҷаласаҳоро шурӯъ кардем. Ҳанӯз сари чанд вақт паёмҳои ҷудогонаеро танҳо барои “мухлисони беҳтарин” нашр мекунем, то одамон худашонро баргузида эҳсос кунанд ва дарк намоянд, ки тамоми лайк, шарҳ ва бознашрҳояшон беҳуда набудааст.




*Намогирифт аз саҳифаи Russia Beyond дар Facebook*

**Биёед, натиҷагирӣ мекунем.**

Аввалан, саҳфаи шумо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд ҷамъияти зинда бошад, ки дар он муошират дар самтҳои гуногун, на танҳо миёни шумо ва мухотабон, балки дар дохили он сурат мегиранд.

1

Дуюм, агар фаъолият дар шабакаҳои иҷтимоии шумо набошад ё хеле заиф бошад, онро бо неруи худ бисозед, барои ин дӯстону наздиконатонро ҷалб намоед. Худатон шарҳ нависед, лайк гузоред ва матлабҳоро ба дигарон тақсим кунед, инҷо ҳеч ҷойи шарм нест.

2

Сеюм, вақте шарҳҳо ва фаъолиятнокӣ зиёд мешавад, бо онҳо бештар кор кардан лозим меояд: ба саволҳо ҷавоб диҳед, шарҳҳои хубро ишора кунед ва ба ҳар василае миёни пайравон эҳсосеро эҷод намоед, ки онҳо барои шумо муҳиманд.

3

Чорум, аз даъватҳо барои гузоштани лайк, обуна шудан, пахш кардани зангӯла ва монанди инҳо наҳаросед.  Танҳо инро ғайримуқаррарӣ анҷом бидиҳед, на мисле ки рақибонатон – дигар блогерон мекунанд.

4

Панҷум, ҳам бо сухан ва ҳам бо амал нишон бидиҳед, ки навиштаҳо ва фаъолиятҳои пайравонатон барои шумо муҳим аст: барои шарҳҳои хуб изҳори сипос кунед, дар асоси шарҳҳои онҳо матлаб нависед, беҳтарин шарҳи ҳафтаро муайян намоед, рейтингҳои мардумӣ тартиб бидиҳед ва амсоли ин.

5

Ниҳоят, шашум, барои пайравони аз ҳама фаъоли худ ҳисси мансубият ба маҳфили олиро ба вуҷуд биёред.

6

# ДАРСИ 6.

# Арзёбии самаранокӣ. Ченакҳои муваффақият дар шабакаҳои иҷтимоӣ кадоманд?

**Мавзуъ:** Арзёбии самаранокии кор дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

**Кори амалӣ:**

Дар мавриди самаранокии кор бо шабакаҳои иҷтимоии панҷ ВАО-и маҳаллӣ тадқиқот анҷом бидиҳед. Ба фикри шумо чаро стратегияи яке аз дигарӣ беҳтар аст?

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

**Мо матнҳои зиёде менависем, ки касе намехонад, наворҳое сабт мекунем, ки касе тамошо ҳам намекунад ва паёмҳое нашр мекунем, ки касе лайк намегузорад.**

«Мо, ман журналистонро дар назар дорам. Дар интернет муҳтавои аз ҳад зиёд мавҷуд аст, то ин ки ҳама чӣ маъруф шавад, бо вуҷуди ин мо ҳамарӯза ҳамон як амали одатиро такрор менамоем: сабт мекунем, менависем, нашр мекунем. Новобаста аз он ки аксаран ин ҳеч маъние надорад. Чӣ тавр бояд ин вазъро ислоҳ кард? Ҷавоб хеле сода аст: ба таҳлил бояд такя кард. Бештар бояд мушоҳида кард, ки рақамҳо ба мо чӣ мегӯянд.

Агар кадом як муҳтаво маҳбубу писандида шуд, онро бештар кунед, агар кадом муҳтаво пайваста аз назарҳо афтид, пас бояд аз ин мавзуъ ё шеваи пешниҳоди он даст кашид. Хуб, дарвоқеъ, агар кӯтоҳакак бигӯем, тағйирёбандаҳои комёбӣ метавонанд хеле зиёд бошанд.

Ба муваффақият ва нокомии муҳтавои шумо дар шабакаҳои иҷтимоӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Мутаассифона, алъон ҳеч як низоми таҳлилӣ бо итминони комил гуфта наметавонад, ки чаро масалан як навори видеоӣ пурбинанда мешавад, дигарӣ, ки мисли ҳамин аст, ноком мемонад. Аммо агар касе ба ин ҷавоби пурра надошта бошад ҳам, мо бояд барои ҷавоб ба ин савол ба ҳадди имкон наздик шавем.

Дар бораи муҳтавои худ, дар бораи ин ки онро чӣ тавр пеш мебарем, мухотабон бо он дар шабакаҳои иҷтимоӣ чӣ гуна иртибот доранд, ба ҳадди имкон бештар донем. Умуман, дар сомона ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ се гуруҳи асосии ченак ё метрикҳо ҳастанд, ки фарогирӣ, ҷалбшавӣ ва ҳавасмандии мухотабони шуморо нишон медиҳанд. Ченакҳои фарогирӣ нишон медиҳанд, ки чӣ қадар одам паёмҳои шуморо мебинанд ва бо шарофати он ба чӣ теъдод одамон дастрасӣ пайдо кардед.

Ченакҳои ҷалбсозӣ нишон медиҳанд, ки то куҷо одамон бо муҳтавои шумо иртиботи амиқ доранд. Чӣ қадар шарҳ мегузоранд, чӣ тавр паёмҳои шуморо лайк мезананд, чӣ тавр онҳоро ба дигарон тақсим мекунанд ва монанди ин. Ченакҳои ҳавасмандӣ бошанд, онро нишон медиҳанд, ки чанд фисади мухотабони шумо, чӣ қадар аз пайравони шумо тасодуфӣ нестанд, балки пайваста онҷо медароянд,

## Дарси видеоӣ. Арзёбии самаранокӣ. Ченакҳои муваффақият дар шабакаҳои иҷтимоӣ кадоманд?

муҳтавои шуморо дӯст медоранд, ба он обуна шудаанд ва ҳеч як навгониро сарфи назар намекунанд. Ва дар умум, тавсияи ман ин аст: бояд ҳамаи ин ченакҳоро пайгирӣ кунед, ҳамаи онҳо барои рушди тарҳи расонаии шумо муҳиманд.  Аммо дар айни замон худатон бояд тасмим бигиред, ки кадоме аз ин ченакҳоро ҳамарӯза пайгирӣ кунед, чунки ҷавоб ба ин савол аз тарҳи тиҷоратии шумо, аз ҷуғрофиёи шумо ва аз формату мавзуи муҳтаво вобаста аст ва ҳам аз дигар чизҳо низ.

Масалан, дар Russian Beyond, мо фарогирии паёмҳо, тамошои видеоҳо ва ин ки корбарон зери навиштаҳои мо чӣ қадар шарҳ менависанд, пайваста мушоҳида мекунем, динамикаро пайгирӣ мекунем, ки рафтори хонандаҳо, пайравони мо чӣ тавр тағйир мекунад. Моҳ ба моҳ ва албатта, бо муқоисаи ҳамон як моҳ дар солҳои гуногун нигоҳ мекунем, ки ин рафтор чӣ тавр иваз мешавад. Масалан, июли 2020 ва июли 2019. Чунин шева имкон медиҳад, ки омили мавсимиятро ҳазф кунем-а? Шарҳи муҳим: пеш аз ҳама, мо ба худи муҳтаво, ба мавзуъ ва шакли он назар мекунем. Бештар аз ҳама, маҳз ин калидест барои фаҳмидан ки чаро он ё ин паём пурхонанда шуд. Ҳарчанд, албатта, вақти интишор, тарроҳии паём, ва дигар чизҳо низ метавонанд нақш дошта бошанд. Тавре дар суҳбати дуюми худ гуфтем, мо низоми баргузории суҳбату ҷаласаҳои корӣ дорем, ки дар он ин ҳама мавзуъҳоро баррасӣ мекунем.

Ман медонам, ки мутаассифона, бештари расонаҳо фаъолияти худро барои оянда фаъолона ба нақша мегиранд, чунки албатта, ба нақша гирифтани фаъолияти минбаъда муҳим аст, то бидонӣ ки давоми ҳафта чӣ нашр мекунӣ ва бо ин баҳс кардан душвор аст. Аммо ҳоло муҳим аст, ки дар бораи гузашта суҳбат шавад, чунки бидуни ин, нақшаҳои шумо барои оянда метавонад ҳадафрас набошад. Бо донистани ин ки дар гузашта кадом мавзӯъҳо ва қолабҳо муваффақ будаанду кадоме не, метавонед дар мавриди нақшаҳоиояндаи худ тасмими нисбатан огоҳона бигиред.

Мо ҳафтае як бор чунин ҷаласа баргузор мекунем ва ҳамаи муаллифон медонанд, ки ҷамъоварии маълумот дар бораи матолиби худ, онро нақл кардан ва фарзияҳо сохтан, ки чаро чизе муваффақ шуд ва чизе не, ин масъулияти шахсии онҳост. Албатта, касе инро намедонад, аммо агар фарзияҳо насозем, пас ба ҳалли масъала наздик нахоҳем шуд.

Дар ҷараёни ин суҳбатҳо, мо ду ҷанбаи муҳими дилхоҳ матолибро баррасӣ мекунем – ин албатта сарлавҳа ва акси асосӣ аст. Тасвири матолиб ва ё акси асосӣ, ки дар саҳфаи аввали шабакаҳои иҷтимоӣ намудор мешавад. Баъзан дар натиҷаи чунин баррасиҳо матолиби аллакай нашршударо иваз менамоем, сарлавҳаҳо ё аксҳои асосиро дуруст мекунем. Баъдан, ҳам ин ва ҳам онро ислоҳ мекунем. Пасон, агар ин матлаби бидуни «баҳонаи хабарӣ» бошаду ба кадом як хабари мушаххас рабт надошта бошад, мо ин муҳтаворо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бори дигар нашр мекунем. Аз ин кор набояд ҳаросид, аз нашр кардани муҳтавои кӯҳна наҳаросед, дар суҳбати гузашта дар ин бора гуфта будем. Дар бораи кор бо муҳтавои ҳамешасабз гуфтем ва мебинем, ки ин матолиби навсозишуда бо пешниҳоди тоза чӣ тавр муваффақ мешаванд.
Бештари вақт онҳо аз варианти аввала бештар муваффақ мешаванд, чунки мо сари он зиёд фикр кардем ва бо ин роҳ шеваи пешниҳоди онро беҳтар кардем. Чунин ҷаласаву баррасиҳо дар редаксия дар маҷмуъ, барои пешравии кор таъсири муҳим расонд, чунки кормандон-рӯзноманигорону муҳаррирон акнун сари ин ду омили муҳим бештар фикр мекунанд.

Баррасию ислоҳи сарлавҳаҳо ва тасвирҳои асосӣ фарҳанги муассир кардани сарлавҳаву аксҳоро тавлид кард. Зеро муаллифон моҳияти зеҳни гурӯҳиро дарк намуданд. Як бахши иттилои муфиди дигар, ки мо ҷамъоварӣ ва баррасӣ мекунем, ин вақти нашри матолиб мебошад.

Мухотабони мо тақрибан дар тамоми ҷаҳон ҳастанд ва мо мушоҳида кардем, ки мавзуъҳои муайян барои мухотабони муайян бештар писанд меоянд ва ин барои мо як раванди таҷриба ва иштибоҳҳо буд, аммо дар ниҳоят мо ҷадвали бузурге таҳия кардем, ки дар он вақти нашри матлаб ва мавзуъҳоро ҷой намудем. Ба ин тартиб, тавассути ин ҷадвал вақти хубу мусоидеро барои нашри матолиби мавзуъҳои муайян ба роҳ мондем. Ҳоло ҳар вақт ки матолиби дар мавзуъҳои барои мо муҳим таҳия мешавад, бо ин ҷадвал муқоиса мекунем ва мебинем, ки дар кадом вақт ин матлабро нашр кунем, то мухотабони бештареро ҷалб кунад.

## Биёед, натиҷагирӣ мекунем.

**Аввалан, адами арзёбии самаранокӣ тамоми кори минбаъдаи моро ба сифр баробар мекунад. Шуморо лозим аст се гурӯҳи ченакҳоро пайгирӣ кунед: фарогирӣ, ҷалбсозӣ ва ҳавасмандӣ.** 1

**Дуюм, динамикаи нишондиҳандаҳоро пайгирӣ кунед. Онҳоро моҳ ба моҳ ва сол ба сол муқоиса кунед, то муайян намоед, ки кадом тамоюлҳои рафтори мавсимии мухотабонро мешавад мушоҳида кард.** 2

**Сеюм, барои баррасии фаъолият ҷаласаҳои кутоҳ баргузор кунед, ки муаллифону муҳаррирон худ дар бораи муваффақият ва нокомиашон бигӯянд ва онҳоро таҳлил намоянд, то масъулияти инфиродиро барои муҳтавояшон эҳсос кунанд.** 3

**Чорум, дар ҳар ҳолати мушаххас, ба саволи “чаро?” ҷавоб додан хеле муҳим аст.Чаро як матн пурбинанда мешаваду дигарӣ не? Ҷавоб метавонад ҳам мавзуи ин матн, ҳам формати он ва ҳам чанд омилҳои дигару вақти нашр, тарроҳӣ, ороиш ва пешсухан бошад.** 4

**Панҷум, агар матолиби муваффақро зиёд пайгирӣ кунед, пас мешавад фаҳмид, ки кадом вақт барои нашр кардани матолиби муайян дуруст аст. Аз ин иттилоъ истифода кунед.** 5

**Шашум. Агар чизе ба шумо нофаҳмо аст, аз навиштан ба дастгирии фаннии шабакаҳои иҷтимоӣ наҳаросед, агар бахтатон омад накард, ба шумо ҷавоб намедиҳанд, агар муваффақ шудед, метавонед иштибоҳро ислоҳ ва адолатро барқарор кунед.** 6

# ПАЁМРАСОНҲО ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАНД?

**МУАЛЛИФ:** Александр Амзин
Мушовири мустақили расонаӣ, муаллифи саҳифаи @themedia дар телеграм. Муаллифи чанд китоб ва тренингҳо оид ба рӯзноманигорӣ, дар гузашта — устоди факултети рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Маскав (МГУ), ношир ва мудири маҳсулоти The Bell, мутахассиси PR дар "Яндекс". Собиқаи мушовирӣ дар «Лента.ру», «Ведомости» ва дигар расонаҳои Русияву хориҷиро дорад.

**МЕТОДИКА:** лексия, семинар, дарсҳои амалӣ

**РАВИШ Ё УСУЛИ ДАРС:** Курс дар мавриди вижагиҳои кори рӯзноманигорон дар паёмрасонҳо маълумот медиҳад. Малакаҳои таҳлили аудитория, муошират дар қолаби паёмрасонҳо ва таблиғи муассири муҳтаво ҳам бахше аз ин омӯзишҳо ҳастанд.

**ДАВОМНОКӢ:** 4 соати академии дарсҳо дар аудитория; 6 соат кори мустақилона

**МАВОДИ ЗАРУРӢ:**
Барои омӯзгор: экран, проектор, ноутбуки пайванд ба Интернет барои нишон додани мисолҳо. Барои донишҷӯён: ноутбук/смартфони пайванд ба Интернет барои мутолиаи адабиёти тавсияшуда ва иҷро кардани вазифаҳои амалӣ.

3

# ДАРСИ 1.

# Вижагии аудитория ва талаботи расонаӣ ба паёмрасонҳо

**Мавзуъ:** Таърихчаи кӯтоҳи паёмрасонҳо. Вижагии аудитория. Русия. Осиёи Марказӣ.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Нақши паёмрасон (мессенҷер)-ҳо дар фаъолияти касбии рӯзноманигорон: тарафҳои мусбат ва манфӣ. Шакли муҳокима – мубоҳиса.

**Кори амалӣ:** Миёни шиносҳоятон (на камтар аз 20 нафар) пажуҳише анҷом бидиҳед ва маълум намоед, ки аз кадом паёмрасонҳо истифода мекунанд ва барои чӣ? Ҳангоми муаррифии тадқиқот истифодаи абзорҳо барои дидорисозии маълумотҳои бадастомада зарур аст.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Таърихчаи кӯтоҳи паёмрасонҳо

Омӯзиши ҳама гуна навъи расонаро мебояд аз аудитория ва хосиятҳои он шуруъ кард. Паёмрасонҳо аз ибтидо, 15-20 соли пеш, барои компютерҳо пешбинӣ шуда буданд. ICQ (кӯтоҳшудаи I Seek You, "ман туро меҷӯям") машҳуртарин паёмрасони компютерӣ буд. Ин паёмрасон барои насли баъдии паёмрасонҳо, аз ҷумла дар барномаи озоди Jabber, шарту шароитеро мушаххас ва муқаррар кард, ки то имрӯз риоя мешаванд:

- Ҳамсуҳбатон дар рӯйхати рақамҳо гирдоварӣ мешаванд;
- Барои ҳар кадом ҳамсуҳбат равзана ва ё чати алоҳида таъсис мешавад;
- Суҳбат асосан дар шакли матнӣ ҷараён мегирад;
- Гуфтугӯҳои гурӯҳиро ҳам мешавад, созмон дод, аммо ҳатмӣ нестанд.

Паёмрасонҳои муосири мобилӣ ин вижагиҳоро мерос гирифтаанд. Паёмрасонҳое, ки ин шартҳо ва вижагиҳоро надоранд, мо дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунем ва ё нававарона баҳо медиҳем. Барои мисол:

- Snapchat, барои ба таври худкор маҳв кардани паёмакҳо пешбинӣ шудааст;
- Yo, паёмакҳои ғайриматнӣ ирсол мекунад;
- Instagram Direct, танҳо аксҳоро дар бар мегирад;
- Threads[1] барои гуфтугӯ бо дӯстони наздик пешбинӣ шудааст.

Мисле ки ICQ саромади такомули паёмрасонҳо барои компютерҳои рӯимизӣ шуд, паёмрасони WhatsApp низ, ки дар моҳи январи соли 2009 таъсис шуда буд, барои барномаҳои мобилии табодули паёмакҳо муқаррарот ҷорӣ кард. Аз паёмрасонҳои муосир мо имконоти зерро интизор ва тақозо дорем:

- Табодули паёмакҳои матнӣ, аксҳо
- Табодули паёмакҳои савтӣ
- Бозирсоли ҳуҷҷатҳо ва сабтҳои видеоӣ
- Василаи мустақиман дидани пайвандҳо (ссилкаҳо)
- Гурӯҳҳо
- Кор ҳам дар телефони мобилӣ, ҳам дар компютер
- Махфияти комил.

Дар ин давраи омӯзишӣ мо ба оилаи бузурги хадамоти табодули паёмакҳо – корпоративӣ / корӣ дахл намекунем. Маъруфтарин хадамоти паёмакрасонҳои корпоративӣ-корӣ инҳоянд: Slack, Microsoft Teams ва WorkPlace аз Facebook. Инҳо метавонанд, барои истифодаи дохиликорхонаӣ муфид бошанд, аммо дар бештари ҳолатҳо он чизе, ки дар давраи омӯзишӣ гуфта хоҳад шуд, бо тағйироти ҷузъӣ ба ин паёмрасонҳо низ дахл хоҳад кард.

## 2. Вижагии аудитория

Шуруъ аз соли 2019 паёмрасонҳо ҳифзи махфияти муколамаҳо ва доду гирифти корбаронро яке аз сифатҳои махсуси кори худ зикр мекунанд. Ин гуна имконот ва набуди трекерҳо дарки ҳайати иҷтимоӣ-синну солии аудиторияро маҳдуд кардаанд.

Сарфи назар аз маҳдудиятҳо, василаҳои дигари баҳисобгирии корбарон ва пурсишҳои камшумор тақрибан намои зерро таҷассум мекунанд.

**Русия**

Дар охири соли 2018 (Telegram, маълумоти TGStat[2]): 57,7 ҳазор саҳифа ё шабака, 27,7 млн. навишта дар сол. Мавзуъ ва муҳтавои саҳифаҳо мардумитар мешаванд, даҳҳо саҳифаҳои технологӣ баста шуданд, ки баёнгари мардумитар шудани талабот ва истеъмол аст.

[1]https://tjournal.ru/tech/119368-instagram-predstavil-threads-messendzher-dlya-obmena-soobshcheniyami-foto-i-video-s-luchshimi-druzyami
[2]https://tgstat.ru/articles/Itogi-2018-goda-dlya-Telegram-v-cifrah-12-29

# Тақсимоти саҳифаҳо вобаста ба мавзуъҳо




Метавон хулоса баровард, ки маҳз Telegram василаи асосии паҳнсозии иттилои расонаҳои Русия ва русзабон аст. WhatsApp ба таври чашмрас паҳнсозии густардаро маҳдуд мекунад, Viber дар гузашта таъсиси саҳифаҳо (каналҳо)-ро мураккаб ва дар ирсоли паёмҳои савтӣ монеа эҷод карда буд (махсусан бо наздикон ва пайвандон дар Белорус, ки ин паёмрасон дар он кишвар дар гузашта маъруфият дошт).

- Telegram аз ҳад зиёд ба Маскав нигаронида шудааст[3], дар соли 2018 аз маҷмуи корбарони Русия 35,6% дар Маскав қарор доштанд, Санкт-Петербург низ ҳиссаи қобили мулоҳиза — 13,3%-ро соҳиб шуда буд.
- Шумораи мардон дар бахшии русиягии Telegram ду баробари занон аст;
- Синну соли корбари миёна — ба эҳтимоли хеле зиёд ҷавон аст. Бештар аз 70%-и пурсидашудагон гуфтанд, ки камтар аз 35 сол доранд.
- Ҳанӯз ҳам худро устуворона ҳифз мекунад, ки барои марҳилаи аввали воридшавии ҳадамот хос аст, 26,7 дарсади корбарон ба мавзуъҳои технологӣ таваҷҷуҳ доранд.
- Бо густардатар паҳн шудани паёмрасон қобилияти пардохтсозии корбари маъмулӣ коҳиш меёбад. Ҳар панҷумин — бекор, 12% пурсидашудаҳо бештар аз 150 ҳазор рубл (>€ 2000) даромад доранд, 8,3% бештар аз 10 баробар камтар даромад доранд.
- Аудиторияи калони Русия нуқтаи ҷамъшавиро пайдо кардааст. Ҳарчанд дар бахши русиягии Telegram бештар аз 80 ҳазор канал ё саҳифа мавҷуд аст, ҳар сеюмини онро камтар аз 10 кас мехонад. Ин ҳолат байни саҳифаҳо рақобатро ба бор меорад. Дар 80%-и ҳолат каналҳои серхонанда хабарӣ ҳастанд, дар 48%-и ҳолат — каналҳое, ки барои хонанда хабари соҳавӣ пешниҳод мекунанд, дар 45%-и ҳолат — хабарҳои сиёсӣ.

## Осиёи Марказӣ

Пурсиши амиқи[4] бештар аз 4000 корбари интернет дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон интихоби корбаронро нишон медиҳад. Пурсидашудаҳо гуфтанд, ки чӣ гуна иттилоъро пайгирӣ мекунанд.

Дар зер бархе аз хулосаҳои марбут ба паёмрасонҳо оварда шудааст:

- «Ҳамеша» ва ё «одатан» 55%-и пурсидашудаҳо аз Қирғизистон хабарҳоро аз паёмрасонҳо мегиранд, дар Тоҷикистон ин нишондод ба 63% мерасад, дар Қазоқистон ба 69% ва дар Ӯзбекистон ба 85% мерасад.
- Дар минтақаҳо бештар WhatsApp, Telegram ва Viber маъруф аст:
  - Бисёре аз корбарон дар як вақт якбора чанд паёмрасонро кор мефармоянд;
  - Дар Қазоқистон 83%-и пурсидашудаҳо WhatsApp-ро ҳамчун манбаи асосии дарёфти хабар истифода мекунанд, 52% — Telegramро ва танҳо 12% — Viber-ро;
  - Дар Қирғизистон 78%-и пурсидашудаҳо WhatsApp-ро манбаи асосии дарёфти иттилоъ унвон карданд. Telegram-ро — 55%, ва Viber-ро — 12%.
  - 62%-и пурсидашудаҳо аз Тоҷикистон афзал медонанд, ки иттилоъро тавассути Telegram дарёфт кунанд. Аз Viber 61%, ва аз WhatsApp — 49%.
  - Дар Ӯзбекистон 97%-и пурсидашудаҳо хабарҳоро тавассути Telegram, 23% — аз WhatsApp, ва танҳо 11% аз Viber дарёфт мекардаанд.

[3] https://texterra.ru/blog/auditoriya-telegram-rezultaty-issledovaniya-anket.html
[4] https://cabar.asia/ru/auditoriya-tsentralnoj-azii-poluchaet-novosti-iz-sotsialnyh-setej-i-messendzherov-issledovanie-iwpr/




*Манбаъ: Тадқиқоти IWPR CA, "Захираҳои интернетӣ ба сифати сарчашмаҳои маводи хабарӣ", %-и пурсидашудаҳо, ки посухашон "ҳамеша" ва "одатан" будааст. Июн, 2019.*




*Манбаъ: Тадқиқоти IWPR CA, "Паёмрасонҳо ба сифати сарчашмаи хабарҳо", %-и пурсидашудаҳо, ки посухашон "ҳамеша" ва "одатан" будааст. Июн, 2019.*

- Корбарон ҳам вобаста ба синну сол барои дарёфти иттилоъ ва мутолиаи он забон интихоб мекунанд. Корбарони ҷавон дар 50-55% ҳолатҳо барои мутолиаи хабару мухтаво забони русиро интихоб мекунанд, дар 25-30% ҳолатҳо — забони кишвареро, ки дар он зиндагӣ доранд ва дар 15-16% ҳолатҳо — мухтавоеро интихоб мекунанд, ки бо забони англисӣ офарида шудааст. Аудиторияи аз 45-50-сола боло дар 60-67% ҳолатҳо забони русиро интихоб мекунанд, дар 21-27% ҳолатҳо — забони маҳаллиро ва танҳо дар 7-8% ҳолатҳо забони англисиро.




*Манбаъ: Тадқиқоти IWPR CA, "Интихоби забони мухтавои хабарӣ вобаста ба синну сол", %-и пурсидашудаҳо. Июн, 2019.*

# ДАРСИ 2.

# Вижагиҳои истифодаи расонаӣ

**Мавзуъҳо:** Истифодаи расонаӣ ва иртибототӣ. Маҳдудсозии истифодаи мобилӣ. Тамошои паёмакҳо дар рӯйхати рақамҳо

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Омода кардани гузориш дар мавзуи “Истифодаи огоҳона” ва ё “Гигиенаи рақамӣ”. Мавзуъро донишҷӯён муаррифӣ мекунанд.

**Кори амалӣ:** Усулҳо истифодаи огоҳона ва гигиенаи рақамиро барои шабакаҳои иҷтимоии худ давоми як ҳафта ба кор баред. Дар мавриди тағйиротҳо – тарафҳои мусбат ва манфии ин кори амалӣ нақл кунед.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Вижагиҳои истифодаи расонаӣ ва иртибототӣ

Барои паёмрасонҳои муосир вижагиҳои зер хос ҳастанд:

- Гуфтумонҳои ниҳоят кӯтоҳ. Корбари одӣ матнро механад, гоҳҳо бо дидани матни огоҳӣ иктифо мекунад ва паёмакро ба куллӣ боз намекунад.
- Посух ҳам одатан кӯтоҳ ва ё ғайри матнӣ аст. Барои мисол, посух додан ба паёмакҳо тавассути рамзҳо ё имоҷиҳо, аксҳо ва стикерҳо бисёр одӣ шудааст.
- Намунаҳои гуногуни рафтор. Барои мисол, аудитория метавонад, тавассути матн, чандрасонаӣ (ки дар боло шарҳ дода шуд), гуфтугӯ кунад ва ё ба тамосу табодули паёмаки савтӣ гузарад.
- Сарфи назар аз он ки ҳамаи ин табодул тавассути назокатҳои вижа танзим мешавад, аммо одатан метавон ба паёмаки тарафи муқобил посухи ҳамсон дод. Фаразан, агар матн фиристодааст, метавон бо матн посух дод, агар савт фиристодааст, метавон бо савт посух дод.
- Барои намуна, аҷибу ғариб хоҳад буд, агар ба ҳар паёмаки матнӣ бо паёмаки савтӣ ҷавоб дод. На ҳамеша ба маврид хоҳад буд, ки савт, акс ва матнро дар як канал ҷо кард. Аммо комилан қобили қабул аст, агар дар гурӯҳи таҳти идораи худ пайванд (ссилка)-и савти лексия ё қисмҳои подкастро гузошт.
- Истеъмол ё истифодаи огоҳона, ҳузур надоштан дар қисмати паёмакрасони алгоритми лента. Барои мисол, чунин лентаро Facebook дорад, аммо он дар Facebook Messenger мавҷуд нест, дар Instagram ҳаст — аммо дар Instagram Direct нест. Зерсохтори густардаи саҳифа ё каналҳо дар Telegram ҳаст, аммо ҳар кадоми онҳоро мебояд дар алоҳидагӣ аз назар гузаронд ё мутолиа кард. Дар WhatsApp даҳҳо чати волидон ё хонандагони мактабҳо мавҷуд аст, аммо функсия (барнома)-е мавҷуд нест, ки ҳамаи онҳоро дар як маҷро дарорад.
- Барои мисол, хонандагон саҳифаҳои телеграмӣ ва ё саҳифаҳои аз ҷиҳати моҳият ба инҳо монанд садоқати бештар доранд, зеро дидаву دониста вориди ин ва ё он саҳифа ё канал шудаанд.
- Василаҳои идораи истеъмоли огоҳона — ирсол ба бойгонӣ, қатъи дарёфти огоҳӣ аз ин ва ё он корбар, гурӯҳ ё саҳифа. Бояд тазаккур дод, ки ин қисмати имкониятҳои паёмрасонҳо тақвият хоҳанд ёфт ва дар оянда ба як ёрирасони махсус табдил хоҳанд шуд. Ба ин тартиб, вуруди паёмакҳои нохостаро ба танзим хоҳанд даровард.

## 2. Маҳдудсозии истифода ё истеъмоли мобилӣ

Маҳдудсозии асосии истифода ё истеъмоли мобилӣ — экрани мобил аст, ки танҳо хурд будани экран маҳдудиятҳоеро эҷод кардааст. Ин нукта ба дӯши истеҳсолгари муҳтаво масъулиятҳоеро бор кардааст.

Бояд иловатан тазаккур дод, ки дастурамал оид ба маҳдудсозии муҳтаво маҳз барои паёмрасонҳо вуҷуд надорад. Аммо бештари масъулиятҳои рӯзноманигор, маҳдудияти сабт ва махсусияти сохтори муҳтаво, ки ба матнҳои мобилӣ рабт доранд, дар мавриди паёмрасонҳо низ қобили аҳамиятанд. Тавсия дода мешавад, ки ба дастурамали сабки мобилии BBC муроҷиат карда шавад [5]; ҳамзамон ба дастурамали муҳтавои сомонаи ҳукумати Британиё метавон таваҷҷуҳ кард[6].

- Барои браузерҳои мобилӣ навиштани матн ба паҳнои экран хос аст, ҳарчанд экрани мобилӣ хурд ҳам бошад. Дар мессенҷер ё паёмрасон равзанаи паёмак одатан нисф ё аз се ду ҳиссаи экранро пур мекунад. Ҳаҷми матне, ки дар экран ҷо мегирад, ба таври чашмрас хурд мешавад. Агар дар экрани одӣ то 500 рамз ҷо шавад, пас дар равзанаи мессенҷер ин ғунҷоиш ҳамагӣ наздики 280 рамзро дар бар мегирад (андозаи як твити муосир).
- Маҳдудияти 4000 рамз (Telegram) ба таври дақиқ ҳаҷми максималии муҳтаворо муайян мекунад. Ба илова, матни иборат аз зиёда 2000 рамз ирсоли онро аз як платформа ба платформаи дигар мушкил мегардонад (барои мисол, ин ҳаҷми рамз барои Instagram аз андоза беш аст). Беҳтар аст, агар андозаи матнҳо на бештар аз 1000 рамз бошад;

[5] https://www.bbc.co.uk/guidelines/futuremedia/accessibility/mobile

[6] https://www.gov.uk/guidance/content-design/writing-for-gov-uk




*Акси экрани телефони мобилӣ*




*Акси экрани компутари рӯимизӣ*

- Ҷолиб ин ҷост, ки маҳз 1000 рамз ҳамзамон ҳаҷми максималиест, ки шумо метавонед, зери акс дар Telegram ҷо кунед. Риояи «қоидаи 1000 рамз» имкон медиҳад, ки ҳамрангии постҳои матнӣ, чандрасонаӣ ва ё аксиву наворӣ ҳифз карда шавад.
- Акс дар паёмрасонҳо ба ҳамон қонунҳое итоат мекунад, ки дар мавриди мобилҳо эҷод шудаанд, аммо ин қонунҳо барои аксҳо сахттар ҳастанд:
  - Беҳтар аст, ки акс танҳо як нуктаи меҳварӣ ва як унсури бузург дошта бошад. Ҳатто агар саргузаштеро нақл кардан хоҳед, ҳатман бояд ин қонун риоя шавад.
  - Ҳарфҳои хурд хонданашаванда ҳастанд, аз ҳамин хотир унвони ҳама гуна графикҳо бояд дар ҳама гуна дастгоҳҳо барои корбарон хоно бошанд. Дар ёд дошта бошед, ки дар смартфонҳо нисбат ба компютерҳо матнҳо хеле бад дида мешаванд, матнҳо ва расмҳое, ки эҳтимолан дар компютерҳо сохта ва дар паёмрасонҳо ҷо шудаанд. Ду скриншоти ҳамон як саҳифаро муқоиса кунед.
- Намогирифт (скриншот)-ҳо ба формати мураббаъ ва ё наздик ба он шабеҳ ҳастанд, ин ҳадди максималиро барои паёмакҳои аксӣ фароҳам меорад. Хуб мешавад, агар унсурҳои барои муҳтаво муҳим барҷаста карда шаванд.
- Акси ҳуҷҷатҳо — жанри алоҳидаест, ки махсуси паёмрасонҳост. Ҳуҷҷатҳоро имкон надорад, тавре акс бардошт, ки бидуни калон кардани ҳаҷми онҳо матни навиштаашон хоно шавад. Ин ҳам дар ҳоле, ки хондани ин гуна ҳуҷҷатҳо нороҳаткунанда аст ва касе ҳам бо диққати тамом ин корро намекунад. Аз ҳамин хотир, бо қалами сиёҳ ё василаи дигаре қисматҳоеро, ки бисёр муҳим ҳастанд, бояд барҷаста кард.
- Ин тавсияҳо барои наворҳои мобилӣ низ дар паёмрасонҳо қобили истифода ҳастанд:
  - Ба назар бигиред, ки на ҳамаи корбарони паёмрасонҳо ҳангоми дидани паёми наворӣ дар ҷову макони мувофиқ қарор доранд ва бидуни монеа метавонанд, наворро бинанд. Хуб мешавад, агар сатрҳои навор муҳтаворо бозгӯ кунанд.
  - Бисёре аз корбарон мессенҷерҳоро бидуни гӯшӣ мехонанд, ё истифодаи садоро авло медонанд ва телефонро ба гӯшашон наздик мекунанд.
  - Дар ҳолати аввала онҳо аз тамошои навор шарм медоранд ва ё садои онро наметавонанд, ба дурустӣ шунаванд. Дар ҳолати дувум — садоро мешунаванд, аммо намебинанд, ки навор аз чӣ иборат аст.
  - Шумо наметавонед, монеи чунин тарзи истифода шавед — аммо метавонед, субтитр ворид кунед ё ишора намоед, ки дар экран матн навишта хоҳад шуд (матни бузург дар нахустин кадр кофист).

# ДАРСИ 3.

# Вижагиҳои иртиботот ва қолабҳо дар паёмрасонҳо

**Мавзуъҳо:** Нигоҳи иҷмолии паёмакҳо дар рӯйхати рақамҳо. Забон ва фарҳанги иртибот дар паёмрасонҳо. Навъҳои паёмакҳо аз рӯи функсия. Хате ки бахш, қолаби саҳифаро муаррифӣ мекунад. Сохтори нави баёни муҳтаво. Қолабҳои аслӣ.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Этикаи касбии рӯзноманигорон дар шабакаҳои иҷтимоӣ – мавзуи баррасӣ дар шакли мизи гирд бо 4-5 маърузачӣ ва гардонанда.

**Кори амалӣ:** Расонае фикр кунед, ки мехостед дар он кор кунед. Барои телеграм-канали ин расона ба 5-6 хабари воқеӣ лид нависед.

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# 1. Нигоҳи иҷмолии паёмакҳо дар рӯйхати рақамҳо

Нигоҳи иҷмолӣ (кӯтоҳ) ба паёмакро метавон дар алоҳидагӣ зикр кард, ки омили диққатҷалбкунандае аст. Ба мисолҳои зер таваҷҷуҳ кунед:

- саҳифа барои аҳли расонаҳо суоли касбие дар миён мегузорад,
- агрегатори технологӣ сарлавҳа пешниҳод мекунад,
- таҳқиқгарон тавонистанд, муҳимтарин нуктаҳоро фишурда созанд (5 Гц),
- инфлюенсер ё корбари таъсиррасон фикри боарзише пешниҳод мекунад.

Баҳсноктарин нукта, зоҳиран, нуктаи чаҳорум аст — ва ин мисоли нодир намунаи риоя нашудани формат аст.

Унсури муҳим истифодаи эмодзӣ ё рамзҳо дар нахустин сатр дониста мешавад. Онҳо барои дуруст мушаххас кардани сохтори мултимедӣ ва мавзуӣ кӯмак мерасонанд. Дар акс ишора шудааст, ки канал ё саҳифаи аввал ба ҷанҷоли Чин бо Таиланд рабт дорад, саҳифаи севум – нишон медиҳад, ки паёмак файли иловагӣ дорад, саҳифаи чаҳорум ишора мекунад, ки — паёмак дорад.




Мо эмодзиҳоро дар дарси навбатӣ муфассал баррасӣ мекунем.

Нуктаҳои асосӣ:

- Талош кунед, ки муҳимтарин паёмро дар 50-60 рамзи аввал ғунҷонед. Дар ин сурат паёми охири шумо ба ҳадаф хоҳад расид.
- Талош кунед, 3-5 калимаи аввалро тарзе нависед, ки онҳо аудитория ё хонандаи худро пайдо кунанд. Бо калимаҳои муқаддамотӣ ва ё сарсуханҳои нолозим оғоз накунед.
- Дар хотир дошта бошед, ки шумо барои ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ҳамагӣ 0,5 сония дар ихтиёр доред. Хонанда ҳангоми болову поён кардани рӯйхати рақамҳояш дар мессенҷер ё дар саҳифаи шабакаи иҷтимоӣ мумкин аст, ба саҳифаи шумо рӯ ба рӯ шавад[7].

[7]https://t.me/thecontentisthequeen/234

# 2. Забон ва фарҳанги иртибот дар мессенҷерҳо

Сохтори забоние, ки дар мессенҷерҳо истифода мешавад, ҳамзамон ҳам ба сохтори шифоҳӣ ва ҳам ба сохтори хаттӣ наздикӣ дорад. Аз сохтори хаттӣ мессенҷерҳо васоили аёнӣ (ба ибораи дигар, худи матн), аз шифоҳӣ — шакли калимаҳо, сохтори баён ва таркибро доранд.

Тавре[8] профессори Донишгоҳи Колумб Ҷон Мак Уортер мегӯяд, табодули SMS ва дигар навъи паёмакҳо шакли сеюми баён — «забони ангушт» (fingered speech)-ро эҷод кардаанд, ки аз рӯи моҳият шифоҳӣ аст.

Дар воқеъ, дар табодули паёмакҳо дар мессенҷерҳо хусусиятҳои зерро метавон зикр кард, ки бештар барои баёни шифоҳӣ хос ҳастанд:

- Риоя накардан ва ё ҳадди ақал истифодаи озоди аломатҳои китобатӣ, телеграфбаёнӣ, ки маънии кӯтоҳгӯиро дорад ва дар ин ҳолат ирсоли маънӣ муҳимтар аз хатари баёни духӯра аст
- Набуди аломатҳои интиҳои ҷумла дар репликаҳо (дар натиҷа нуқта дар охири реплика маънои дигар касб мекунад — ин гуна бардошт ҳосил мешавад, ки ҳамсуҳбат бо гузоштани нуқта дар охири паёмаки худ аз чизе норозист)
- Набуди бахши лаҳни маънодор ва баёни калимаҳое, ки дар гуфугӯи шифоҳӣ одӣ дониста мешаванд, дар паёмакҳо метавонанд таҳқиркунанда ба ҳисоб раванд. Барои мисол, ба сутуни нашрияи The New York Times[9] таваҷҷуҳ кунед, ки тарзи дурусти истифодаи ОК-ро дар паёмҳои корӣ шарҳ додааст. Посухи ОК барои насли калонсол қобили қабул аст, аммо барои насле, ки баъди солҳои 1990 таваллуд шудааст, метавонад нороҳаткунанда бошад. Ҳамзамон посухи алтернативӣ дар ҳоли эҷод шудан аст, ки маънии ОК мерасонад — дар бахши амрикоӣ ҷои онро kk гирифтааст.
- Образҳои ивазшудае, ки рӯи даст гирифта шудаанд, мумкин аст, барои ҳамсуҳбат нофаҳмову норушан бошанд, аммо имкон медиҳанд, ки худро ҳангоми суҳбат муфассалтар муаррифӣ кард. Одатан, ин истифодаи эмодзиҳо, стикерҳо, GIF-аниматсияҳо ва ғайра ҳастанд. Дар гуфтугӯи шифоҳӣ ин суханҳои ҳикматнок, қолабҳо, иқтибосҳо ва ғайра ҳастанд.
    - Ин вижагии гуфтугӯ дар қисми 4-уми фасли 4-уми филми тасвирии “Рик ва Морти” хуб тасвир шудааст, ки Рик тасмим дорад, бо ирсоли GIF ҳамсуҳбати худро ба гумроҳӣ андозад. Дар натиҷа вай акси сароянда Тейлор Свифтро ирсол мекунад, ки вай дасташро дар ҳаво мушт кардааст.



*Намогирифти филми тасвирии “Рик ва Морти”*

- Ҳаҷми миёнаи ҷумла дар мессенҷерҳо наздик ба нутқи шифоҳӣ (барои забони русӣ — 10 калима) аст, на ба нутқи китобатӣ (дар хабарҳо барои забони русӣ — наздики 14 калима, барои нутқи китобатӣ дар забони англисӣ — 20 калима). Тавре дар боло зикр шуд, дар маҷмуъ, як навишта ё пост бояд дар ҳаҷми як твит бошад, ки ин маънои 1-2 ҷумлаи кӯтоҳро дорад.
- Дар гуфтугӯи озод одатан қабатҳои нидоӣ ва эҳсосотии муколама истифода мешавад. Одатан — бо ёрии эмодзиҳо ва (гоҳо) барҷаста ё каж кардани матн.
    - Дар матни хуб як сархат аз як фикр иборат хоҳад буд. Ин қоида барои эмодзиҳо ҳам комилан қобили қабул аст. Теъдоди аз андоза зиёди эмодзиҳо сару садои нолозимро ба бор меорад, дар ҳоле, ки акси хурд бояд рӯҳияро ба бор орад ё қисматҳои паёмакро аз ҳамдигар ҷудо созад.
    - Бояд дар хотир дошт, ки эмодзиҳо худ аз худ вуҷуд надоранд. Онҳо ҳамеша ба контекст рабт доранд ва бояд танҳо дар контекст истифода шаванд.
    - Эмодзиҳо метавонанд, дар ҷои номуносиб истифода шаванд, зеро одатан неруи мусбат талқин мекунанд. Талош кунед, ки дар хабарҳову паёмакҳои марбут ба садамаи нақлиётӣ, офатҳо, терактҳо эмодзӣ истифода набаред.

[8]https://www.wired.com/2013/03/texting-isnt-writing-its-fingered-speech/
[9]https://www.nytimes.com/2019/11/21/business/kk.html

# 3. Навъҳои паёмакҳо аз рӯи функсия

Сарфи назар аз шабоҳат доштан бо тарзи баёни шифоҳӣ, паёмакҳо дар мессенҷерҳо ба таври қобили чашмрас аз баёни шифоҳӣ фарқ мекунанд. Онҳо метавонанд ин гуна бошанд:

- Мултимедӣ;
- Чанд мавзуъро дар бар гиранд (дар ҳоле, ки паёми кӯтоҳи шифоҳӣ комилан барҳам хоҳад хӯрд, агар дар худ бештар аз 1-2 фикрро ғунҷонида бошад);
- Метавонанд ҳифзшаванда бошанд ва ба такрор қироат шаванд (ҳам ба бозхонии матнҳо ва ҳам ба такроран гӯш кардани паёмакҳои савтӣ рабт дорад);
- Интерактивӣ (аз нигоҳи технологӣ имкон дорад, ҳарчанд ба таври комил амалӣ нашудааст);
- Дар бархе ҳолатҳо мессенҷерҳо ҳам метавонанд эфемернӣ бошанд (барои мисол, дар Telegram паёмакҳо худ аз худ маҳв мешаванд ё барҳам мехӯранд ва мисли ҳамин дар шабакаҳои иҷтимоиву паёмакрасонҳои дигар).

Ба ҷуз ин, паёмакҳои мухталиф ба рафторҳои хосе равона шудаанд.

- Огоҳӣ. Барои мисол, дар паёмрасони Yo имкон медиҳад, дар боте обуна шуд, ки аз ҳамлаҳои мушакии Исроил хабар додааст. Ҳарчанд паёмак метавонад муҳтавое надошта бошад — вай дар бораи паёми ҳаётан муҳим корбарро хабардор мекунад.
- Breaking news — хабари фаврии бидуни тафсилот. Одатан ба ҷуз аз сарлавҳа чизи дигаре надорад ва барои бознашри ба такрор дар саҳифаҳои дигар равона шудааст (барои шабакаҳои Telegram, Twitter хос аст ва аммо ба далелҳои фаннӣ дар WhatsApp коромадии чандоне надорад).
- Сабт — одатан муҳтавои мунҳасир ба фард дорад, ки ё метавонад худ аз худ вуҷуд дошта бошад ё бо ссилкаву ҳуҷҷату навор тақвият ёфта бошад.
- Дайҷест — одатан чанд пайванд дорад, ки аудиторияро бо иттилои муфид таъмин мекунад, вале корбарон онро ба касони дигар ирсол нахоҳанд кард.
- Паёмаки мултимедӣ. Ба фарқ аз матни оддӣ, дар паёмакҳои мултимедӣ асос муҳтавои мултимедӣ аст, ки фикри асосиро дар бар мегирад ва боиси ба дигарон ирсол кардани паёмак мешавад..
    - Ҳолатҳое низ мешавад, ки байни матни одӣ ва паёмаки мултимедӣ печидагӣ пайдо мегардад ва боиси ба таври густарда паҳн нашудани паёмак мешавад. Барои мисол, агар як ролик дар худ шарҳи калоне ва ссилка барои шакли комили наворро дошта бошад, монеи ба таври густарда паҳн шудани он мегардад. Корбарон он замон наметавонад, интихоб кунад, ки кадоме аз гузинаҳо барои ӯ муфид хоҳад буд.
    - Тамошои тизер? Нохун задан ба пайванд ё ссилка?
    - Мисоли баръакс — баъзан истифодаи муҳтавои мултимедӣ моҷарои матнӣ аст. Барои намуна, ҳангоми корбар паёми ошкорои барҷастаашударо бо навиштаҷоту диаграммаҳо мебинад, ин ҳолат хулосаҳои ӯро тасдиқ мекунад. Дар чунин ҳолат зиддият ё таноқуз боиси бештар паҳн гардидани паёмак мешавад — зеро нақл кардани ин гуна муҳтаво ғайриимкон аст, онро танҳо бояд бознашр кард.
- Пурсиш. Ангеза ҳангоми паҳн кардани пурсишҳо метавонад духӯра бошад:
    - Нахуст — тобеъгароёна, ҳангоме ки корбар худро ҳамчун пурсидашудае мешуморад, ки дар пурсишнома саҳм гузоштааст. Дар ин ҳолат, ҳарчанд вай аз ҳадафи пурсишнома огоҳ нест, вале кӯмак мерасонад. Барои ин гуна ҳолатҳо ҷалбсозии ғайрифаъолона хос аст.
    - Ангезаи дувум — созанда, замоне ки корбар дар ташаккули дастури рӯз кӯмак мерасонад, дар ҷустуҷӯи роҳҳал саҳм мегузорад.
    - Агар расона дар асоси пурсишнома ба таври мунтазам мавод таҳия хоҳад кард, ин ба таври ҷиддӣ садоқати корбарону хонандагонро афзоиш медиҳад ва метавонад аз ҳисоби паҳнсозии мавод шуҳрату нуфуз касб кунад.

# 4. Хате ки бахш, қолаби саҳифаро муаррифӣ мекунад

Ба фарқ аз паёмҳои қолабии хабарӣ ва дигар форматҳои рӯзноманигорӣ, паёмакҳои мессенҷерҳо одатан сарлавҳа надоранд. Агар ин паёмакҳо ба кадом як саҳифаи интернетӣ такя кунанд, дар ин сурат сарлавҳа дар поёнтар аз мавзее ҷойгир мешавад, ки интизорашро дорем. Ин ҳолат талабот ба хат ва сохтори қисмати ибтидоии паёмакро ба таври қобили чашмрас боло мебарад.

Сохтори стандартии паёмаки хабариро дар Telegram баррасӣ мекунем (ин сохтор тақрибан метавонад, дар ҳама гуна мессенҷерҳо истифода шавад).




**Бахши 1.**
Хат ҷалб мекунад, аммо иттилоъ намедиҳад, ки чӣ ҳодиса рух дод. Агар ин хабари стандартӣ мебуд, ки дар асоси ҳарами воруна сохта мешуд, пас мебоист иттилои асосӣ дар ибтидо ҷо мегирифт.

**Бахши 2.**
Имкон медиҳад, ки якбора рӯи пайванд нохун зада шавад.

**Бахши 3.**
Мисли навиштаи болои скриншот, сарчашмаро барҷаста мекунад (мутаносибан, ҳам сомона ва ҳам саҳифаро).

**Бахши 4.**
Танҳо бахши 4 дар худ сарлавҳа дорад, ки мо метавонем, онро ба бахши 1 шомил созем ва ҳангоми печидагиву нофаҳмӣ — иттилои муфассал дарёфт кунем, нигоҳи кутоҳ ба бахши 5 — лиди паёми хабарӣ аз сомона

Хати аввали хабар, тавре дар боло ишора шуд, хосияти диққатҷалбкунандагӣ дорад. Ба ҷуз ин, ба ин хат бори сарлавҳа низ гузошта мешавад — ки бар асоси анъана, на танҳо ҷазбкунанда, балки иттилоърасон ҳам бояд бошад.

Бояд мадди назар дошт, ки нақши қисмати огоҳкунанда дар маҷмуъ, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ба вижа дар паёмакрасонҳо аз чӣ иборат аст. Ин нақш аз пуштибонӣ аз қабули қарорҳо иборат аст. Агар баъди мутолиа қисмати ҷалбкунандаи паём корбарон ҳанӯз ҳам дарк накунанд, ки чи бояд кунанд, пас паёмак дуруст таҳия нашудааст.

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳарчанд сохтори блок ё қисмати идеалии огоҳкунанда ҳам мавҷуд набошад, дар ҳар сурат сохтори ҷиддӣ мавҷуд аст. Барои мисол, дар Facebook мо одатан матн, ссылкаву блокеро мебинем, ки атрофи он ссылкаҳои дигар шакл гирифтаанд (мисли ҳамин ва ё тақрибан мисли ҳамин — бо аксҳо сурат мегирад).

Ба фарқ аз Фейсбук, мессенҷерҳо сохтори идеалӣ надоранд. Паёмак вазифадор нест, ки ин ва ё он вокунишро ҷалб кунад. Тавре дар болотар дидем, паёмакро метавон ба эътибор гирифт — ва бо ҳамин рисолаташ хатм мешавад.

Сарфи назар аз ин мо бояд ба худ ҳисобот диҳем, ки:

- Хонанда эҳтимол ба сомона нагузарад;
- Дарки консепсияи саҳифа аз сӯи обуначиҳо ва хонандагон фарқ мекунад;
- Паёмакҳо метавонанд, танҳо ба муштариҳои содиқ нигаронида шуда бошанд ва ё ба ҳамаи хонандагон;
- Паёмакҳо метавонанд, иттилоотӣ набошанд. Сохтори блоки огоҳикунанда бояд барои ҳамаи корбарон қобили дарк бошад. Баъди шиносоӣ корбар мутақоид шавад, ки метавонад паёмакро ба дигарон фиристад.
- Паёмакҳое ки ба ин шева паҳн мешаванд — ин қисмати барномавии саҳифаи расонаи шумо ба ҳисоб меравад. Матнҳо барои муштариҳои доимӣ, ки дар навбати аввал барои огоҳӣ додан, на ба дигарон фиристодан таҳия шудаанд – ин дастоварди шумо ба ҳисоб меравад. Хадамоти шумо ҳар чи қадар бо арзиш бошад, ҳамон андоза муштарӣ пайдо хоҳед кард ва ҳамон андоза қимати рекламаҳоятон боло хоҳад рафт.
- Беҳтарин ҳолат он аст, ки корбари дигар матни шуморо бознашр кунад ва муштариҳо онро бубинанд.

# 5. Сохтори нави баёни муҳтаво

Бо назардошти он ки истифодаи расонаӣ аз мессенҷерҳоро «забони ангуштӣ»-и ҳамсуҳбат муайян мекунад, на танҳо шаклҳои анъанавии хабарӣ тағйир меёбанд, балки худи критерияҳое ҳам иваз мешаванд, ки аҳамияти «хабарӣ»-ро муайян месозанд. Мо болотар қайд кардем, ки бархе аз унсурҳои анъанавӣ — барои мисол, сарлавҳа ва зерсарлавҳа метавонанд мақомашонро аз даст диҳанд. Вале худи паёмак ҳам зуд-зуд тағйири сохтор мекунад.

Мисолҳои зер аз нашрияи Baza ҳастанд, ки тирамоҳи соли 2019 нашр шудаанд. Онҳо сохтори «ҳарами воруна»-ро вайрон мекунанд, ба эҳсосот ҷо медиҳанд, аз рӯи таркиббандӣ ба хабар шабоҳат надоранд. Ба ҷуз ин, агар чунин тарзи баён намебуд, ин гуна хабарҳо қобили навиштан намебуданд:

*Дар Москва пулис марди мошиндуздеро боздошт кард, ки орзуҳои ширин дошт. Мошиншӯи маст аз меҳмонхонаи «Ритс-Карлтон» «Майбах»-и навро дуздида, ба тамошои Москва баромад.*

*Мошиншӯ Макс Пивоваров – 27 сол дорад. Дар мактаб дар сатҳи миёна таҳсил мекард, маълумоти олӣ нагирифт, дар иваз хизмати ҳарбӣ кард. Бадбахтӣ аз он иборат буд, ки дар як соли мӯзапӯшӣ вай натавонист, барои харидани мошини хуб маблағ ҷамъ орад. Ба ҳайси мошиншӯ дар меҳмонхонаи олидараҷаи «Ритс Карлтон» дар маркази Москва ба кор даромад, ки бо орзуи ширини худ бештар рӯ ба рӯ шавад.*

*Дирӯз он орзу бо ихтиёри худ ба сурағи вай омад – ронандаи мошини зебои «Майбаха» калидҳоро ба мошиншӯ дод. Макс мебоист мошинро мешушт ва ба таваққуфгоҳ мебаровард. Макс, дар воқеъ, фурсат ёфтаву дар коргоҳ майи зиёде нӯшида буд. Эҳтимол, мастӣ ӯро ба пастӣ кашонид. Макс хост, орзуи ширини худро амалӣ созад ва бо “Майбах”-и зебо ба кӯчаҳои шаҳр ба сайру гашт баромад. Нозирони роҳ Макси сармастро савори “Майбах” хеле зуд ва начандон дур аз меҳмонхона боздошт карданд. Ин ҷавон ҳамагӣ чанд километрро дар кӯчаи Тверской тай карда буд.*

*Чанд километри беҳтарини умр*[10].

Таваҷҷуҳ кунед: ҷумлаҳои кӯтоҳ ва дар маҷмуъ одӣ корбурд шудааст, исмҳои хоси хориҷӣ бо алифбои миллӣ барои хонанда пешниҳод шудааст, оғози пуроҳанг ва интиҳои норӯшан, мисли поёни филмҳо.

Ҳамаи ин зоҳиран, на таъсири иттилои хабаргузориро ба бор меорад, ки хонандагон ба он одат кардаанд, балки эҳсоси гӯш кардани ҳикоя ё қиссае, дидани филми дорои қаҳрамони асосӣ, талоши қаҳрамон, бархӯрди вай, сарнавишт ва нобарориро пеши чашм меорад. Матне, ки камтар аз 1000 рамз дорад, неруи ғайриодии ҷаззобро дар худ дорад, ки намешавад аз он чашм канд.

Ин дархости хеле ба мавридест барои барқарор кардани иртиботи тӯлонимуддат бо хонанда, ки дар хотир нигаҳ хоҳад дошт, ки кадом саҳифа барои вай чунин муҳтавои ҷолибро пешниҳод карда буд.

- Ҳузури муваффақона дар паёмрасонҳо ба он вобаста аст, ки сиёсати идорӣ ва баёни иттилоъ то чи ҳад хубу ба маврид интихоб шудааст ва оё оҳанги муносиб пайдо гардидааст ё на.
- Унсури асосии баён муҳим нест, ки матнӣ бошад. Ин метавонад, навори видео ва ё акс бошад. Хуб мешавад, истифодаи ибтидоӣ сареъ ва то ҳадди ниҳоӣ ҷолиби диққат бошад — барои мисол, муҳтавои стоп-кадри видео бояд бештар аз як стоп-кадр бошад ва танҳо бо як матни зери навор иктифо карда нашавад.

# 6. Қолабҳои аслӣ

Ҳарчи бештар хоси марбут ба як платформа истифода шаванд, ҳамон андоза барои расона беҳтар хоҳад буд. Одатан қолабҳои аслӣ он гуна таҳия шудаанд, ки ҷалби таваҷҷуҳи максималии корбарро метавонанд таъмин кунанд.

Чанд намуна аз Telegram:

- стикерҳое, ки як гурӯҳи комили табодули стикерҳо ва мавзуъҳоро эҷод кардаанд;
- назарсанҷиҳое, ки ба ҳар гурӯҳ имкон медиҳанд, саволҳои худро ба таври дурусту саҳеҳ таҳия кунанд, давоми 1-2 соат ҳазорон посух дарёфт кунанд;

[10] https://t.me/bazabazon/2160

- ташаккули одати нимнигоҳ ба паёмакҳо бидуни ворид шудан ба саҳифаи сомона;
- имкони ташаккули матне, ки бидуни он навиштани постҳои тӯлонӣ номумкин гардад, дар гурӯҳҳои барномасозӣ бошад — табодули ҷузъҳои рамзҳо;
- ҷузваҳои аксҳо, ки дасту бозуи бисёре аз иллюстраторҳоро бастаанд. Иллюстраторҳое, ки метавонистанд, саргузаштеро тавассути комиксҳо ҳикоя кунанд. Редаксияҳое ҳам эҳсоси озодӣ карданд, ки бо ҳаҷми калони аксҳо ва инфографикаҳо сари кор доштанд.

Камбуд ё норасоии асосии қолабҳои аслӣ аз он иборат аст, ки — онҳоро намешавад, аз платформа берун овард. Барои мисол, ҳангоми талоши кӯчонидани назарпурсӣ аз Telegram ба Twitter, мо ба мушкилии маҳдудсозии шадиди гузинаҳову андозаи посухҳо рӯ ба рӯ мешавем. Ҷузваи аксҳо ё фотоалбом низ дар Twitter ғунҷоиши танҳо чаҳор аксро дорад, ки маҷбур месозад, ё иллюстратсияро тағйир диҳем ва ё аз ибтидо ҷузваро танҳо бо чаҳор акс бисозему ба ҳамаи платформаҳо мувофиқ гардонем.

Қолаби асосӣ бо ин вуҷуд худ аз худ комёбӣ фароҳам намеорад. Мисли ҳар қолаб ё форматҳои дигар, он бояд дорои маънӣ, такмили редаксионӣ бибунад.

- Барои мисол, вақте мо навиштаеро дар пештоқ ё болои саҳифа мехоҳем ҷо диҳем, дар ин ҳолат метавонем, ба он комилан маънии мутафовит бахшем — ин метавонад ҳамчун хабари фаврӣ баҳо дода шавад ва ё огоҳии одӣ, ё матни нодир (фаразан, видеои нав, ки танҳо ҳар аз чанд гоҳ дар саҳифа гузошта мешавад).
- Ё назарпурсиро бигирем, он наметавонад худ аз худ гузаронида шавад, бояд корбаронро ҷалб созад. Барои намуна, мо барои дайдҷести технологии The Bell Tech назарсанҷиеро рӯзи якшанбе таҳти унвони «шумо киро қаҳрамони техникии ҳафта медонед?» гузоштем. Ин назарсанҷӣ имкон дод, ҳамаи касонеро, ки тӯли ҳафта зери шуои иттилоотӣ қарор доштанд, бори дигар ба хотир орем ва инчунин кӯмак кард, ки дар рӯзи истироҳат халои иттилоотӣ пур шавад.

Хуб мешавад, агар қолаби интихобкардаи шумо аз дигарон фарқ кунад ва онро корбарон бо ҳавас ба дигарон ирсол намоянд.

# ДАРСИ 4.
# Таблиғи муҳтаво

**Мавзуъҳо:** Барномарезии муҳтаво. Гурӯҳҳо, чатҳо, мудирияти паёмакҳо. Рушди саҳифа.Ояндаи муҳтаво дар паёмрасонҳо.

**Кори амалӣ:**

**Вазифаи 1.** Нақшаи муҳтавои матолибро барои паёмрасонҳои зер тартиб диҳед:
1) маҷаллаи ҳафтаинаи варзишӣ;
2) портали хабарӣ барои ҷавонон;
3) сомонаи марбут ба хабарҳои олами мӯд.

**Вазифаи 2.** Стратегияи таблиғотии матолиби расонаҳои дар боло зикршударо таҳия намоед.

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# 1. Барномарезии муҳтаво

Муназзамии нашри матолиб — яке аз муҳимтарин қисматҳоест, ҳангоми кор бо шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо ба эътибор гирифта намешавад.

Аз он ҷо ки мессенҷерҳо лентаҳои алгоритмӣ надоранд, бисёр муҳим аст, ки матолиби хуб барои нашр дар мессенҷерҳо соатбандӣ шаванд ва барои истеъмоли хонандагон аз ҷиҳати вақт мувофиқ бошанд. Бо назардошти макон ва одатҳои аудитория, замонбандӣ метавонад тағйир ёбад, аммо одатан онро мешавад, чунин тақсим кард:

- Соатҳои 8-9 — одамон аз хоб хеста, барои ба кор рафтан омода мешаванд;
- Соатҳои 9-10 — одамон ба коргоҳи худ мерасанд ва ё корро шуруъ мекунанд;
- Соатҳои 12-13 — танаффуси нахустин аст, вақт барои мутолиа пайдо мешавад, барои мисол, ҳангоми сигоркашӣ;
- Соатҳои 13-15 — танаффус барои ғизои нисфирӯзӣ, хонишини мутаносибан бо диққат;
- Соатҳои 17-18 — «хониши зиракона». Кор анҷом шудааст, коргар барои худ вақт ҷудо мекунад.
- Соатҳои 18-19 — бозгашт ба хона.
- Баъди 20 ва то 23 — истифода ё истеъмоли саргармкунандаи шабона.

Аз ин рӯйхат барои мо субҳ, оғози рӯзи корӣ, нисфирӯзӣ ва бозгашт ба хона ҷолиби диққат аст. Таҷриба нишон додааст, ки ин соатҳо бештарин теъдоди корбаронро ҷалб мекунанд ва эҳтимоли хондани зиёди матлаб фароҳам мешавад.

Ин маънои онро дорад, ки:

- каналро дар мессенҷер ба ҳисоби миёна се маротиба дар рӯз нав кард, яъне матлаби нав ворид кард;
- рӯзҳои корӣ аз рӯзҳои истироҳат фарқи калон доранд. Дар рӯзҳои истироҳат телефони мобилӣ ҳамеша дар канори мо аст, аммо мо ниёзе ба истеъмоли сохторӣ ё муназзамшуда надорем, каналро мешавад, дар рӯз 1-2 маротиба таҷдид кард;
- интизории шаклҳо вобаста ба соати рӯз аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Барои мисол, субҳ мо одатан мунтазири хабарҳои кӯтоҳ ҳастем, ки моро бо воқеоти охир ошно созанд, нисфирӯзӣ — матолиби саргармкунанда ё калонҳаҷм, шаб — охирин бастаи хабарҳо, баҳсу баррасӣ ва ё мутолиаи амиқро мунтазирем.
- бархе аз пажуҳишгарон мегӯянд, 35% истеъмоли мобилӣ ба замоне рост меояд, ки корбар дар ҳоҷатхона нишастааст. Ҳангоми мутолиаи мессенҷер бояд варақзании кӯтоҳ ва таваҷҷуҳи беумқро мунтазир буд.

Бо назардошти ин маълумот, бояд нақшарезии муҳтаво ва тақсимбандии захираҳоро анҷом дод.

- Ҳадди ақал ба як ва ҳадди аксар ба ду слоти форматҳои муназзам тақсимбандӣ кунед. Тасаввур кунед, ки шумо пардозгари телевизион ҳастед ва барои телевизион соати пахши барномаҳоро тартиб медиҳед.
- Аз хотир набароред, ки одатан барои рӯзҳои шанбеву якшанбе барномаи хабарӣ надоред. «Барномаҳои ҳафтаина»-е таҳия созед. Ҳатман то пахши онҳо, ин ҷиҳати масъаларо ҳам фикр кунед, ки кӣ метавонад, ин паёмҳоро нависад ва чӣ қадар вақт барои ин кор лозим аст.
- Барои ҳама паёмҳо талош кунед, замоне, ки баранда ё натток чизеро сарфи назар кард ва дар барнома холигоҳ пайдо шуд, роҳҳал пайдо кунед.
- Муҳлатҳои мушаххас таъйин кунед. Агар, барои мисол, шумо дайдҷести субҳгоҳӣ доред, он набояд соатҳои 12 нашр шавад, балки соати 10 айни нашри он аст.
- Ба фарқ аз аксари нақшарезиҳои муҳтавоии дигар, ин нақшарезиро ба нудрат метавон ба ҳадафҳои мушаххасе табдил дод, ки аз қабл онро мешавад, иҷро кард. Аммо инҷо чанд роҳҳал мавҷуд аст:
    - Муаллифони даъватшударо барои чанд соат тақсимбандӣ кунед;
    - Чанд канали худро ташкил диҳед (ё аз шарикон иҷора гиред) ва дар сурате, ки агар эҳсос кардед, хабари чандоне дар дастрас нест, слотҳои холимондаро бо репост пур кунед. Набояд ин корро ба таври ҳамешагӣ анҷом дод — танҳо замоне, ки эҳсос мекунед, аудитория барои пахши маълумот ё пости навбатӣ сипосгузор хоҳад буд.
    - Матнҳо ё нашрҳои таблиғӣ бояд тобеи нақшарезии муҳтаво ва слоти коркардшуда бошанд.
- Ба таври мунтазам таъсирнокии слотҳои интихобшударо санҷед. Бубинед, ки ин ва ё он навишта қабл аз пахши матлаби навбатӣ чи қадар мутолиа шудааст. Назди худ ҳадаф гузоред, ки барои мисол — то замоне, ки матлаби пешинро 1000 кас нахондааст, ё ҳадди ақал 3 соат нагузаштааст, матлаби тоза нашр нахоҳед кард.
- Барои матнҳои хуб шонс диҳед. Фаромӯш накунед, ки чизи муҳимро дар пешток ё аввали саҳифа гузоред.

# 2. Гурӯҳҳо, чатҳо, мудирияти паёмакҳо. Рушди саҳифа

То ин ҷо мо дар бораи функсияи нашри матолиби редаксия дар мессенҷерҳо суҳбат кардем ва бештар атрофи Telegram таваққуф доштем, зеро ин платформа дорои имкониятҳои пешрафтатарин барои низоми расонаӣ аст. Аммо ба ҷуз аз нашри матолиб, мессенҷерҳо нақшҳои дигаре ҳам доранд — нақши ташкиливу ҳамоҳангсозӣ. Гурӯҳ ва ҷамъият барои худи редаксияҳо ҳам муҳим аст, то ин ки фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд ва дар ниҳоят барои хонандагон ҳам таъсиси гурӯҳҳо муҳим аст — зеро баъзан гурӯҳе дар WhatsApp ва ё чат дар Telegram қодиранд, ки дар шаҳре ё минтақае ҷойгузини шабакаи хабарнигорон шаванд.

Ақибнишинии кӯчак: дар ин давраи омӯзишӣ мо дар бораи истифодаи имконоти WhatsApp ҳамчун ресурси нашри матолиб, ба далелҳои маҳдудкунандае, кам суҳбат кардем:

- На бештар аз 256 корбар дар гурӯҳ, ҳарчанд бо истифода аз ссилкаи махсусе мешавад ин маҳдудиятро давр зад[11]. Роҳҳали мушкилтареро нашрияи Bloomberg пушти сар кард, ки барои давр задани маҳдудиятҳо амалан спам-бот таъсис дод[12]. Шуруъ аз 7 декабри соли 2019 Facebook, ки ҳамзамон соҳиби WhatsApp аст, ин гуна даврзаниҳоро маҳдуд кард ва Bloomberg ба Telegram кӯчид[13]. Бояд қайд кард, ки то ҳанӯз ҳам бархе аз нашрияҳо роҳи Bloomberg-ро мепаймоянд — яъне дарёфти паёмакҳои мустақим аз рақамҳои мушаххас.
- Маҳдудияти паҳнсозӣ. Аудиторияи WhatsApp ба фейкҳо таваҷҷуҳи чандоне намекунад, ки ин боис шудааст, дар кишварҳое амсоли Ҳинд ҷанҷолҳо ва кушторҳои бидуни тафтишоту додгоҳ сурат гирад[14]. Дар натиҷа WhatsApp маҳдудият ҷорӣ кард ва ҳамакнун як паёмро намешавад, якбора ба бештар аз 5 гурӯҳ ирсол кард ва дар бархе ҳолат тугмаи бозирсоли фаврӣ нопайдо мегардад. Худи паёмҳои бозирсолшуда дар алоҳидагӣ зикр мешаванд. Зеро паёмрасон бо ин васила мехоҳад, сарчашмаи нахустинро нишон диҳад. Ҳамаи ин маҳдудиятҳо ба таври қобили чашмрас фарогириро коҳиш медиҳад — аммо паёмакро метавон дар як вақт на ба бештар аз 1300 кас ирсол кард[15].

Метавон, гурӯҳҳои зерро дар алоҳидагӣ зикр кард, ки аз сӯи редаксияҳо фаъолона истифода мешаванд. Онҳо ҳам метавонанд ба канал ё саҳифа пайваст шаванд ва ҳам дар алоҳидагӣ вуҷуд дошта бошанд.

- Чат барои баҳсу баррасиҳо, ки имкон медиҳад ин ва ё он навиштаи мушаххас баррасӣ шавад. Telegram барои амал тугмаи алоҳидаи Discuss-ро фароҳам овардааст, аммо бисёр кам иттифоқ меафтад, ки ҳамаи постҳо дар канал қобили баҳсу баррасӣ бошанд. Аз ҳамин хотир, ин гуна чат дар алоҳидагӣ қарор доша мешавад.
- Гурӯҳҳои мавзуӣ. Барои тарҳҳои соҳиби аудитория кофӣ мувофиқ аст. Барои мисол, телеграм-канали «пахши фардо», ки ба технологияҳо бахшида шудааст (https://t.me/ctodaily) ва дар ҳафта чанд маротиба матолиби нав нашр мекунад, чати баҳсноке дорад, ки дар рӯз садҳо паёмак дар он радду бадал мешавад (https://t.me/ctodailychat). Ин ба хонанда имкон медиҳад, ки бо шарту шароити худ вориди “муҳит”-и расона шавад («Запуска завтра» ё “пахши фардо” подкаст ҳам дорад).
- Ҷамъоварии иттилои муҳим. Одатан на тавассути гурӯҳ ё чат, балки тавассути ботҳое амалӣ мешавад, ки иттилои ҷамъоваришударо шаклдиҳӣ мекунанд — дар куҷо чӣ ҳодиса рух дод, кай, бо кӣ, иттилои комил ҷамъоварӣ мекунанд ва дар сурати зарурат махфӣ мондани сарчашмаро таъмин менамоянд.

Нуктаи охирро бояд васеътар гирифт — бисёре аз каналҳо ба он вобастаанд, ки пештар “шабакаи хабарнигорон” унвон мешуд. Чат ва ё гурӯҳ барои ҷамъоварии ин гуна иттилоъ на ҳамеша роҳи ҳалли муносибе ҳастанд, дар сурате ки агар он баҳодиҳии мустақилонаро талаб накунад.

**Мисоли 1.**
Канали «Лингвошутки», ба бозии калимаҳо бахшида шудааст ва гоҳ-гоҳе каламбурҳои хандадор ҳам нашр мекунад[16]. «Лингвошутки» чати «Лингвошуткач» дорад[17], ки ҳаҷвияҳои қобили қабул онҷо ҷамъ мешаванд, баррасӣ карда мешаванд, беҳтар гардонида мешаванд ва аз ҷониби на камтар аз 150 муштарии чат тафтиш карда мешаванд.

**Мисоли 2.**
Канали ҷанҷолии «Тарғибгари бераҳм»[18], барои баҳсу баррасиҳои озод чати алоҳида дорад, аммо таъсирнокии худро аз ҳисоби иттилои дастнахӯрда таъмин мекунад. Ин гурӯҳ танҳо иттилои ба дастовардаро тафтишу омехта мекунад.

[11] https://www.bgr.in/news/whatsapp-now-allows-over-256-users-in-a-group-heres-a-quick-way-to-cross-the-user-limit-525042/
[12] https://www.bnnbloomberg.ca/how-to-sign-up-for-bloomberg-on-whatsapp-1.1162963
[13] https://www.bloomberg.com/news/articles/2019-12-04/how-to-follow-bloomberg-on-telegram
[14] https://en.wikipedia.org/wiki/Indian_WhatsApp_lynchings
[15] https://www.theverge.com/2019/1/21/18191455/whatsapp-forwarding-limit-five-messages-misinformation-battle
[16] https://t.me/lingvojokes
[17] https://t.me/lingvoshutkach
[18] https://t.me/prbezposhady

Дар алоҳидагӣ бояд зикр кард, ки:

- Маҳз гурӯҳҳо, чатҳо ва ҷамъиятҳои онлайнӣ, ба вижа пӯшида, яъне танҳо дастрас барои аҳли ҳамон гурӯҳу чатҳо — яке аз василаҳои ояндадори ҷамъиятҳои муназзам, аз ҷумла гурӯҳу чатҳо даромаднок, ҳастанд. Дар чанд соли охир дар муҳити Telegram шумори каналҳои пулакие пайдо шуданд, ки танҳо дар сурати пардохт кардан, метавон ба иттилои онҳо даст ёфт — аммо то ин замон ҳеч кадоми ин каналҳо ба расонаи номдоре рабт надоранд ва ҳеч кадоми онҳо муваффақияти калон ба даст наовардаанд;
- Самти дуюми қолиби рушди ҷамъиятҳои пӯшида ҷамъияти истеъмолгарон аст — бо тахфифҳо, пешниҳодҳои қолиб ва ғайра. Одатан, онҳо ба хариду фурӯши онлайнӣ пайваст шудаанд, ки ҳамчунин барои бисёре аз расонаҳо манбаи даромади асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Унсури муҳими ҳама гуна гурӯҳ ҷамъи василаҳо ҳастанд, ки ба таври худкор аз ҷониби мессенҷерҳо пешниҳод мешаванд (назарсанҷиҳо, стикерҳо) ва ё барои эҳтиёҷоти гурӯҳҳо коркардшуда (инҷо мисоли бисёр хуб метавонад бот-платформаи Telegram бошад, ки имкони такмили ҳама гуна кори гурӯҳиро фароҳам меорад ва ҳамчунин бо почтаҳои корпоративии Slack ва Microsoft Teams ҳамхонӣ дорад).

- Ҳодисаи қолиб: канали «Ҳодиса», ки бо бот пайванд шудааст ва аксҳои ҳодисаҳоро нашр мекунад, аз ҷониби хонандагон дарёфт кардааст. Аз нигоҳи барномасозӣ, амалигардонии он бисёр сода аст ва дар кӯтоҳтарин муҳлат дар фазои расонаӣ ба як падида табдил шуд ва ҳатто дар бархе ҳолат тавонист, бо расонаҳои дигар ҳамкорӣ кунед. Дар зер намунаи охири кори он оварда шудааст, ки ба намоҳанги Тиматӣ ва GUF рабт дорад (дар намоҳанги аслӣ, албатта ҳаво ва фазои зимистонӣ инъикос нашудааст):




- Табиист, ки соҳиби гурӯҳ бояд ба ин вақт таваҷҷуҳ ҷудо кунад. Гурӯҳи серобуна — албатта хуб аст, аммо баҳсу гуфтугӯҳои бемуҳтаво, радду бадалҳои кам, шӯхиҳои беҷо, спам ва паёмакҳои бевақт (барои мисол паёмакҳои шабона) дар як фурсати кӯтоҳ гурӯҳро аз байн мебаранд.

# 3. Рушди каналҳо

Мессенҷерҳо аз шабакаҳои иҷтимоии анъанавӣ бо он фарқ мекунанд, ки шумори ками ҳамгурӯҳ доранд ва аз алгоритмҳо вобаста нестанд. Ҷалби хонанда ва ё аудитория тақрибан ба муваффақ шудани тарҳ таъсире надорад. Гузашта аз ин, низоъу нофаҳмии зиёде ва ё ҳолатҳое, ки шарҳи иловагиро талаб мекунанд, метавонад эҷод шавад:

- Рекламадиҳанда талаботи хонандаро дар робита ба постҳои алоҳида ва теъдоди ҷалбшавӣ месанҷад (ҳаҷми мақбул донистан аз шумори умумии муштариҳо агар камтар аз 30% бошад — пас ин баҳои манфӣ дониста мешавад)
- Платформаҳо ба таври мунтазам ботҳоро пок мекунанд
- Худи ботҳои харидашуда ба далели беамалӣ оҳиста-оҳиста маҳв мешаванд.
- Танҳо ба чизе, ки ҷалби маснуӣ ё хариди аудитория таъсир мерасонад – ин ба қабул ё вуруди ибтидоӣ ба канал аст. Бисёр кам иттифоқ меафтад, ки хонандагон ба каналҳои дорои камтар аз 1000 корбар обуна шаванд. Вале ҳатто ҷалби ҳазор корбари аввал аз ҳисоби хонандагони фаъол бисёр муфид аст.
- Ҳангоми банақшагирии муҳтаво, ки дар бораи мо дар болотар гуфта гузаштем, ба назар бигиред, ки кадом блогерҳо, каналҳо ва ё корбарони таъсиррасон метавонанд, навиштаи шуморо бознашр кунанд. Барои мутмаин шудан аз қабл ба онҳо муроҷиат кунед ва боварӣ ҳосил кунед, ки муҳтавои шумо дар воқеъ барои аудиторияи онҳо мавриди писанд хоҳад буд.
- Хуб мешавад, ки агар шумо матлабе таҳия созед, ки имкони ворид шудан ба каналҳои гуногунмуҳтаворо дошта бошад. Барои мисол, бо тақвият додан ва рушд додани Telegram-канали The Bell Tech[19], мо субҳ хабарҳои дайҷестро ҷо медодем ва шабона — гулчини ссилкаҳои каналҳои дигарро. Масъулони каналҳо дар назар доштанд, ки агрегатори мавзуие мавҷуд аст ва довталабон вориди гуфтугӯ мешуданд ва иҷоза медоданд, муҳтавояшон дар канали мо ва муҳтавои мо дар канали онҳо бознашр шавад.
- Дар бораи матлабҳо аз сӯи меҳмонон ҳам фикр кунед. Агар нафаре ҳаст, ки дар мавзуи хосе ба дараҷаи коршиносӣ расидааст ё мавзуеро ба дараҷаи олӣ медонад, метавон ба таври мунтазам ба вай минбар

[19] https://t.me/Bell_tech

дод. Бо гузашти муддате ба шумо коршиносони дигар ва намояндагони онҳо муроҷиат хоҳанд кард ва пешниҳод хоҳанд кард, ки аз минбари шумо суҳбат кунанд.

- Ҳамеша дар мадди аввал дар бораи сифати муҳтавои таҳияшуда фикр кунед, баъдан дар бораи фоидаи иқтисодӣ. Барои мисол, агар шумо муҳтавоеро мебинед, ки бегуфтугӯ барои аудиторияи шумо муфид аст, танҳо дар сурате онро бознашр кунед, ки хилофи сиёсати редаксионӣ ва муҳтавои шумо набошад — дар ин сурат хонандагон аз шумо сипосгузор хоҳанд буд. Барои майда-чуйдаҳои беарзиш вақту фурсат сарф накунед, беҳтараш низомеро таъсис диҳед, ки хонандагони шумо ҳамеша бовар дошта бошанд, ки аз канали шумо матлаби хондание пайдо хоҳад шуд.
- Бо гузашти муддате бояд бознашр ва пешбурди мутақобили каналҳоро қатъ кард. Дар бисёре аз мавридҳо ба пешбурди мутақобил каналҳое даст мезананд, ки рушд накардаанд ва ё сифати муҳтавояшон начандон хуб аст. Ҳар кадоми ин каналҳо, ки ба хонандаи шумо писанд наоянд, эҳтимол дорад, ки ба эътибори каналатон таъсири манфӣ хоҳанд расонд.
- Нашри пайвастаи матлабҳоро фаромуш накунед. Танҳо ҳамин фаъолият имкон медиҳад, ки фарогирии канали шумо ба маротиб афзоиш ёбад.
- Бархе аз форматҳо нисбат ба дигар форматҳо беҳтару бештар бознашр мешаванд. Барои мисол, дайҷестҳоро бо дили нохоҳам бознашр мекунанд, аммо хабарҳои танҳои дорои ссилка беҳтар бознашр мешаванд, таҳлилро низ зиёд бознашр мекунанд, аксе, ки дорои саргузаште аст – барои намуна диаграмма — боз ҳам беҳтару хубтар бознашр хоҳанд кард. Ба эътибор гиред ва мутааҷиб низ нашавед, ки агар канали шумо танҳо аз дайҷестҳо иборат аст, касе ба он обуна нахоҳад шуд, обуначиҳо худ аз худ пайдо намешаванд.

# 4.Ояндаи муҳтаво дар паёмрасонҳо

Ояндаи муҳтаво ба пешшартҳое вобаста аст, ки ҳам дар гузашта ва ҳам дар имрӯз мавҷуданд:

**Маводи мултимедӣ.** Дар ибтидои ин омӯзиш мо дар бораи дорои табиати матнӣ будани паёмакҳо ҳарф задем, аммо дар идома тазаккур додем, ки дар натиҷаи такомул матнҳо ба мултимедиа табдил шуданд.

**Дидорисозӣ (визуалисозӣ).** Такмили механизмҳои мутақобили корбар бо дастгоҳи мобилӣ, инчунин, ҷо додани саросарии камераҳои хуб дар смартфонҳо боиси афзоиши паёмҳои визуалӣ шуданд.

- Дар охирин ҳафтаи тирамоҳи соли 2019 дар бахшии русии Telegram, ба иттилои Медиалогия, 15 матлаби топ, ки серхонанда буданд, 7-тои онҳо матнӣ, 5-тои онҳо видеоӣ, 2-тои онҳо аксӣ ва танҳо яктоаш аз пурсишнома иборат буд. Ба ибораи дигар, мессенҷерҳо ба видеоплатформаҳо табдил мешаванд, инчунин қадам ба қадам ба худ функсияҳои интерактивӣ мегиранд.
- Барои муқоиса, дар солҳои 2018 ва 2017 10-гонаи (он замон Медиалогия 15 матлабӣ ҷамъ намеовард) Telegram аксарият аз матн иборат буданд.
  - Ба 10-гона дар соли 2017 7 матлаби матнӣ, 1 акс ва 2 видео шомил мешуд.
  - Ба 10-гона дар соли 2018 9 матлаби матнӣ ва танҳо як видео шомил мешуд (як матлаби дигарро метавон шартан аксӣ баҳо дод).

**Тағйири сохтори баён.** Ба ҷуз аз сайри такомули формат ё шакл маъниву баён ҳам тағйир меёбад. Ба саҳифаҳои топ ё сермуштарии Telegram ба нудрат навиштаҳое интихоб мешавад, ки хуб шакл дода шудаанд, ҳарчанд мессенҷерҳо василаҳои заруриро пешниҳод мекунанд. Ин ба он вобаста аст, ки истеҳсолгарони муҳтаво ба зудӣ василаҳои зарурии расидан ба ҳадафро пайдо мекунанд — барои мисол, хатҳои шаклдиҳанда ё тағйири сохтори нарратив (ба мисоли боло дар бораи ду соати орзуҳо бингаред).

**Ҷобаҷосозии авлавиятҳо.** Бо рушди ҳарчи бештари мессенҷерҳо имконоти корбарон ҳам дар мавриди интихоби авлавиятҳо ва каналҳо бештар мешавад. Ҳамзамон, истеҳсолгарони каналҳо имкони бештаре пайдо мекунанд, ки матлабҳоро ба таври нақшавӣ ва “хомӯшона” ирсол кунанд.

**Коргардонии матлабҳо.** Талош барои истеҳсол ё сохтани паёмак афзоиш меёбад ва ҳарчи бештар маҷмуӣ мешавад. Барои ҷамъоварии иттилои лозимӣ муҳити алтернативӣ истифода хоҳад шуд (дар одитарин ҳолат — Saved Messages ва ё ҳамшакли он дар Telegram), баъдан матлаб бозсозӣ мешавад, ки барои ин кор чанд одам ҷалб хоҳад шуд — барои намуна:

- дизайнер барои акс ва ё диаграмма;
- банду басткунанда барои сохтани роликҳои кӯтоҳ;
- ислоҳгар барои ислоҳи матни муҳтаво (барои намуна, матни диаграммаҳо ва ё титрҳои видеороликҳо);
- муаллифи матн;
- мутахассиси SMM;
- Дар бархе ҳолатҳо мумкин аст, ба мудир ё менеҷер ё ҳатто арт-директор ниёз пайдо шавад — агар, барои мисол, албоми аксҳо омода кардан лозим шавад.

## Ба алгоритм табдил додани бархе аз намуди муҳтаво.

На танҳо теъдоди паёмакҳо меафзояд, балки шумораи каналҳо ҳам бештар мешаванд. Аз як канал ба канали дигар гузаштан ҳар чи бештар нороҳатӣ ба бор меорад. Ин дар ниҳоят боиси он мешавад, ки шаклҳои мушаххаси муҳтаво дар лентаи алоҳида гирдоварӣ шаванд, нахуст аз рӯи пайвастагии замонӣ ва баъдан аз рӯи принсипи алгоритмӣ тақсимбандӣ гарданд.

- Барои мисол, тими Павел Дуров агрегати хабариеро коркард мекунад, ки хабарҳои ба ҳам монандро дар як кластер ҷамъ меорад.
- Намунаи дигари ин тренд, ки барои ҳама гуна тарҳҳо хос аст ва ба муҳтавои корбарон такя мекунад — ин анбори аксҳои imgur аст, ки дар моҳ то 300 млн корбар ҷамъ меорад ва ин анбор агрегатори аксҳои бозиҳои писандидаи корбаронро роҳандозӣ кардааст.

## Ба коргирии роҳҳалҳои муваффақонаи аслӣ.

Форматҳо хеле хуб кор мекунанд, зеро барои платформаи мавриди назар "худӣ" ҳастанд. Барои мисол, назарпурсӣ дар Telegram, ки онро метавон дар саҳифаи худ бознашр кард, тақрибан аз ҳар се одам як овоз ҷамъ меорад, ки назарсанҷиро дидааст.

## Касб кардани оҳанги худӣ аз сӯи расонаҳо.

Ҳамаи расонаҳои навтаъсис дар ибтидо барои паҳн кардани паёму матлабҳои худ васоили анъанавиро интихоб мекунанд, ки минбаъд такмил ёфта, вижагии худро касб хоҳанд кард. Каналҳои пешсафи расонаҳо дар мессенҷерҳо айни замон дар марзи касб кардани оҳанги вижаи худ, формат ва усулҳои баёни худ ҳастанд. Агар шумо тасмими таъсиси канали худро доред, бояд ин нуктаро ба эътибор гиред, ки аз каналҳои дигар чӣ фарқ хоҳед дошт. Хатти одӣ бо як пайванд барои ҷалби хонандагону бинандагон ба сомона натиҷаи хубе ба бор нахоҳад овард.

## Ихтисори иқтисоди бот ва пайдоиши таҳлили беҳтаршудаи аудитория.

Аз ҳад зиёд нишон додани шумораи муштариҳои худ — падидае аст, ки аз он расонаҳои иҷтимоии насли гузашта наметавонистанд сарфи назар кунанд.

- Дар соли 2019 чанде аз расонаҳои иҷтимоӣ ба таври густарда аккаунтҳои фейкиро пок карданд, механизмҳои наве пайдо карданд, ки ҷалбсозии дурӯғинро коҳиш медиҳад (барои мисол, Instagram дар бархе аз мавридҳо шумори лайкро дар матлабҳову навиштаҳо пинҳон нигаҳ медорад). Ин ва дигар чораҳо ба таври қобили чашмрас талабот ба ботҳоро коҳиш медиҳанд.
- Василаҳои иловагии таҳлилӣ ин тамоюлро тақвият ва ба ин васила ба рекламадиҳанда ҷалби афроди воқеиро кафолат медиҳанд.

# КУРСИ “МУҚАДДИМАИ СТОРИТЕЛЛИНГ БАРОИ ЖУРНАЛИСТОН ВА БЛОГЕРҲО”

**МУАЛЛИФ:** Диана Светличная (Қирғизистон), журналист, нависанда.

**МЕТОДИКА:** лексия, семинар, дарсҳои амалӣ

**РАВИШ Ё УСУЛИ ДАРС:** Ин курс барои рушди малакаи сторителлингнависии донишҷӯён, ки ба принсипҳои кори расонаҳои муосир асос ёфтааст, равона шудааст.

**ДАВОМНОКӢ:** 4 соати академии дарсҳо дар аудитория; 8 соат кори мустақилона

**МАВОДИ ЗАРУРӢ:**
Барои омӯзгор: экран, проектор, ноутбуки пайванд ба Интернет барои нишон додани мисолҳо. Барои донишҷӯён: ноутбук/смартфони пайванд ба Интернет барои мутолиаи адабиёти тавсияшуда ва иҷро кардани вазифаҳои амалӣ.

**АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ:**

4

Корней Чуковский “Зинда мисоли зиндагӣ”, “Санъати баланд”.
Нора Гал “Калимаи зинда ва мурда”.
Хорхе Луис Борхес эссе “Чаҳор чарха”.
Курт Воннегут “Инсони бидуни кишвар”.
Блейк Снайдер “Гурбаро наҷот диҳед! Ва дигар асрори филмноманависӣ”.
Стивен Кинг “Чӣ тавр бояд китоб навишт”.
Ирина Левонтина “Русӣ бо луғат”, “Гап сари чӣ меравад?”
М. Иляхов ва Л. Саричева “Бинавис, кӯтоҳ кун”.
Розентал Д.Э., Ҷанҷакова Е.В., Кабанова Н.П. “Роҳнамои имло, талаффуз, таҳрири адабӣ”.
Ҷозеф Кэмпбелл “Қаҳрамони ҳазорчеҳра”.
Грант Фолкнер “Навиштанро шуруъ кун. 52 тавсия барои рушди халоқият”.
Роберт Макки “Диалог: Санъати сухан барои нависанда”
The top 10 stories that shaped the world
https://www.bbc.com/culturearticle/20180521-the-top-10-stories-that-shaped-the-world
Best Short Stories and Collections Everyone Should Read
https://reedsy.com/discovery/blog/best-short-stories
The best longreads
https://longreads.com/
Мо инсонро ба журналистика бармегардонем!
https://takiedela.ru/
Чӣ тавр бо ёрии суратҳо метавон қисса кард: 5 тавсия ба сторителлингнависон
https://texterra.ru/blog/kak-rasskazyvat-istorii-s-pomoshchyu-fotografiy-5sovetov-storitelleram.html

# ДАРСИ 1.
# Сторителлинг чист?

**Мавзуъҳо:** Сторителлинг аз куҷо омадааст? Сторителлинг дар воқеиятҳои нав чӣ аст? Чаро бояд қисса кард?

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Намунаҳои сторителлинг дар фарҳанги мардум. Шакли пешниҳод: муаррифӣ (презентатсия), саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ.

**Кори амалӣ:** Сафарнома нависед. Метавонед ба ҷойе равед, ки ягон вақт онҷо набудед (шарт нест, ки ҷойи дур бошад). Метавонед пиёда қадамзанӣ кунед (шояд пештар аз ин роҳ бо мошин мегузаштед). Вазифа барои шумо – дидаҳоятонро тавре нависед, ки дар қаринаи сафарномаи шумо кадом як қиссае мавҷуд бошад: суҳбат бо касе, кадом як моҷаро, ягон чизи эҳсосие. Ҳатто рафтан то партовгоҳ ё то дорухона ҳам метавонад очерки хубе барои блог шавад.

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# 1. Ҳар чизи нав – чизи куҳнаи азёдрафта аст. Сторителлинг аз куҷо омадааст?

Ҷаҳонро одамоне идора мекунанд, ки қиссагӯиро балад ҳастанд. Ин воқеият аст ва намешавад онро нодида гирифт.

Писаракеро дар хотир доред, ки ҳини ба синфхона ворид шудан мегуфт: "Медонед чӣ?" ва нақлро сар мекарду тамоми ҳамсинфон ӯро иҳота карда, бо даҳони боз гӯшаш мекарданд ва ҳатто ба занги мактаб аҳамият намедоданд? Духтаракеро, ки бо нигоҳи орзумандонаю маънидорона мегуфт: "Ҳоло ман ба шумо як чизеро нақл мекунам, ки..." Атрофиён зуд қалбҳои худро медоштанд, сар меҷунбонданд ва аз бетоқатӣ лабҳояшонро мегазиданд.

Инсоният аз лаҳзае, ки ба гуфтани қисса шурӯъ кард, сухан роҳнамо, абзор ва олоту асбоби мо гардид. Ба то чӣ ҳад сухандони моҳир будани инсон мавқеи ӯ дар ҷомеа вобаста мебошад.

Гузаштагони мо дар ғорҳо гирди гулхан ҷамъ омада, касеро ки дар қиссагӯӣ маҳорат дошт, болонишин мекарданд. Аз замонҳои қадим қиссаи хуб арзиши зиёфат, салтанат, ҳаётро дошт.



*Ҳар қавме қиссагӯи худро дошт*

Калимаи "сторителлинг" (Storytelling) аз англисӣ ба мо омада, "қисса кардан, қиссапардозӣ" тарҷума мешавад. Дар маънии воқеии худ Storytelling ин суханпардозӣ, маҳорати баён аст.

Ба маънии васеъ, он - интиқоли иттилоот бо роҳи шифоҳӣ мебошад. Маҳорати баён мавқеи истисноии гӯяндаро ҳамчун донандаи маъруфи иттилоот ифода менамояд.

Ҳар фарҳанг чеҳраҳои саршиноси худро дошт: достонсароҳо, гӯяндаҳои қиссаю ривоятҳои таърихӣ ва қаҳрамонӣ, хонандаҳои суруду шеърҳо (оқинҳо, гӯяндаҳо, кобзарҳо, ошуғҳо).

Бар дӯши онҳо масъулияти бузурге вогузор буд – онҳо гӯяндаи ахбор, маърифатдиҳанда, таблиғгар буданд. Оё одамон суханони онҳоро гӯш мекунанд, ба идеяҳои онҳо бовар доранд? - ба маҳорати онҳо вобаста буд.

Имрӯзҳо сторителлинг дар сиёсат, журналистика ва маориф паҳн шудааст. Ҳама ба ҳамдигар чизеро нақл мекунанд, ҳар нафар талош мекунад, ки аз нафари дигар боэътимодтар бошад.

Ҳатто дар журналистика чунин мақоле ҳам пайдо шудааст: "агар сторителлинг – санъати қиссапардозӣ бошад, пас журналистика – санъати сторителлинг аст".

Яъне, барои рӯзноманигори хуб танҳо ҳирфаӣ будан – доштани маҳорати ба даст овардани далелу шарҳҳо, нигоҳи комил ва малакаҳои "сайёдӣ" кофӣ нест, ба ӯ инчунин гӯяндаи хуб будан лозим аст. Он гунае, ки мухотабон бесаброна матлабашро бинанд/гӯш кунанд/бихонанд ва ҳатто дар фикри пӯшидани саҳифа, ба дигар шабака ё мавҷ гузаштан нашаванд.

# 2. Сторителлинг дар воқеиятҳои нав чӣ аст?

Ҳар кадоми мо тарзу услуби хоси гуфтор дорем. Баъзеҳо зуд аз мағзи гап шуруъ мекунанд, бархеи дигар риштаи қиссаро тӯлонӣ ва муфассал танида, аз пайдоиши ҷаҳон то далели анҷомшуда мерасонанд. Ҳамаи ин махсусиятҳои инфиродии ҳар гӯянда ва ё ҳар расонаи мушаххас мебошад.

Сохторбандии қиссаҳо аз замони Арасту иваз нашудаанд. Маҳз ӯ "сохтори себаста"-ро, ки дар он қисса ба се қисми шартӣ тақсим мешавад, ихтироъ ва истифода намудааст:

- Гиреҳбандӣ
- Авҷ
- Гиреҳкушоӣ

[1]https://pxhere.com/en/photo/1133633, Иллюстрация не защищена авторским правом: древние люди у костра

Гиреҳбандӣ моро бо қаҳрамонҳо, замони амал шинос мекунад ва омода месозад, ки аз рӯйдоди асосӣ “аз ҳуш наравем”. Гиреҳбандӣ моро ба сужа ҷалб мекунад. Авҷ ё кулминатсия моро маҷбур мекунад "як қад паррем"/битарсем/гиря кунем/бихандем. Кулминатсия аз мо эҳсосро талаб мекунад.

Гиреҳкушоӣ ҳама чиро дар ҷойи худ мегузорад. Ба мо мефаҳмонад: кӣ, аз куҷо ва ба куҷо. Гиреҳкушоӣ ба саволҳои мо ҷавоб медиҳад. Гапро дароз накарда, талош мекунем, бо истифода аз сохтори қадиму хуби себаста дилхоҳ қиссаеро нақл кунем.

Масалан, мо далели мушаххасе дорем, ки мехоҳем онро то мухотабон расонем. Ин метавонад ахбори сатҳи ҷаҳонӣ ва кадом як рӯйдоди шахсӣ бошад. Микёси хабар комилан муҳим нест, муҳим ин аст, ки дар бораи он бояд тавре нақл кард, ки мухотабон дар як лаҳза гӯшу ҳуш шуда, бо тамоми ҳастӣ мафтуни шунидани он шаванд.

Фарз кардем, шумо аз кор ба хона баргаштед ва мехоҳед ба аҳли хонавода нақл кунед, ки имрӯз як рӯзи вазнине доштед: шумо ҳатто вақт наёфтед, ки ба танаффуси нисфирӯзӣ биравед, зеро лозим буд фавран матлаби худро аз нав нависед, ба зангҳои зиёд ҷавоб бидиҳед, бо ҳамкоронатон аз дигар шаҳрҳо иртибот бигиред, санадҳои заруриро барои сафари хизматӣ омода кунед, барои ҳавопаймо билет бихаред, ҳисоботҳоро пешниҳод кунед; ба хона тамоман мондаю беҳол баргаштаед.

Гумон аст, ки ба остонаи хона қадам задан замон тамоми он чизеро, ки дар корхона шуд, такрор мекунед, ба эҳтимоли зиёд, танҳо гапи муҳимро изҳор медоред:

**“Рӯзи баде буд, ҳатто барои хӯроки нисфирӯзӣ вақт надоштам, монда шудам”.**

Дар ин нақли кутоҳ шумо сохтори себастаро ҳифз кардед:

1 **“Рӯзи баде буд”** – ин гиреҳбандӣ аст, бо ёрии он шумо аудиторияро ба қиссаи худ омода мекунед, ба он тобиш мебахшед.

2 **“Ҳатто барои хӯроки нисфирӯзӣ вақт надоштам”** – ин авҷ ҳаст. Инҷо ҳатто дили одами қавӣ ҳам ба ларзиш медарояд.

3 **“Монда шудам”** – ин гиреҳкушоӣ аст. Мухотабон мефаҳманд, ки шумо истироҳат кардан мехоҳед.

Ман медонам, ки ҳоло шумо ба ханда меоед, асабӣ мешавед ва эътироз мекунед, ки “ин як қиссаи маишӣ аст, сторителлинг дар журналистика ва блогинг ба ин чӣ дахл доранд?”

Гап дар ин аст, ки навиштани матолиби журналистӣ, пеш бурдани блог ва пешниҳод кардани хабарҳо бояд айнан чунин бошад – бо забони одии инсонӣ, бидуни гапи зиёдатӣ – суханони қолабӣ, расмию идорӣ ва обшуста бошад.

Мо дар ҷаҳони суръатҳои фавқулодда зиндагӣ дорем, бо тайёраҳои тезравтар аз садо ҳаракат мекунем, матнҳоро кач мехонем, даҳҳо саҳифаҳоро якбора мекушоем, менависему ҳамзамон бо телефон суҳбат мекунем, вебинарҳоро мебинему ба шарҳҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷавоб медиҳем. Мо барои хондани маводи дилгир ва тамошои саҳифаҳои дилтангкунанда фурсат надорем. Як калимаи “мурда” қудрати “куштан”-и тамоми матнро дорад. Бештари расонаҳо рӯйхати махсуси калима ва ибораҳои “мамнуъ”-ро доранд. Ба ин маънӣ нест, ки онҳо аз ҷониби касе манъ шудаанд, аммо ҳар корманд медонад, ки инҳо “алафи бегонаанд” ва матнро беҳтар намекунанд.

Агар хабарҳои маҳаллиро дунбол ва ҳисоб кунем, ки чанд маротиба дар онҳо калимаи “ин” садо медиҳад, ҳисобро гум мекунед. Калимаи мазкур ҳеч чизи баде надорад – он танҳо мансубият ба чизеро мефаҳмонад (яъне, мушаххасан – “ин матлаб”, ин мулоқот”, ин чорабинӣ”), ниҳодҳои давлатӣ дар хабарномаҳои худ (бештари вақт бо забони сайёраи дигар навишта шудаанд) суханони расмии идориро истифода мекунанд. Барои ин кор онҳоро мебахшем, аммо худамон такрор намекунем. **Рӯзноманигорони арҷманд, хабарномаҳо (варақаҳои матбуотӣ)-ро бознашр накунед!**

Такрор, аз калимаҳои расмӣ ва сангин парҳез кунед. Қолабҳои гуфтории ҳазорон маротиба такроршаванда, таркиботи пойдор ва воҳидҳои фразеологие, ки замоне хандаовар, ҷолиб ва возеҳ буданд, дар пайи истифодаи зиёд таровати худро аз даст доданд ва ҳоло қолиб ё клише ном бурда мешаванд.

## Навъҳои қолабҳо:

**Маишӣ** (ба ҳеч кас пӯшида нест, кӯр як бор дар чоҳ меафтад, бе сару садо, меҳнаткашони саҳроҳо, зинда бошем – мебинем, куҳансолон ҳам дар хотир надоранд...);

**Идорӣ** (чунин ҳолат ҷой дошт, аз сабаби набудани..., дар айни замон, бовар кунонд, ки..., масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд);

**Сиёсӣ-иқтисодӣ** (вазъияти муташаннич, ҷанги нави салибӣ, ҳамкории мутақобилан судманд, маҷмуи чораҳои саривақтӣ, суръати баланди рушд, вохӯрӣ дар сатҳи олӣ, тавре намояндаи расмӣ хабар дод).

Мо хонандаи худро эҳтиром мекунем ва барои мо муҳим аст, ӯ ҳамроҳи мо бошад. Аз ин рӯ, сари ҳар калима дар матни худамон андеша мекунем.

Муҳаррирони расонаҳои гуногун хит-парадҳои қолабҳои журналистиро тартиб медиҳанд ва баъзан онро бо хонандаҳо низ дар миён мегузоранд. Барои мисол, чанде пештар The Washington Post феҳристеро аз 200 клишеи журналистӣ таҳия кард.

Бо матлаби The Washington Post инҷо шинос шавед: [2]

# 3. Чаро бояд қисса кард?

Инсоният гап заданро ҳудуди сад ҳазор сол қабл ёд гирифтааст. Сад ҳазор сол аст, ки мо суханро бо ҳадафҳои гуногун истифода мебарем. Як суҳбати кутоҳ баъзан метавонад аз ҳазор тавсияи хуб беҳтар бошад, як матни хуб метавонад тамоми тасаввуроти пешинаро дар бораи макон, зуҳурот, шахсият ба куллӣ тағйир бидиҳад.

Ҳамагӣ чанд вақт пештар вазифаи асосии журналист ҷустуҷӯи иттилоот буд. Имрӯзҳо мо шоҳиди авҷи иттилоот ҳастем, аз ҳад зиёд шудани иттилоъро таҷриба мекунем. Иттилоъ ба ҳадде зиёд аст, ки намедонем худро чӣ тавр аз он ҳимоя кунем.

Ҳаҷми маълумоте, ки инсоният пешниҳод мекунад, махсусан давоми панҷоҳ соли ахир хеле зиёд шуд. Инсони муосир давоми як моҳ он қадар иттилоотеро дарёфт мекунад, ки инсони асри XVII тамоми умр мегирифт. Дар шабакаи Facebook ҳармоҳа 30 миллиард сарчашмаҳои нави иттилоот ба дастрасии озод гузошта мешаванд. Бо ин ҳама иттилоот чӣ бояд кард? Он барои кӣ ҷолиб аст?

Иттилоот худ аз худ – бо тамоми маълумоти боз, аснод, гуфтаҳову шарҳҳо барои касе ҷолиб нест. Чизи барзиёд сабаби бепарвоӣ мешавад. Касе намехоҳад, ки маълумоти ҷадвалҳо, рӯйхатҳо ва бойгониҳоро тагу рӯ кунад.

Одамон интизоранд, ки онҳоро даври ҳам нишонда, қиссаи аҷибе нақл кунед. Одамон ташнаи қиссаҳои хуб ҳастанд, қиссагӯҳои хубро меҷӯянд. Бинанда/шунаванда/хонандаи муосир ба ровии муайян таваҷҷуҳ мекунад, сторителлери инфиродиро меҷӯяд. Ҳангоми шунидани қиссаи ҷолиб одам худро хушбахт эҳсос мекунад. Боварие, ки мухотаб ба ровии қисса эҳсос мекунад, ба софдилии кӯдакона шабоҳат дорад.

Ҳар қиссагӯ бояд дар хотир дошта бошад, ки қиссаи вай барои кадом як “аудиторияи васеъ”-и бофтаву сохта не, балки барои инсони зиндаи муайяне равона шудааст. Қиссаҳо қудрати зиёде доранд. Бо ёрии қиссаи хуб мешавад ба инсон кумак кард, ки иттилои муҳимеро ба ёд бигирад. Ҳанӯз соли 1969 намояндагони Донишгоҳи Стэнфорд силсилаи тестҳоро анҷом доданд. Аз донишҷӯён хоҳиш карда шуд, даҳ гурӯҳи бо ҳам алоқаманднабудаи калимаҳоро дар хотир бигиранд ва номбар кунанд. Як қисми донишҷӯён калимаҳоро ба он тартибе ба ёд гирифтанд, ки худашон интихоб карда буданд, гурӯҳи дигар бошад, қиссае таҳия намуд, ки тамоми калимаҳои пешниҳодшударо дар бар мегирифт.

Вақте аз ҳар донишҷӯ хоҳиш кардаанд, ки калимаҳои пешниҳодшударо ба ёд биёранд, маълум шуд донишҷӯёне, ки қисса сохтаанд, нисбат ба донишҷӯёне, ки талош кардаанд калимаҳоро бо шеваи дигар ба ёд биёранд, 6-7 маротиба бештар калимаҳоро дар хотир доштаанд.

[2]https://www.washingtonpost.com/news/opinions/wp/2014/02/27/the-outlook-list-of-things-we-do-not-say/

(Маълумоти бештарро инҷо бубинед: http://stanford.edu/ğbower/1969/Narrative_stories.pdf[3])

Одамон моиланд, ки худро ба ҷойи қаҳрамонҳои қиссаҳо тасаввур кунанд, аммо касе худро бо графикаву рақамҳо шабеҳ намекунад.

Қиссаи хуб раванди фикриро ба роҳ мемонад, тавaҷҷуҳро бармеангезад ва одамонро барои дарки он чи ки шунидаанд, маҷбур мекунад. Бо нақл кардани қисса шумо иртиботро бо одамон барқарор ва тавaҷҷуҳи онҳоро ба мавзуи муайян ҷалб мекунед.

Чаро гуфтани қисса муҳим аст? Суҳбати собиқ сардабири портали “Такие дела” Анастасия Лотареваро, ки махсус барои мактаби мо анҷом шудааст, инҷо тамошо кунед

[3]http://stanford.edu/ğbower/1969/Narrative_stories.pdf

# ДАРСИ 2.

# Чӣ тавр бояд қисса кард, то туро гӯш кунанд?

**Мавзуъҳо:** Чӣ тавр бояд қисса кард, то туро гӯш кунанд? Формулаи классикии бунёдгузории сужа. Танзими таваҷҷуҳ ва оҳанги эҳсосии аудитория.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Донишҷӯёнро зарур аст, ки логлайн ва синопсиси қисса ё матлаби ояндаи худро таҳия кунанд (ниг. кори амалӣ). Кори худро ба шеваи ҷолибе пешниҳод кунед.

**Кори амалӣ:** Очерки портретӣ нависед. Он метавонад дар бораи сиёсатмадор, ситораи поп ё табиб бошад. Ё чеҳранигорие пас аз суҳбат бо корманди мизи шиносномадиҳӣ ё мағоза.

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# 1. Чӣ тавр бояд қисса кард, то туро гӯш кунанд?

Рӯирост мегӯем, навиштани матни хуб осон нест, баёни қисса ба он тавре ки шунавандаҳо гӯшу ҳуш шаванд – илми мукаммалест. Инҷо бояд барои ҳамеша қоидаи асосиро дар хотир гирифт: **На аввалӣ ва на дуввумиро омӯзондан мумкин нест, аммо омӯхтан мумкин аст!**

Аз субҳ то шом шумо дар факултетҳои журналистика сабақ мегиред, шумо метавонед дуру дароз дар тренингу семинарҳо иштирок кунед, сертификату дипломҳои зиёдеро ҷамъ оваред, аммо ин ҳама беҳуда мешавад агар шумо таҷриба карданро машқ накунед. Таҷриба кунед, асабӣ шавед, ба хашм оед, боз таҷриба кунед.

Чӣ тавр одамонро маҷбур кардан мумкин аст, ки ба гуфтаҳои шумо бовар кунанд? Чӣ тавр онҳоро метавон маҷбур кард, ки матни шуморо то охир бихонанд? Ҷавоби ин саволҳо хеле сода аст: ба қиссаи шумо вақте бовар мекунанд, ки агар худи шумо ба он бовар кунед; матни шуморо танҳо дар он ҳолате мехонанд, ки агар шумо хоҳиши навиштанашро доштед. Ин чиз ба таври дигар кор намекунад.

Матнҳои зӯракӣ аз ҷумлаи аввал маълуманд, мақолаҳои "маҷбуран навишташуда" барои касе ҷолиб нестанд.

Он мавзуъҳоеро пайгирӣ кунед, ки шахсан ба худи шумо писанд ҳастанд. Дар бораи чизе нависед, ки комилан онро омӯхтаед. Дар матлаби хуб танҳо даҳ дарсади он чизе пайдо мешавад, ки муаллиф медонад.

Чунин ақидае роиҷ аст, ки журналист ҳамеша ҳаваскор аст, кам медонад, доимо рӯякӣ мегардад. Бале, вақте шумо дар бораи фаъолияти ҷарроҳ матлаб омода мекунед, гумон аст, ки шумо ҷарроҳӣ карданро биомӯзед, вазифаи шумо буридани куррӯдаи варамида (аппендисит) нест, вазифаи шумо дар бораи ҷарроҳӣ тавре қисса кардан аст, ки ҳар хонанда дар дасташ теғи ҷарроҳӣ ва масъулият барои ҳаёти касеро ҳис кунад.

Ҳар чизе ки менависед, дар хотир дошта бошед, ки вазифаи шумо пахш кардани иттилоот мебошад. Ин корро, бояд дилкашу ҷолиб анҷом бидиҳед. Дар қиссаи ҷолиб мешавад, ки маълумоти аз ҳама дилгиркунанда – омор, синну сол, маблағи буҷаро ворид кард. Ин ҳама маълумот дар шакли асл аз хотири мухотабон меравад, аммо агар дар атрофи онҳо чизи ҷолибе бошад, майна ҳама чиро ҳифз мекунад.

Ҳангоми омодагӣ ба таҳияи қисса бояд сохтори дақиқеро дар фикратон дошта бошед. Баромадҳои номуайяну хиракунандаро фаромуш кунед, онҳо ба касе лозим нестанд. Намедонед, ки аз чӣ оғоз кунед – аз чизи асосӣ шуруъ кунед.

Бо ёдоварӣ аз сохтори анъанавии себаста, наметавонем аз классики адабиёт ва нобиғаи ҳикояҳои кӯтоҳ Антон Павлович Чехов ёд наёрем, ки гуфта буд, мушкили бештари муаллифон ин аст, ки талош мекунанд қоидаҳоро дақиқ риоя кунанд, ҳатман аз гиреҳбандӣ ба авҷ ва аз авҷ ба гиреҳкушоӣ мераванд (ҳамаи мо барномаи мактабиро бо романҳои тӯлонӣ дар хотир дорем, ки барои вуруд ба асли рӯйдоди он 100-200 саҳифа меравад).

Чехов аз таҷриба кардан ҳарос намекард ва пешниҳод дошт, ки бояд гиреҳбандиро канор гузошта, якбора аз авҷ шуруъ кард. Аз ин матнҳои ӯ муваффақтар мешуданд. Ӯ аз чизи асосӣ шуруъ мекард.

Яъне, қоида ҳаст ва боқӣ мемонад, аммо агар ба фикратон вайрон кардани он ба фоидаи шумо аст, аз риоя накарданаш натарсед. Бигзор тамоми амалҳои шуморо гуфтаи зерин таккон бидиҳад: **ҳамин тавр мекунам, зеро он қиссаи маро беҳтар мекунад.**

Дар ҳоли навиштани матлаб ҳама чӣ бояд дар атрофи матлаби шумо чарх занад. Чунин намешавад: ду сархат навишта, ба питзохурӣ рафта, кино тамошо карда, лаби баҳр рафтаву сари кор баргардӣ. Матлаб таваҷҷуҳи хоса, нерӯи ботинии муаллифро талаб мекунад.

Мо-ку ду бор латифа нақл намекунем, филми ҷолиберо ба чанд қисм тақсим намекунем, вақте манфиатдору ба коре андармонем, мисле ки дар селоб шино мекунем ва ин селоби форам аст.

**Собиқ сардабири портали "Такие дела" Анастасия Лотарева дар бораи сужаҳои ҳамешагӣ дар адабиёт аз назари Борхес ва Воннегут нақл мекунад.**

# 2. Формулаи классикии бунёдгузории сужа

Формулаи классикии бунёдгузории сужа дар Юнони Қадим ба вуҷуд омадааст, унсурҳои асосии он рӯйдод ва амал мебошанд. Ба андешаи Арасту рӯйдоди ба амал печида мундариҷа – асоси ҳама гуна қиссаи хубро ташкил медиҳанд.

Барои дарки он ки қиссаи шумо то куҷо муваффақ аст, варақеро бигиред ва дар он рӯйдодҳоеро бинависед, ки ба вуқуъ мепайванданд, инчунин амалҳоеро нависед, ки қаҳрамонҳои шумо анҷом медиҳанд. Ба худатон савол бидиҳед: чаро қаҳрамонҳоятон чунин рафтор мекунанд, на ба таври дигар? Оё ин амалҳо мантиқиянд? Оё образи ҳар қаҳрамон комил ҳаст? Оё қаҳрамони шумо дар ҷараёни рӯйдод тағйир меёбад?

Дар бораи сохтори сужа аллакай медонед: "гиреҳбандӣ-авҷ-гиреҳкушоӣ" – метавонед ҷасурона бо ин сохтор таҷриба кардан бигиред.

Бунёдгузории қиссаҳо – ҳамеша ҷаззоб ва ҳамеша ҷолиб аст. Метавонед ҷойҳоро иваз кунед, қаҳрамонҳои нав ворид намоед, назди онҳо вазифаҳо бигзоред. Аммо ҳамзамон хеле муҳим аст, ки аз худ ҳамеша бипурсед: чаро? Чаро қаҳрамонҳои шумо ин ё он суханҳоро мегӯянд, чаро ин ё он тавр рафтор мекунанд? Ва аз ҳама муҳим – чаро шумо ин ҳама корро мекунед?

Гуфтугӯ бо худ ҳангоми бунёдгузории қиссаҳо - қисмати асосии кор мебошад. Оё метавонед бо як ҷумла ба ин суол ҷавоб бидиҳед: қиссаи шумо дар бораи чӣ аст? Агар инҷо мушкилӣ бикашед, бояд бозистед. Агар шумо намедонед, ки қиссаи шумо дар бораи чӣ аст, пас кӣ медонад?

Биёед, мухтасар баррасӣ мекунем – қиссаи шумо дар бораи чӣ аст? Гуфтан, ки "ин қисса дар бораи муҳаббат аст" ва ё "қиссае дар бораи ҳаёт" ё "қиссае дар бораи худро қурбонӣ кардан" – одилона нест, зеро тақрибан тамоми қиссаҳои хуб дар бораи муҳаббат, зиндагӣ ва аз худ гузаштан аст.

Биёед таҷриба мекунем. Дар қоғаз бинависед: "Ин қисса дар бораи..." Талош кунед, ки қиссаи худро дар як ҷумла ҷой кунед.

Масалан, "Ин қисса дар бораи зане аст, ки намехост ба шавҳараш дар бораи хиёнат дурӯғ бигӯяд ва худро зери қатор андохт". Ва ё "Ин қисса дар бораи марди беҳаёест, ки ҳавасаш ба духтари ҷавон боиси бадбахтии ҳамагон гардид".

Шеваи дар як ё ду ҷумла (тибқи қоида наздики 25 калима) ифода кардани қиссаро бо фарогирии бархӯрдҳои асосии драмавии он маъмулан сенариянависон истифода мекунанд. Чунин шарҳи кӯтоҳро логлайн мегӯянд.

## Логлайн ба ин саволҳои асосӣ ҷавоб мегӯяд:

1. **Кӣ амал мекунад?**
2. **Қиссаи кӣ аст?**
3. **Чӣ рӯй медиҳад?**
4. **Интригаи асосӣ дар чист?**

Бештари ҳирфаиён аввал логлайн менависанд, пасон синопсис ва баъдан аз пайи қисса мешаванд (муҳим нест, ки он очерк аст, повест, роман ва ё сенарияи филм).

Бале, бояд чанд калима дар бораи синопсис бигӯем. Ба фарқ аз шарҳи мухтасар (аннотатсия) ё логлайн, синопсис тасаввуроти каме бештареро дар бораи асари шумо пешниҳод мекунад. Ҳаҷми он метавонад гуногун бошад: аз чанд сарсатр сар карда, то чанд саҳифа (ба он вобаста аст, ки кори асосии шумо чӣ қадар аст).

**Синопсис** – устухонбандии матни шумо, нақли хушки рӯйдодҳои калидӣ аст.

Талош кунед, дарҳол пас аз логлайн (шарҳи мухтасар) синопсис нависед. Дар хотир дошта бошед, ки логлайн ба саволи "Қиссаи шумо дар бораи чӣ аст?" ҷавоб медиҳад, синопсис бошад, ба саволи "Чӣ аз пайи чӣ меояд?"

Кӯтоҳ ва фаҳмо нақл кунед. Макон ва вақти амал, қаҳрамони асосӣ, ҳадафи ӯ ва моҷароҳоро шарҳ диҳед (нақл кунед, ки кадом монеаҳо дар роҳи қаҳрамони асосӣ қарор доранд).

1

Замони ҳозираро истифода баред.

2

Шарҳи муфассал надиҳед. Ҳар калима ба қиммати тило баробар аст.

3

Тавсифи асосии персонажҳоро нишон диҳед, дар ин ҳол кӯшиш кунед, ки ба ҳадди имкон сифатҳоро камтар ба кор баред.

4

Фаҳмонед, ки қиссаи шумо аз дигар қиссаҳо чӣ тафовут дорад. Чаро он ҷолиб аст.

5

Ба шарҳи “Ин қисса дар бораи...” барнагардед – ин дар логлайн (шарҳи мухтасар)-и шумо буд, танҳо нақл кунед, ки чӣ аз пайи чӣ меояд.

6

Номи қаҳрамонҳоро нагӯед – онҳо бояд хислатномаи дақиқ ва хусусиятҳои фарққунанда дошта бошанд.

7

Талош накунед, ки “адабӣ” нависед. Қиссаи худро ба дӯстатон нақл кунед. Сода ва ҷолиб.

8

Ҳатто агар қиссаи шумо фоҷиавӣ аст, аз он сӯгворӣ насозед. Лутфи латиф дошта бошед.

9

Ҷумлаҳои мураккабу дурударoз, таъбирҳои сифати феълӣ ва феъли ҳолро фаромуш кунед.

10

Устухонбандии матн дар иҷрои шумо бояд ба афсонаи “Мурғи тухмтило” монанд бошад – ба ҳадди имкон содаву шаффоф.

11

Дар интиҳо бояд матне дошта бошед, ки дар бораи он бояд гуфта шавад – “пуршукӯҳ, фаҳмо, ҷолиб”.

12

Таҷриба кунед. Барои қиссаи худ чанд намунаи логлайн нависед ва бо дӯстонатон ё беҳтар аст бо бегонаҳо дар миён бигзоред. Агар қисса аз 10 нафар ба 8 кас ҷолиб намояд, пас фикр кунед, ки ба ҳадаф расидед. Одамони шавқманд аз шумо тафсилоти қиссаро хоҳиш мекунанд ва ба онҳо синопсисро нақл мекунед. Агар шунавандаҳо ба шумо маслиҳат ё савол бидиҳанд, пас шумо дар роҳи дуруст ҳастед, шумо муваффақ шудед, ки онҳоро ба қиссаи худ ҷалб созед.

# 3. Эҳсосот ва ҷузъиёт

Қиссаи хуб – кино дар рӯи қоғаз мебошад. Ба тамошобин ивазшавии тасвир зарур аст, ӯ эҳсосро интизор аст, мехоҳад худро ҳамшарик эҳсос кунад.

Дар журналистика шеваҳои зиёде ҳаст, ки бо ёрии он мешавад таваҷҷуҳ ва заминаи эҳсосии мухотабонро танзим кард. Мутаассифона, бештари рӯзноманигорон ба сӯйи дастовардҳои аҳдофи худ исроркорона ҳаракат менамоянд – талош мекунанд ба хонанда бо роҳҳои дағал таъсир расонанд. Ба худ имкон медиҳанд, ҳарфҳои арзёбикунанда зананд: “сиёсатмадори дурӯғгӯ”, “кӯдаки бадбахт”, “ҷинояткори золим”, “мӯйсафеди нотавон”...

Албатта, ин кор медиҳад ва дар хонанда вокуниши фаврии ҷавобиро бармеангезад. Бо афкори арзёбикунандаи худ мо ба мухотабон нишон медиҳем, ки ба куҷо нигоҳ кунанд, чӣ тавр фикр кунанд ва ба кӣ ҳамдардӣ намоянд. Мо ба додситонҳо табдил мешавем.

Ба ин ё он тавре ҳеч яки мо беғараз нестем, ҳар кадоми мо низоми арзишҳои худро дорем ва ҳар қадар ки барои ҳифзи бетарафӣ дар матолибамон талош ҳам кунем, андешаҳои мо аз ҳар ҷумла маълум шуда меистад.

Мо ҳама хуб медонем, чӣ кор кунем, ки гуфтаҳои касе дар хотираҳо нақш бандад ва аз касе дар миёни мавҷи иттилоот гум шавад. Медонем, ки иқтибосҳои ба лид баровардашуда, аксаран баёнгари афкори редаксия ҳастанд. Медонем, ки агар шореҳон ва ё коршиносон дар кадом масоиле аз се нафар бештар бошанд, шарҳи охирӣ калидӣ хоҳад буд.

Чӣ тавр бояд бо қиссаҳо кор кард, то он нозук, нафис, оқилона бошад. Чӣ бояд кард, ки хонанда худро ҳамроҳи мо роҳат эҳсос кунад? Худро ҳамшарик эҳсос кунад ва бовар дошта бошад, ки характери персонажҳо ва боз чизҳои дигари муҳимро дарк кардаву шинохтааст?

Ҷузъиёт – муҳимтарин чиз дар ихтиёри нависанда мебошад. Ҷузъиёт образро комил мекунад, ҷузъиёт ривоятро пуробуранг мекунад. Ҷузъиёт на танҳо дар қолаби матнӣ, балки дар қолаби қиссаҳои аудиоӣ ва видеоӣ ҳам коромад аст.

Дар матлаби вобаста ба одамони дорои маъюбият, масалан, мешавад дарҳол гуфт (аксар чунин мекунанд), ки қаҳрамони асосӣ аз як пой маҳрум шудааст. Мешавад, дар даромадгоҳи хона як пойафзол ва асобағалҳоро нишон дод ва ё мешавад нақл кард, ки қаҳрамон чӣ тавр пойафзол мехарад ва намедонад, ки ҷуфти онро чӣ кор кунад.

Дар матлаби вобаста ба духтари бедаракшуда мешавад чунин навишт: “Волидон давоми ин ду сол умедашонро аз даст надодаанд” ва мешавад чароғи шабу рӯз равшани балконро нишон дод, зеро рӯзи бедарак шудани духтарак чароғи балкон рӯшан буд.

Мешавад навишт, ки дар лаҳзаи суҳбат кӯдак дар ҳарос буд. Боз мешавад, вазъи ӯро тасвир кард: “Нохунҳояшро мехоид, вазнашро аз як пой ба дигараш меандохт, дастҳояшро ба қафаси сина ҷафс мекард”.

Ва ё фарз кардем, мо ба он ки яке аз қаҳрамонҳо сухани ҳақро мегӯяд, комилан бовар надорем, мо танҳо чунин тахмин мекунем, аммо наметавонем онро на тасдиқ ва на рад кунем ва инҷо ба ёрии мо боз ҳам ҳамон ҷузъиёт мерасад.

Масалан, қаҳрамон мегӯяд, ки тамоми умри худро дар деҳа сипарӣ карда, ба кишоварзӣ машғул буд. Аммо намуди зоҳирии вай ба ин ҳарфҳо мухолифат дорад. Намуди зоҳирии ӯро тасвир кунед. Шояд пӯсти вай сафеду нозук аст, мисли хонумҳое ки ба кошонаи ҳусн мераванд ва ё шакли дастонаш ба деҳқон шабоҳат надоранд. Ё шояд ҳарфзании қаҳрамони шумо аз суханрониҳои сокини деҳа фарқ мекунад.

## Ҷузъиёт чӣ тавр кор мекунад:

1. **Қаҳрамонро тавсиф мекунад, вижагиҳои ҷаҳони ботинии ӯро ошкор менамояд.**
2. **Вазъи равонии қаҳрамонро нишон медиҳад.**
3. **Барои хонанда заминаи эҳсосиро эҷод мекунад.**
4. **Таассурот, руҳия ва ҳиссиётро ташдид мебахшад.**
5. **Руҳи замон, хусусиятҳои иҷтимоӣ, муҳитро мерасонад.**
6. **Ба хонанда машварат медиҳад.**
7. **Фазои сесатҳаро дар дохили матн эҷод мекунад.**

Николай Василевич Гогол дар асари “Ҷонҳои мурда” тавониста, ки ба ҳар қаҳрамони худ хислатномаи дақиқ бидиҳад. Барои мисол, Плюшкин кайҳо ба як образи манфӣ табдил ёфта, таҷассумгари мумсикӣ, пастфитратӣ ва ҳақирӣ мебошад. Аммо Гогол дар ҳеч куҷое Плюшкинро мумсик, пасифитрат ва ҳақир нагуфтааст.

“Болои миз... чизҳои зиёде мехобид: як тӯда варақчаҳои бо хати майда навишташуда, ки болояшон исканҷаи мармарии сабзшуда ва дар болои он тухме гузошта шуда буд, ким-кадом китоби қадимии муқовааш чармин бо шерозаи сурх, лимӯи тамоман хушкшуда ва қадаш на беш аз чормағз, дастаи шикастаи курсӣ, қадаҳи дарунаш ким-кадом моеъ ва се пашша, ки болояш бо номае пӯшонда шудааст, бурдаи сурғӯч, як пораи аз ким-куҷо бардоштаи матоъ, ду қалами дар сиёҳӣ таркардашудаи хушкшуда ҳамчун гирифтори силкасал, дандонкови тамоман зардшуда”.

Гогол ҷаҳони мумсикӣ ва пастфитратиро ана ҳамин хел тасвир мекунад. Мо худамон ба хулосае мерасем, ки дар наздамон кӣ истодааст.

Ба эҳтимоли зиёд шоҳасари Хэмингуэйро ёд доред: “For sale, baby shoes, never worn” (Туфлиҳои навзод фурӯхта мешавад. Боре пӯшида нашудаанд).

Достони комил – дар як ҷумла. Инҷо ҳам интизорӣ, ҳам талафот ва ҳам ин ки зиндагӣ дар як ҷой намеистад, тасвир ёфтааст.

Дар матн ҳама чӣ муҳим аст. Ҳар калима бояд дар ҷойи худ бошад. Тартиби калима дар ҷумла низ метавонад ба эҳсоси хонанда таъсир расонад. Талош кунед, бо тартиби калимаҳо дар ин ҷумла таҷриба кунед ва мебинед, ки ҳангоми тағйири ҷобаҷогузорӣ маъниҳои гуногун пайдо мешаванд.

# ДАРСИ 3.
# Техникаҳои сторителлинг

**Мавзуъҳо:** Як қисса, ки бо даҳҳо садои мухталиф нақл шудааст. Машқи сабки пешниҳод. Чаро арқом, ҷадвал ва графика барои одамон ҷолиб нест. Чӣ тавр бояд маълумотро "зинда" кард? Даҳ қоидаи қиссанавис.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Гонзо-рӯзноманигорӣ: тарафдорон ва муқобилон. Донишҷӯёнро барои баҳсу баррасии мавзуъ ба ду гурӯҳ ҷудо кунед.

**Кори амалӣ:**

**Вазифаи 1.** Баъди омӯхтани намунаҳои таҷрибаҳои Раймон Кено донишҷӯёнро зарур аст бо матнҳои навиштаи худ кор кунанд – 10 варианти паём барои шабакаҳои иҷтимоиро пешниҳод кунанд.

**Вазифаи 2.** Бо шеваи Том Вулф матлаб нависед. Қиссае нақл кунед, ки қаҳрамони асосиаш худи шумо ҳастед. Қаринаи ин қисса метавонад касб, шуғл ё кадом як чорабиние бошад.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Як қисса, ки бо даҳҳо садои мухталиф нақл шудааст. Машқи сабки пешниҳод

Сабк – махсусияти асосии нависанда аст. Нависандаҳо, муаллифони матлабҳои рӯзноманигорӣ, барномаҳои телевизионии писандидаи худро аз ҷумлаи аввалашон мешиносем. Инчунин мо мефаҳмем, ки ин ё он матлаб ба кадом расона тааллуқ дорад.

Ин чӣ тавр мешавад? Чӣ хел мо мешиносем?

Аз рӯи маҷмуи услуби пешниҳод, аз рӯи нишонаҳои хос, монанди шева, намуд ва самт.

Ҳамагӣ панҷ сабки навишт (ва гуфтор) вуҷуд дорад:

- Илмӣ
- Расмӣ-коргузорӣ
- Публитсистӣ
- Бадеӣ
- Гуфтугӯӣ

Бисёриҳо бар ин боваранд, ки журналистон маҳз сабки махсуси публитсистиро истифода мебаранд, аммо чунин нест. Матлабҳои рӯзноманигорӣ метавонанд тамоми сабкҳову шеваҳоро фаро бигиранд, ҳар расона сабки худро интихоб мекунад ва ҳар журналист новобаста аз он ки расонааш ба чӣ моил аст, махсусияти навишторити худро дорад.

Ин ки инсон чӣ тавр менависад, аз таълимот, сифатҳои инфиродӣ, вазъи равонӣ-эҳсосӣ ва бисёр чизҳои дигари ӯ гувоҳӣ медиҳад. Сабк ин худи инсон аст.

Солҳои 60-уми асри гузашта дар ҷаҳони журналистика инфиҷоре ба вуқуъ пайваст, ки таърихи ин касбро ба “пеш аз” ва “пас аз” ҷудо кард. Журналисти далеру маъруфи амрикоӣ Том Вулф тасмим гирифт, ки аз меъёрҳои анъанавии навиштани мақолаҳо барои рӯзнома даст бикашад ва дар матолиби худ сабкҳои гуногунро истифода бурд.

Вулф аз гуфтани андешаҳояш ибо намекард ва мегуфт: “Журналистика ин санъат аст, адабиёти муосир бошад – дағалгуфтории низоми қадимӣ”. Журналистикаи амрикоии он солҳо ин эссеи муфассал, сутунҳои муаллифӣ ва мақола дар маҷаллаҳое буд, ки барои хонандаҳои боҳуш нигаронида шудааст - The New Yorker, New York Magazine, The Atlantic Monthly, Rolling Stone, Esquire.

Шева ё техникаи алтернативии навишти Том Вулф дар тамоми ҷаҳон маъруф шуд ва номи “Журналистикаи нав”-ро гирифт[4].

**Дар журналистикаи нав шеваҳои зерин истифода мешаванд:**

- **Рӯйкарди адабӣ дар тавсифи саҳнаҳо;**
- **Истифодаи нутқи гуфтугӯӣ, муколамаҳои қаҳрамонҳо “зинда” боқӣ мемонанд;**
- **Мавҷудияти нуқтаи назари муаллиф;**
- **Нақл аз забони шахси аввал сурат мегирад;**
- **Матлаб коркарди бадеӣ мешавад;**
- **Ҷузъиёт ба сатҳи аввал мебароянд.**

Боз як таҷрибаи сабкиро дар журналистика тақрибан ҳамон солҳо Ҳантер Томпсон (дӯст ва ҳамкори Том Вулф) ҷорӣ кард. Ҳантер Томпсон мисли дӯсташ Вулф танҳо аз шахси аввал менавишт ва ҳамзамон, дар назди хонанда ҳамчун иштирокчии бевоситаи рӯйдодҳои инъикосшуда намоён мешуд, эҳсосоташро рӯирост баён мекард ва аз ифодаҳои сахт ҳазар надошт.

Ин шева номи “гонзо-журналистика”-ро гирифт – gonzo “сарзада”.

Барои “гонзо-журналистика” истифодаи фаъолонаи иқтибос, писханд, ҳаҷву муболиға хос мебошад. Лексикаи ғайримеъёрӣ вижагии ин сабк маҳсуб мешавад.

.

Намунаи олии гонзо-журналистика дар забони русӣ[5].

[4]Книга Тома Вульфа «Новая журналистика» https://www.labirint.ru/books/164137/

[5]https://7x7-journal.ru/posts/2019/11/05/moya-obyasnitelnaya-redaktoru-pochemu-ya-ne-napishu-reportazh-s-cirkumpolyarnogo-arkticheskogo-mediaforuma

Нависанда ва журналисти фаронсавӣ Раймон Кено дар тӯли умри худ сари омӯзиши сабкҳо кор кард ва беҳтарин натиҷаҳои таҷрибаҳояшро дар маҷмуи эссеҳои “Тамрини сабк” гирд овард[6].

## 2. Чаро арқом, ҷадвал ва графика барои одамон ҷолиб нест? Чӣ тавр бояд маълумотро “зинда” кард?

Рақамҳо, ҷадвалҳо, графика – ин ҳама имрӯзҳо хеле маъруфанд. Бештари расонаҳо шӯъбаҳои кор бо додаҳоро доранд ва дата-журналистика тамоюли замони нав гардид. Бо рақамҳо баҳс карда намешавад, рақамҳо маънии худро доранд. Аммо ҳар журналист медонад, ки рақамҳо худ ба худ барои касе ҷолиб нестанд, пушти ҳар ҷадвалу пушти ҳар график одамон, рӯйдод ва зиндагӣ меистад. Ана дар ҳамин бора бояд нақл кард.

Агар дар асри 19 матлаби The Guardian бо маълумот оид ба арзиши таҳсили писарону духтарон дар мактабҳои Манчестер нававарӣ буд, пас ҳоло бо чунин маълумот касеро дар ҳайрат гузошта намешавад, гузашта аз ин, хонанда аз рақамҳои зиёд мегурезад. Хонандаи муосир аз матнҳои калон, махсусан рақамҳо даст кашидааст, аз ин рӯ, ҳангоми фикр кардани матлабе, ки иттилои зиёди рақамиро дорад, қаблан бояд тасмим гирифт, ки маълумот ё додаҳои худро дар чӣ “борпеч” мекунед.



*Нахустин дидорисозии додаҳо аз The Guardian, соли 1821*[7]

Одамон қиссаҳои одӣ ва фаҳморо дӯст медоранд, ки ҳангоми нишон додани вазн ё ҳаҷм ба онҳо бигӯянд, ки ин ҳама дар зиндагии воқеӣ чӣ намуде дорад, ин ё он ашё байни ҳам чӣ муносибате доранд ва дар куҷо истифода мегарданд.

Дар бораи ҳар чизе ки нақл мекунед, тасаввур кунед, ки ин барои дӯстатон аст, иттилоъро ба дӯстатон мерасонед. Аудитория инро қадр мекунад.

Дар хотир дошта бошед, ки қисса – ин ҳатман матн нест. Қиссаро мешавад бо ёрии расмҳо, тасовир ва рақамҳо нақл кард. Муҳим ин аст ки он қисса дар сари шумо бошад. Ана, инҷо чанд намунаи хуби он ки бо истифодаи додаҳо чӣ тавр мешавад, қисса кард:

Таърихи ҷаҳонии парвозҳо ба кайҳон

**https://spacemen.tass.ru/**

**Бузургтарин хуруҷу ошкоршавии санадҳои бонкӣ**

**https://www.youtube.com/watch?v=uteIMGxoroo**

[6]Пример того, как одну и ту же историю можно рассказать 99-ю разными способами: https://monoskop.org/images/d/d9/Queneau_Raymond_Uprajneniya_v_stile.pdf

[7]https://static.guim.co.uk/sys-images/Guardian/Pix/pictures/2011/09/25/ManchesterGuardianbackfull.jpg

# 3. Даҳ қоидаи қиссанавис

Биёед, натиҷагирӣ кунем. Ончиро ки бояд як ҳирфаӣ бидонад, сохторбандӣ мекунем:

1. Танҳо баъди гирд овардани тамоми маълумот ба навиштан оғоз кунед.
2. Қайдҳоро дар дафтар бинависед, ба хотираатон эътимод накунед.
3. Аз ҷумлаҳои дурудароз парҳез кунед. Дақиқ ва фаҳмо нависед.
4. Андешаи худро талқин накунед. Ба ҷузъиёт имкон бидиҳед, тасвири лозимро бармало кунад.
5. Эҳсосоти мухотабонро фаромуш накунед. Ба хонанда имкон надиҳед, ки дилтанг шавад.
6. Ба матни худ аз ҳад ҷиддӣ муносибат накунед.
7. Аз тағйир додани ҷойи қисматҳои гуногуни ривоят наҳаросед.
8. Хулоса набароред.
9. Ба худатон имкони истироҳат бидиҳед.
10. Матни худро ҳамчун матни бегона таҳрир кунед

## Даҳ банди зер бошад, роҳнамо барои амал кардан аст. Муваффақ шавед!

1 **Шумо бояд қисса дошта бошед. Дар бораи он фикр кунед.**

2 **Қиссаи худро ҳадди ақал ба се нафари мухталиф нақл кунед (беҳтар аст, агар теъдоди онҳо бештар бошад).**

3 **Дар қоғаз устухонбандии қиссаи худро таҳия кунед. Дар як ҷумла нависед, ки қиссаи шумо дар чӣ бора аст. Дар чанд сархат нависед, ки чӣ аз пайи чӣ меояд.**

4 **Ҳар чизеро, ки вобаста ба мавзуи худ пайдо мекунед, бихонед, бишнавед, бубинед.**

5 **Истироҳат кунед. Сайругашт кунед, ба варзиш машғул шавед.**

6 **Ба навиштан шуруъ кунед. Ба болои “устухон”-и идеяатон “гӯшту пӯст” бикашед.**

7 **Ҳангоми навиштани қисса ҳеҷ чизи дигареро нахонед, тамошо накунед ва нанависед.**

8 **Ба матни худ нуқта гузоред. Онро як сӯ монед. Ба он дилсардӣ эҳсос кунед.**

9 **Матни навиштаи худро боз кунед, ба он ҳамчун ба матни бегона нигоҳ кунед. Ба таҳрир оғоз намоед. Бераҳмона чизҳои зиёдатиро ҳазф кунед. Сабкро ҳамвор кунед.**

10 **Матни худро боз як бори дигар бихонед. Чашмҳоятонро нимпӯш кунед. Онро нашр кунед.**

# СТОРИТЕЛЛИНГИ ДИДОРӢ

**МУАЛЛИФ:** Айзада Тома (Қирғизистон), мутахассис оид ба дидорисозии додаҳо

**МЕТОДИКА:** лексия, семинар, дарсҳои амалӣ

**РАВИШ Ё УСУЛИ ДАРС:** Ҳадафи ин курс ғанӣ гардонидани донишу малакаҳои донишҷӯён дар самти сторителлинги дидорӣ мебошад. Онҳоро бо принсипҳои дизайн, композитсия ва кор бо рангҳо шинос мекунад. Ба ғайр аз ин, дар мавриди кор бо платформаҳои гуногун барои таҳияи дидорисозӣ тавсияҳо медиҳад.

**ДАВОМНОКӢ:** 5 соати академии дарсҳо дар аудитория; 10 соат кори мустақилона

**МАВОДИ ЗАРУРӢ:**
Барои омӯзгор: экран, проектор, ноутбуки пайванд ба Интернет барои нишон додани мисолҳо. Барои донишҷӯён: ноутбук/смартфони пайванд ба Интернет барои мутолиаи адабиёти тавсияшуда ва иҷро кардани вазифаҳои амалӣ.

**АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ:**

**Дар мавзуи “Қонунҳои композитсия”:**

Матлаби иловагӣ оид ба принсипҳои Гешталт: https://thoughtbot.com/blog/gestalt-principles
Дар бораи тароҳии ҳамоҳангшудаи дидорисозӣ: http://vanseodesign.com/web-design/web-design-harmony-concept-conveyance-and-theme/

**Маълумоти бештар дар мавриди композитсия дар дигар навъҳои дидорисозӣ**:

Акс: https://foto-like.ru/kompoziciya-v-fotografii/
Видео: https://www.provideomontaj.ru/osnovnye-pravila-kompozicii-v-video/
Дар бораи назарияи композитсия. Китоби О.Л. Голубева “Асосҳои композитсия”-ро мутолиа кунед. https://studfiles.net/preview/6379660/

5

**Дар мавзуи “Кор бо рангҳо”:**

Дар мавриди назарияи ранг: https://en.wikipedia.org/wiki/Color_theory
Назарияи ранг барои тарроҳон:
https://www.smashingmagazine.com/2010/01/color-theory-for-designers-part-1-the-meaning-of-color/
Назарияи ранг аз Design School: https://www.canva.com/colors/color-wheel/
Назарияи ранг аз Hubspot: https://blog.hubspot.com/marketing/color-theory-design#sm.0000b2d5sjq45dd0qmr2bvxpdxttz
Роҳнамои сода барои сомонасозон:
https://www.smashingmagazine.com/2016/04/web-developer-guide-color/

**Дар мавзуи “Абзорҳои қиссаҳои дидорӣ”**

Павел Богачев «Графикаҳое ки ҳамаро қоил мекунанд»
The Visual Display of Quantitative Information, Edward R. Tufte
Visual Explanations: Images and Quantities, Evidence and Narrative, Edward R. Tufte
Дастурамали видеоӣ вобаста ба истифодаи захираи Canva ба забони англисӣ ё дастурамали матнӣ бо забони русӣ (https://texterra.ru/blog/kak-sozdavat-vizualnyy-kontent-s-pomoshchyu-udobnogo-i-deshevogo-instrumenta-canva.html)
Дастурамали кор бо Datawrapper: https://bit.ly/3khlhU0
Дастурамали видеоӣ оид ба таҳияи матолиби гуногун: http://tilda.education/tutorialsonepagesite
Барои танзими видео: http://softcatalog.info/ru/obzor/programmy-dlya-montazha-video
Ҳадамоти онлайнӣ барои сохтани файлҳои GIF: https://gifmaker.me/
Боз 7 сервиси дигар барои таҳияи инфографикаи видеоӣ: https://texterra.ru/blog/7-luchshikh-servisov-dlya-sozdaniya-video-infografiki.html
Қиссаҳои бештари дидоришударо инҷо пайдо мекунед: http://visualstory.ru/video/
Лонгридҳои бештареро инҷо пайдо мекунед: https://monocler.ru/16-longridov-kotoryie-hochetsya-peresmatrivat-i-perechityivat/

# ДАРСИ 1.
# Сторителлинги дидорӣ чист?

**Мавзуъҳо:** Мафҳуми сторителлинги дидорӣ. Чаро матлаби дидорӣ муассиртар аст? Қоидаҳои асосии сторителлинги дидорӣ

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Чаро матолиби дидоришуда нисбат ба матн таваҷҷуҳро бештар ҷалб мекунанд? Шакли кор: муаррифӣ (презентат-сия), саволу ҷавоб, муҳокимаронииҳои умумӣ.

**Кори амалӣ:** Рейтинги 10 шакли сторителлинги дидории муваффақро, ки дар кишвари шумо истифода шудаанд, тартиб бидиҳед. Таҳлил кунед ва бигӯед, ки чаро онҳо муваффақ шудаанд?

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# 1. Сторителлинги дидорӣ чист?

Сторителлинги дидорӣ (визуалӣ) яке аз муассиртарин роҳҳои ба аудитория расонидани иттилоъ мебошад. Сторителлинг ихтирои нав нест. Тавассути қиссаҳо ҳикмату урфу одатҳо аз насл ба насл мегузаранд. Қиссаҳо ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагӣ ва фарҳанги мардумон аст.

Ба ёд биёред, ки чӣ гуна дар кӯдакӣ ба мо афсона мегуфтанд. Драматургу коргардонҳо тавассути эҷодиёти худ қиссаҳоро ба мо манзур менамоянд. Ҳоло бошад, бо шарофати технологияҳои муосир ҳар як нафар метавонад қиссаи дидории худро пешниҳод созад.

## Сторителлинги дидорӣ барои чӣ лозим аст?

Қишри босира – бузургтарин қисмати мағзи сар мебошад. Тибқи тадқиқотҳо, хотираи одами муқаррарӣ пас аз се шабонарӯз танҳо 10%-и шунидаҳояшро ҳифз менамояд. Вале агар маълумот бо унсурҳои дидорӣ ҳамроҳ бошад, ин нишондиҳанда то 65% афзун мегардад.




*Sight 1250 Mb/s,*
*Sense of touch 125 Mb/s*
*Hearing and Smell 12.5 Mb/s*
*Taste*

Физикдони фаронсавӣ Тор Норретрандерс қобилияти ғунҷоиши эҳсосоти моро ба истилоҳоти компютерӣ интиқол додаст – қобилияти ғунҷоиши идроки дидорӣ айнан мисли шабакаи компютерӣ мебошад.

Бо гузашти ҳар сол фурсати коркарди маълумот дар майнаи сар кам мешавад:

- Соли 2012 – 12 сония
- Соли 2015 – 9 сония
- Соли 2016 – 8 сония

## Мисол:

**Талафоти Наполеон ҳангоми лашкаркашӣ ба Русия**

Соли 1812 Наполеон тасмим гирифт, Русияро забт кунад ва неруҳои худро ба Маскав фиристод, аммо тавре аз таърих медонем, ин лашкаркашӣ фалокатбор шуд: аз 470 000 сарбози ин лашкар бозгашт танҳо ба 10 000 нафар муяссар шуд.

Моҳи июн артиши Наполеон марзи Русияро убур кард ва тавассути чор пул дар назди Ковно гузариш аз дарёи Неманро оғоз намуд. Қушунҳои маршалҳо Жак Этйен Макдоналд ва Никол Удино аз неруҳои асосӣ ҷудо гардиданд. Онҳо бо Наполеон танҳо ҳангоми ақибнишинӣ ҳамроҳ шуданд. Дар ҳамин ҳол, на номи маршалҳо ва на номи Наполеон ёдрас карда намешаванд, зеро Минар дар рисолаи худ на ба тақдири саркардаҳои ҷангӣ, балки ба сарбозони оддӣ тамаркуз менамояд. 100 000 сарбози фаронсавии пас аз юриши семоҳа ва муҳорибаи Бородино ҷон ба саломатбурда то Маскав мерасанд ва бе ҳеҷ муборизае онро мегузоранд. Ва ғайраву ҳоказо...

Дар кадом ҷумла хонандаи ба шахсияти Наполеон ва ё қиссаи лашкаркашиҳои ӯ бетаваҷҷуҳ хондани ин матлабро қатъ мекунад?

Дар акси поин дидорсозии (визуализатсияи) Чарлз Ҷозеф Майнард (Charles Joseph Minard)-ро мебинед.

Дар ин тарҳ ба таври нақшавӣ масири рафту баргашти артиши Наполеон тасвир мешавад. Фарохии хат ин ҷо ифодагари теъдоди сарбозон ва ранг бошад, самтро нишон медиҳад (сурх ба самти Маскав ва сиёҳ - бозгашт). Дидорсозӣ ҳамагӣ дар чанд сония ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки ин лашкаркашӣ то чӣ ҳад номуваффақ буд.



Намунаҳои дигари дидорсозиро инҷо бубинед[1].

[1]https://awdee.ru/10-best-data-visualizations/

# 2. Чаро матлаби дидорӣ муассиртар аст?

Владимир Хомиченко, муаллифи методикаи Smarte-commercemarketing дар мавриди[2] муассир будани дидорсозӣ чунин маълумотро пешниҳод мекунад:

- Навиштаҳо дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук, ки дар шакли тасвирӣ пешниҳод мешаванд, дар қиёс ба навиштаҳои бидуни акс ду баробар бештар корбаронро ба худ ҷалб мекунанд.
- Матолиби суратдор нисбат ба матлабҳои бидуни таркиби дидорӣ ду баробар хонандаи бештар доранд.
- Унсурҳои дидорӣ на танҳо матлабро ҷолиб месозанд, балки ба аудитория кӯмак мекунанд, то шуморо дар хотир бигиранд ва ин ба шинохт дар интернет таъсири мусбат мерасонад.

Ҷаҳон ба сӯи олами рақамӣ ҳаракат дорад ва мо абзорҳои сторителлинги дидориро ҳарчӣ бештар истифода мекунем. Аз ин рӯ, донистани қоидаҳои асосие, ки имкон медиҳад қиссаи хуб таҳия шавад, муҳим аст.

Биёед аз қоидаҳои асосии сторителлинги дидорӣ суҳбат мекунем[3].



**1. Таасуроти аввал – ин ҳама чӣ аст.**
Майнаи мо барои хулосабарории фаврӣ барномарезӣ шудааст – дар ҷараёни эволютсия ва интихоби табиӣ, он одаме зинда мемонд, ки ба аввалин нишонаҳои хатар вокуниш нишон медод. Ҳангоми таҳияи қиссаи дидорӣ ба оғози он – ба чизе, ки тамошобин дар навбати аввал мебинад, таваҷҷуҳи бештар кардан хеле муҳим аст. Агар қиссаи дидорӣ миёна ва ғайрикасбӣ ба назар ояд, пас ба тамошобин сонияҳои башумор кофист, то тасмим бигирад, ки иттилои ин дидорсозӣ қобили таваҷҷуҳ нест. Акси аввале, ки тамошобин дар қиссаи дидорӣ мебинад, барои он хизмат мекунад, ки бинандаҳоро ба худ кашида, таваҷҷуҳи онҳоро ҷалб созад ва фазои лозимро ба вуҷуд биёварад.

**2. Қиссаро нақл накунед, балки онро тавассути нақш ва ташбеҳҳои равшану рангин нишон бидиҳед.**
Мо метавонем дар мавриди стрессҳо дар ҷои кору сарбориҳо, ки аз он андешаҳо ба маънии томаш дар сар намеғунҷанд, дуру дароз гап занем. Вале низ метавонем нафареро тасвир намоем, ки дар сараш чойник дар ҳоли ҷӯшидан аст.

*Манбаъ:* Дар ҳамоҳангӣ бо худ

**3. Сужаро дар хотир дошта бошед – ҳар қиссае оғоз, васат ва анҷом дорад.**
Дар оғози қисса вазъро тасвир мекунем: кӣ, чӣ ва кай? Баъдан рӯйдоде ба амал меояд, ки бо он кулли қисса кушода мешавад ва он ба нуқтаи авҷ мебарад. Лаҳзаи кулминатсионӣ метавонад дар миёна ва ё наздик ба охири он ҷой дода шавад, ин қуллаи равоқи сужа аст, вақте қаҳрамон дар лаҳзаи гардишии тақдир қарор мегирад: ба мақсадҳояш мерасад, дар набард ғолиб меояд ва ё ба ҳақиқат даст меёбад. Баъдан, равоқ таназзул меёбад, кушоиш ва анҷом фаро мерасанд.



[2]https://khomichenko.com/en/strategy/47-blog/uvelichenie-konversii/130-kak-effektivno-ispolzovat-vizualnyj-storitelling
[3]https://visme.co/blog/visual-storytelling-rules/




*Манбаъ: spark.ru*

**4. Одамон одамонро дӯст медоранд**
Одамон дар қиссаҳои дидорӣ таваҷҷуҳбарангезанд ва нисбат ба ашёҳои беҷон таваҷҷуҳи бештарро ба худ мекашанд. Қаҳрамони худро биёфаред ва ба сафар дар масири қиссаи худ равонаш кунед.

**6. Ҷаззобияти дидорӣ дар қисса ниҳоят муҳим мебошад, аммо аз ҳама асос дар қисса пайғом аст.**
Бори қиссаи дидории худро зиёд вазнин накунед, зеро самти дурусти таваҷҷуҳи мухотабонро нигоҳ доштан зарур аст. Тасвирҳоро тавре бандубаст кунед, ки унсурҳои аз ҳама муҳими қисса барҷаста аён гарданд.

**5. «Домҳои дидорӣ» - нақшҳои ҷаззоби дидориро истифода намоед**
Нақшҳои муассир на танҳо бинандаро шод мекунанд, балки узвҳои ҳисро низ ангезиш мебахшанд. Нақшҳои муайян дар қиссаи дидорӣ метавонанд тамошобинро ба эҳсосоти гарм, хотироти хуши гузашта ё хатар водор намоянд, ки бӯю тамъҳо ва садоҳоро ба ёд биёрад.



*Манбаъ:* www.parkerwilliams.co.uk

# ДАРСИ 2.

# Композитсия дар инфографика

**Мавзуъҳо:** Қонунҳои композитсия ва рангҳо. Чор сутуни асосии Гешталт дар дидорисозӣ.

**Кори амалӣ:** 10 намунаи дидорисозии номуваффақро муаррифӣ кунед. Шарҳ бидиҳед, ки дар онҳо кадом принсипҳои композитсия вайрон шудаанд. Ба андешаи шумо чиҳоро беҳтар кардан имкон дошт?

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

**Бо маълумотҳои дарс бо нохун задан рӯи пайванд ва ё тавассути рамзи QR шинос шуда метавонед:**

Қисмҳои 1

Қисмҳои 1

# Қиссаи ҷолиб таҳия мекунем (қонунҳои композитсия ва рангҳо)

**Композитсия** – ин санъати ҷобаҷокунонии унсурҳо дар дидорсозӣ барои баланд бардоштани таъсирнокии он мебошад.

Панҷ қонуни эътирофшудаи композитсия мавҷуд аст:

1. Қонуни кулл — қисматнашавандагии куллро ифода менамояд;
2. Қонуни таносубҳо муносибати байни қисматҳое аз куллро мувофиқи андоза нисбат ба якдигар ва ба кулл муайян менамояд;
3. Қонуни мутаносибӣ ҷойгиршавии қисматҳое аз куллро муқаррар менамояд;
4. Қонуни ритм хусусияти такроршавӣ ё пайи ҳам омадани қисматҳое аз куллро ифода менамояд;
5. Қонуни асос дар маҷмуъ нишон медиҳад, ки қисматҳое аз кулл атрофи чӣ муттаҳид шудаанд.

# Композитсия дар инфографика. Равиши Гешталт.

Биёед, ба чор хусусияти асосии Гешталт дар дизайн, ки дар китоби “Дизайн барои чашми одамӣ” (WebUIDesignfortheHumanEye) оварда шудаанд, назар меандозем[4].

## 1. Зуҳур

Шумо дар тасвири поён чиро мебинед? Доғҳои сиёҳро рӯи сафҳаи сафед ё саги далматиниеро, ки роҳро бӯй мекашад? Бале, новобаста ба он ки тарҳи дақиқе мавҷуд нест, шумо сагро дидед. Чаро чунин мешавад?

[4]https://www.uxpin.com/studio/blog/new-e-book-web-ui-design-human-eye-colors-space-contrast/



Манбаъ: «Emergence» creativemarket.com

**Дар талоши муайян кардани объект.** Мо аввал талош мекунем, тарҳи суроби объектро мушаххас намоем, пас онро бо ашёҳои ошно муқоиса менамоем. Танҳо пас аз ин мо мушоҳидаи ҷузъиёти объект, қисматҳои алоҳидаи онро шуруъ мекунем.

Ҳамин тавр, дар инфографика шаклҳо ва тарҳҳо бояд бар ҷузъиёти кучак афзалият дошта бошанд – ҳатто агар ин ҷузъҳо ҷолибу шавқовар ҳам бошанд. Муҳим нест, ки шумо тасвири ғайриоддии одамро пайдо кардаед – агар хонанда нафаҳмад, ки ин одам аст, дидорсозӣ маънии худро гум мекунад. Дар хотир дошта бошед, ки амалкард муҳимтар аз ҳусн аст.

## 2. Илова



Манбаъ: «Gestalt Principles Composition» Wikipedia.

Шумо суроби сафеди мукаабро дидед-ку? Аммо охир вай он ҷо нест! Майнаи сари мо ҷиҳати «пурра кардани фосилаҳои холӣ»-и иттилооти мавҷуднабуда барномарезӣ шудааст. Ин имкон медиҳад нақшҳои дидорӣ, ҳатто агар онҳо норавшан бошанд ё пурра дида нашаванд ҳам, дарк карда шаванд.




Манбаъ: «Reification» Wikipedia.

Ҳанӯз ки иттилооти кофӣ барои иртибот бо объект мавҷуд аст, хонанда метавонад боқимондаашро «бубинад» ва пурра созад. Фазои холии манфиро эҷодкорона истифода кардан ва онро боз чун як воситаи дизайн баррасӣ намудан мумкин аст, чун дар мисоли зер:




Манбаъ: pinterest.se

# 3. Чандсуботӣ

Мурғобӣ ё харгӯш? Шумо аввал мурғобиро дидед, сипас харгӯшро. Ё баръакс. Ва акнун онҳоро бонавбат мебинед. Ин хусусияти идроки мо мебошад – чандсуботӣ.

Агар объект беш аз як таъбир дошта бошад, майнаи сар ин таъбиротро яке паси дигар дида мебарояд, зеро наметавонад аз онҳо якеро интихоб намояд, аммо тавони якбора дидани ҳардуи онҳоро низ надорад. Бинанда ҳар қадар бештар ба яке аз таъбирҳо тамаркуз намояд, он ҳамон андоза бартарӣ пайдо мекунад.

Ин зуҳурот асоси назарфиребиҳои зиёди маъруфи оптикӣ мебошад:



*Манбаъ: «Duck Rabbit Illusion» Wikipedia.*



*Манбаъ: «My Wife and Mother in Law» Wikimedia.*



*Манбаъ: «Optical illusions. Hidden face» Pinterest.com*




*Манбаъ: Minimalist Poster: Sherlock*



*Манбаъ: peopleofprint.com*



*Манбаъ: pinterest.se*

Дидорсозиҳои бештарро шумо ин ҷо пайдо мекунед.

https://visme.co/blog/minimalist-movie-posters/
https://www.pinterest.ca/BrittinOak/minimalist-poster-design/
https://www.pinterest.com/jemila5/minimal-poster/

Ин хусусияти аҷиби майнаи сарамон ҳамзамон метавонад бо дидорсозии мо шӯхии нохушоянде ҳам кунад. Бинобар ин, аз таъбироти зиёд худдорӣ кунед. Батакрор бисанҷед, ки лоиҳаи шумо ҳамон тавре ба назар меояд, ки мехостед онро бубинанд, чунки дар акси ҳол метавонад он хиҷолатмандие шавад, ки бо ороишоти солинавии яке аз шаҳрҳо ба вуқуъ пайваст.




*Манбаъ: youcomedy.me*

# 4. Тағйирнопазирӣ

Тағйирнопазирӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тафовут дар дидгоҳ, зовияи дид, андоза ё ҳатто тағйири андаки шакл мо суроб ва қолаби объектҳоро ташхис медиҳем. Дар мисолҳои боло мо метавонем объектҳои гурӯҳҳои A ва B-ро фарқ намоем, ҳарчанд онҳо монанданд. Аммо инчунин мо мефаҳмем, ки ҳатто дар шакли таҳрифшуда низ объектҳои гурӯҳи A ончуноне ҳастанд, ки дар гурӯҳҳои C ва D мебошанд.




*Манбаъ: «Invariance» Wikimedia.*

# ДАРСИ 3.

# Панҷ принсип дар дизайн

**Мавзуъ:** Панҷ принсипи Гешталт дар дизайн (тарроҳӣ).

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Инфографикаҳои ВАО-и маҳаллиро таҳлил намуда, бигӯед, ки оё онҳо ба принсипҳои дизайн мувофиқат мекунанд ё не.

**Кори амалӣ:** Дар мавзуи “Амалкарди донишҷӯёни факултети рӯзноманигорӣ” дар барномаи Canva инфографика таҳия кунед.

# 5 принсипи Гештaлт дар дизайн, ки тарроҳ Кэролан Боннер ҷудо кардааст:[5]:

## 1. Гурӯҳбандӣ

Унсурҳои гуногунтаркибро метавон гурӯҳбандӣ кард, то ин ки монанди ҳам ба назар биёянд. Дар дидорсозӣ ду намуди асосии гурӯҳбандии композитсионӣ мавҷуд аст:

### Гуруҳбандӣ аз рӯи наздикӣ

Агар унсурҳо наздик ба якдигар ҷойгир шуда бошанд, пас онҳо ҳамчун бахше аз гурӯҳ қабул карда мешаванд, на унсурҳои алоҳида:




Дар заминаи ин инфографика сухан дар бораи даҳ оила меравад. Воҳиди «оила» аз ҳисоби хеле наздик ба ҳам ҷойгиршавии тасвирчаҳои мард ва зан ба вуҷуд оварда мешавад – **дар натиҷа, хонанда ҷуфтро ҳамчун як воҳид қабул мекунад.**

### Гурӯҳбандӣ тибқи минтақаи умумӣ

Ҷудо кардани унсурҳо – боз як роҳи нишон додани алоқаи байни онҳост. Ҳар як унсур дар минтақаи ҷудошуда ҳамчун қисме аз кулл, қисми ин минтақа қабул карда мешавад:

Ин инфографика ҳамроҳ бо муқаддима ба чор қисмат тақсим шудааст – бо шарофати он ки иттилоъ дар минтақаҳои бо ранг ҷудошуда ҷойгир аст, ба хонанда тамаркуз ба иттилои пешниҳодгардида осонтар мешавад.




*Манбаъ: Айзада Тома для kloop.kg*

[5]https://thoughtbot.com/blog/gestalt-principles?source=post_page

Дар мисоли Facebook истифодаи принсипҳои гурӯҳбандӣ тибқи минтақаи умумӣ ва наздикиро ба хубӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳама муҳтавои пост – сарлавҳа, тасвир, тавсиф, шарҳҳо ва ғайра – ҳама дар як блок, ки бо истифода аз шакл-манзар (дар бораи он поинтар суҳбат мекунем) онҳоро аз манзари нисбатан хокистарранг ҷудо кардаанд, ҷойгир шудаанд. Чунин унсурҳои пост ба монанди «Писанд аст», «Шарҳ додан» ва «Бо ҳам дидан» («Нравится», «Комментировать» и «Поделиться») дар наздикии бевосита қарор доранд, ки баёнгари воситаҳои ҳамбастагии онҳо бо ин пост аст.

Намунаи хуби гурӯҳбандӣ сомонаҳои хабарӣ мебошанд. Ин ҷо тибқи наздикӣ ва минтақаи умумӣ метавон дарк кард, ки матолиби муайян ахбор ҳастанд, дигар сармақола ва ғайра.




*Манбаъ:* facebook.com




*Манбаъ:* kloop.kg

# 2. Шабоҳат

Мо объектҳои дорои унсурҳои умумиро тавре қабул мекунем, ки гӯё онҳо бахшҳои якдигар бошанд. Ин ҷо шакл, ранг, андоза, таркиб ё ҳар унсури дигари дидорӣ ба сифати «унсурҳои умумӣ» хизмат карда метавонанд.

Дар мисоли лавҳаи идоракунии онлайн-абзор барои эҷоди инфографикаҳо piktochart.com метавон дид, ки нишонҳои навигатсия ҳархела мебошанд. Аммо шабоҳати ранг, андоза, фосила ва ҷойгиршавии нишонҳо имкон медиҳад тахмин намоем, ки ҳар нишон як зинаи навигатсияро пешниҳод менамояд.




*Манбаъ:* piktochart.com

# 3. Муттасилӣ

Мо ҳамчун муттасил таъбир кардани иттилои дидориро афзал мешуморем. Агар ба самти мушаххас назар дӯхтанро оғоз намоед, шумо ин амалро идома додан мегиред, то оне, ки ба ягон монеа дучор нашавед ё дарк намоед, ки дар ин самт пасон дигар чизе нест.

Дар дидорсозии зерин бинандагон хатҳои рост ва каҷро қабул мекунанд, на хатҳои каҷи сиёҳ ва сабзро.



*Манбаъ:* designcontest.com

*Манбаъ:* www.ibm.com

Инчунин, бо логотипи маъруфи IBM низ ин принсип кор мекунад — ҳамагон ҳарфҳои яклухтро қабул доранд, на ин ки маҷмуи хатҳои рост ва шаклҳои геометриро.

# 4. Робитаи шакл ва пасманзар

Мо таваҷҷуҳи босираро ба кор андохта, шаклро аз пасманзар ҷудо менамоем. Шакл бахше аз композитсия маҳсуб мешавад, ки мо ба он таваҷҷуҳ менамоем. Ҳамаи унсурҳои дидорсозӣ ҳамчун шаклҳо (унсурҳои алоҳидаи мавриди тамаркуз) ё асос (пасманзаре, ки шаклҳо ҷойгир шудаанд) қабул карда мешаванд. Зимни офаридани дидорсозӣ боварӣ ҳосил намоед, ки унсури асосии инфографикаи шумо аз ҷониби хонандагон ҳамчун шакле қабул мегардад, ки ба он дар навбати аввал таваҷҷуҳ кардан зарур бошад.




*Манбаъ:* nike.com

Бештар дар бораи робитаи шакл ва пасманзар шумо метавонед аз ин ҷо бихонед:

https://www.smashingmagazine.com/2014/05/design-principles-space-figure-ground-relationship/

# 5. Итмоми тасвир

Мо ба он қодир ҳастем, ки аз қисматҳои пароканда як чизи оддии кулл ба вуҷуд биёрем, то тасвири қобили шинохт ҳосил кунем. Бо истифода аз ин принсип дар дизайн боварӣ ҳосил намоед, ки шумо ба хонанда барои дарки дурусти тасовири дидорӣ ба қадри кофӣ иттилоъ пешниҳод кардаед. Итмом дар робитаҳо ба кор бурда мешавад, то фосилаҳоро дар чорчӯби амалҳо пурра намуда, маънӣ ба вуҷуд оварад.



*Манбаъ:* moillusions.com

Тавъамии хусусиятҳои асосӣ: зуҳур, илова, чандсуботӣ ва тағйирнопазирӣ бо принсипҳои боз ҳам нозуктар: шабоҳат, итмом, робитаи шаклу пасманзар ва ғайра барои инфографикаи шумо дараҷаи комилан нави дизайни дидориро мекушоянд.

# ДАРСИ 4.
# Кор бо ранг

**Мавзуъҳо:** Чаро дар интихоби ранг ҳангоми дидорисозӣ бояд эҳтиёткор буд? Доираи рангӣ чӣ аст?

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Рангҳои истифодашуда дар рамзҳои миллии кишвар: чиро шумо иваз мекардед? Шакли муҳокима: баҳсу баррасии умумӣ.

**Кори амалӣ:** Чор ранги асосии дидорисозии ояндаи худро барои мавзуъҳои зер интихоб кунед:

1. Маъракаи хайрия барои ҳифзи камбизоатҳо;
2. Рекламаи бонк;
3. Симпозиуми байналмилалии табибон;
4. Маълумоти оморӣ оид ба мушкилоти экологии шаҳри шумо.

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Кор бо ранг

Ранг ин абзори қавии дидорсозӣ мебошад. Он нигоҳро ҷазб мекунад, эҳсосот ба вуҷуд меорад, маънӣ мебахшад. Он метавонад дидорсозии шуморо ба сатҳи нав бардорад ва ҳам метавонад онро нобуд намояд.

Барои баъзе маҳсулот 90%-и тасмимҳои шитобкоронаро одамон зимни хариди ин ё он мол бо такя ба ранг мегиранд. Чунин нишондиҳанда дар тадқиқоти “Таъсири ранг ба маркетинг”[6] оварда шудааст.

> Истифодаи муассири рангҳо дар дидорсозӣ нақши калон мебозад. Аммо ҳосил кардани таркибҳои гуногуни рангӣ кори осон нест. Ҳар як тобиш маънии худро дорост ва миқдори беохири рангомезиҳо мавҷуданд.

Дар он ҳоле, ки баъзе рангҳо барои аудиторияҳои гуногун ифодаи умумии якхела доранд, дигар рангҳо дорои ин хосият нестанд. Сабз ба таври умум табиатро ифода менамояд, зеро он ранги рустаниҳост. Онро инчунин барои ифодаи рушд, таҳарруки мусбат истифода менамоянд. Ранги сурх дар фарҳангҳои гуногун ба таври мухталиф таъбир мешавад. Дар ғарб сурх ба оташ, хушунат ва ҷанг шабоҳат дода мешавад. Инчунин, он рамзи ишқ ва шӯру шавқ doниста мешавад. Аммо дар кишварҳое аз қабили Чин онро бо шукуфоӣ ва хушбахтӣ алоқаманд менамоянд.

Маълумоти бештареро дар бораи ифодаи ин ё он ранг дар фарҳангҳои гуногун метавонед аз (https://www.helpscout.com/blog/psychology-of-color/), пайдо намоед ва ҳамзамон, аз ин сомона метавонед оид ба психологияи ранг дар маркетинг ва брендинг низ иттилоъ бигиред.

Инчунин набояд ифодаи рангии мардон / занонро фаромӯш сохт. Чун анъана ин рангҳо кабуд / гулобӣ мебошанд, аммо дар дидорсозиҳои муосир пайваста аз ин дур мешаванд, мисле ки ақидаҳое чун «марди қавии дарёфткунанда» ва «нимаи заифи инсоният» мазмуни худро гум мекунанд. Дар тасвири поин шумо метавонед интихоби рамзҳои рангии гендериро дар нашрияҳои ғарб бубинед, аммо дар ин ҷо бошад — муфассал дар ин бора аз блоги datawrapper бихонед (https://blog.datawrapper.de/gendercolor/?fbclid=IwAR0S3XZ6LAb8Gt44ddjBZyDLK6EjR5l-YQck3ZV2yd7705B0ERPCOYuqBAQ)[7].




*Манбаъ:* blog.datawrapper.de

[6]http://marketingology.nl/wp-content/uploads/2015/03/impact-of-color-on-marketing.pdf
[7]https://blog.datawrapper.de/gendercolor/?fbclid=IwAR0S3XZ6LAb8Gt44ddjBZyDLK6EjR5l-YQck3ZV2yd7705B0ERPCOYuqBAQ

# 2. Доираи рангӣ



Баъзан барои дизайни инфографика дидорӣ кардани таркиби дурусти рангҳо душвор аст. Дар он ҳол доираи рангӣ кӯмакрасонамон мешавад. Чанд принсипи асосии мувофиқати рангҳо дар доира мавҷуд аст.

1. Истифодаи рангҳои таззод – он рангҳое, ки дар муқобили якдигар қарор доранд. Тибқи назарияи рангҳо ҳар як ранги гарм бо ранги сарди акси он ба таври ҳамоҳанг мувофиқат менамояд. Бо истифода аз доираи рангӣ ин ҷуфтҳоро ба осонӣ метавон муайян кард. Аммо ин ҷо бояд эҳтиёткор буд – истифодаи таззодро аз ҳад нагузаронед!



2. Тавъамкунии се ранг аз маҷмуи рангҳо, ки дар масофаи якхела аз якдигар ҷойгир шудаанд (дар қуллаҳои секунҷаи баробартараф), тавре ин дар расм нишон дода шудааст, тақрибан роҳест бебохт. Инчунин мебояд як ранги бартарро интихоб намуд, дуи дигар бошанд, ранги асосиро тобиш мебахшанд ва пурра менамоянд.



3. Таркибсозии рангҳои наздик, ки дар доираи рангӣ дар ҳамсоягӣ ҷойгир мебошанд. Ин ҷо мебояд ранги асосӣ, пурракунанда ва ҷилои таъкидиро интихоб кард ва дар ин маврид ҳатман тобишҳои аз рӯи равшанӣ гуногуни рангро истифода намуд.



4. Тавъамкунии як ранг – ин ҳамоҳангӣ дар дохили як нури доираи рангӣ, тавъамкунии ҷилоҳои гуногуни як ранг мебошад. Ин ҷо асосаш – аз болои чанд тобиш гузаштан, нагирифтани ду тобиши равшан ё ду тобиши тира мебошад – онҳо омехта мешаванд.

Ин ҷо якчанд сомонае, ки метавонед илҳом бигиред ва дидорсозиҳои худро бо такя ба намунаҳои тавъамсозии рангҳо эҷод намоед:
https://dribbble.com/
https://www.behance.net/

Интихоби васеи тавъамнамоии рангҳоро метавонед ин ҷо пайдо намоед: https://www.materialui.co/colors

Аммо таркиби тайёри рангҳоро метавонед ин ҷо интихоб кунед: https://flatuicolors.com/

# ДАРСИ 5.

# Абзорҳои қиссаҳои дидорӣ

**Мавзуъҳо:** Интихоби шакли дидорисозӣ ба чӣ вобаста аст? Навъҳои дидорисозӣ.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Кадом шакли дидорисозӣ ба ман бештар наздик аст ва чаро? Муҳокимаи умумӣ.

**Кори амалӣ:** Бо истифодаи яке аз шаклҳои дар дарс муаррифишуда қиссаи дидорӣ таҳия кунед (беҳтар аст донишҷӯён платформаҳои навро истифода кунанд, на Canva-ро).

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

**Шакли дидорие**, ки қисса бо он пӯшиш дода мешавад, метавонад гуногун бошад. Шояд истифодаи навори аниматсионӣ ё силсилаи фактограмаҳо беҳтар бошад. Ё шояд қиссаи сомонавӣ, муаррифинома ё комикс. Дар кадом шакл пӯшиш додани пайғом ба ҳадафи ниҳоӣ, мухотабон ва ғайра вобаста аст.

**Қисмати дидории қиссаи шумо барои расонидани муҳит, бозкушоии мавзуъ ва ворид намудани корбар ба заминаи матлаб кӯмак менамояд.** Бияндешед, чӣ метавонист ба ифшои қисса кӯмак кунад. Ин эҳтимолан, барои мисол, фотосессия, ороишот ё инфографика буда метавонист. Таҳияи қиссаро оғоз намуда, дарҳол масъалаи эҷоди матлаби дидориро пеш гузоред.

Биёед дар бораи чанд шакли асосии дидорсозӣ суҳбат мекунем:

- Инфографика
- Лонгридҳо
- GIF, видео ё аниматсия

**Инфографика** — усули графикии пешниҳоди иттилоот, маълумот ва донишҳо, барои интиқоли дақиқи иттилооти мураккаб мебошад.

Инфографика дар тамоми бахшҳои фаъолият фаъолона ба кор бурда мешавад. Иттилоъ барои дидорсозӣ дар шаклҳои гуногун пешниҳод карда мешавад: карикатураҳо, расмҳо, диаграммаҳо, эмблемаҳо, ороишот, тарҳҳо.

Ду шакли асосии инфографика мавҷуд аст:

- Собит,
- Интерактивӣ

**Инфографикаи собит** – шакли барои дидорсозҳои навкор дастрастар ва барои мухотабон муассиртар мебошад. Мову шумо аллакай дида баромадем, ки одам иттилоотро ба таври дидорӣ хеле зудтар аз матн қабул менамояд. Дар чунин инфографика иттилооти дидорӣ аз маҷмуи пурраи нақшҳои тайёр ва ошно иборат аст, бинобар ин ба осонӣ қабул гардида, ба хотир гирифта мешавад.




**Источник:** Всемирная организация здравоохранения

*Манбаъ: Айзада Тома для kloop.kg*

Инфографикаи собитро ҳам бо кумаки онлайн-хадамот (Canva, Piktochart, Infogram), ва ҳам барномаҳои графикӣ (AdobeIllustrator) таҳия намудан мумкин аст.

Видео-дастур дар бораи чӣ тавр истфода кардани хадамоти Canva бо забони англисӣ
https://www.youtube.com/watch?v=XqYti78riU8

Дастури матнӣ бо забони русӣ
https://texterra.ru/blog/kak-sozdavat-vizualnyy-kontent-s-pomoshchyu-udobnogo-i-deshevogo-instrumenta-canva.html

**Инфографикаи интерактивӣ** — усули пешниҳоди графикии иттилоот мебошад, ки ба корбар имкон медиҳад бо инфографика иртибот намояд ва «вокуниши ҷавобӣ»-ро мушоҳида кунад. Ин яке аз ҷолибтарин, аммо мушкилтарин усули дидорсозии маълумот аст, ки он ҷо метавонад хатар низ ниҳон бошад – ба интерактивият зиёд такя намуда, набояд амалкардро фаромуш сохт.

Ин ҷо, мисоли дидорсозиҳои интерактивӣ:

Харитаи интерактивии интишори қарорҳои судии ҶҚ http://map.sot.kg/ru/?court_type=region&case_type=criminal&year=2018

Аҳолии Украина дар солҳои 1990-2018: https://cutt.ly/Zf5yWgF

Барои таҳияи чунин инфографикаҳо асосҳои барномасозӣ ва истифодаи барномаҳои вижа зарур мешавад.

Инфографикаи интерактивии оддиро инчунин бо кумаки онлайн-абзорҳо: Infogram, Datawrapper ва ғайра таҳия кардан ва дастрас намудани графикаи интерактивӣ бо роҳи дар сомона ворид кардани рамзи махсус мумкин аст: https://cutt.ly/jf5ymLK

Аксаран, инфографика накши илова ба матнро, ки минтақаи асосии иттилооти пешниҳодшавандаро дар бар мегирад, дорад.

Биёед чанд маҳсули кореро, ки донишҷӯён ҳамчун бахше аз корҳои тахассусӣ ё лоиҳаҳои ниҳоӣ таҳия кардаанд, баррасӣ менамоем.

Ба корҳои яке аз донишҷӯдухтарони Мактаби журналистикаи Донишгоҳи католикии Украина (Лвов), ки дар як расонаи Украина интишор шуда буданд, назар андозед. Ин мақолаҳо бахше аз кори дипломии ӯ ҳастанд:

Львів'яни проти транспорту (Лвовиҳо мухолифи нақлиётанд. Сокинони шаҳр барои чӣ нақлиёти ҷамъиятиро намеписанданд ва инро чӣ тавр бояд тағйир дод) https://cutt.ly/Rf5yPtu
Доситьжуватишмаркли! (Чӣ тавр дар Лвов бухрони боғчаҳои бачагонро паси сар мекунанд): https://zaxid.net/dosit_zhuvati_shmarkli_n1482342?fbclid=IwAR0I1Da1clvO3izrHc2IizyNIwkW433MfYxMbjQ-X91SE6kRW0YxU1MdEuc

Шакл — матн + инфографика: https://cutt.ly/Ef5ySMK
Унсури дидорӣ: Инфографика

Барномаҳо барои таҳияи чунин инфографика:flourish, infogram, piktochart.

Дигар намунаҳои дидорсозиро дар шакли матн + инфографика дар кишварҳои ИДМ метавонед бо истинодҳои зер пайдо намоед:

Таҳсилоти томактабӣ дар Қирғизистон. Чӣ аҳамияте дорад ва чаро ба ҳама намерасад: https://bit.ly/2SqG7Ux

Инфографика: ВИЧ-сироят дар Қирғизистон дар 20 сол: https://bit.ly/2GCzJXK

Инфографика дар бораи экологияти интернет-банкинг: https://bit.ly/3jo3jhY

Идҳои майӣ ва «харид»-ҳои пешазсолинавӣ. Кай ва дар куҷо белорусҳо дар марз бештар истодаанд?:
http://auto.tut.by/news/exclusive/484889.html

Белорусро бо кишварҳое, ки 20 сол қабл соҳибистиқлол гардиданд, муқоиса мекунем: https://bit.ly/3nf3wX5

G20 чӣ сохторе дорад: https://bit.ly/3iwOQz0

220 тонна хун аз 91 ҳазор белорус: инфографика ба ифтихори Рӯзи ҷаҳонии донор: https://bit.ly/2HULitS

# 1. Лонгридҳо

**Лонгрид** – маводи бисёрсаҳфагӣ мебошад, ки бо шарофати матн ва унсурҳои интерактивӣ: ороишот, иқтибосҳо, инфографика, видео, поварақҳо имкон медиҳад комилан ба мавзуъ фурӯ рафта шавад.

**Лонгрид** – маводи калонҳаҷмест, ки хеле хуб саҳифабандӣ шудааст ва муҳтавои гуногуншакл (матн, расм, ҷузъҳои интерактивӣ) дорад.

Ба намунаи олии лонгрид бингаред — «Рӯзе, ки ҷанг оғоз шуд»: https://www.kommersant.ru/projects/june22

Лонгридҳои бештарро барои илҳом гирифтан метавонед ин ҷо дарёбед: https://bit.ly/3nhDKBq

Барои он ки чунин матлаб таҳия намоед, донистани web-дизайн шарт нест, кор бурда тавонистани амалкардҳои барномаи тарроҳии сомонаҳои махсус, масалан аз қабили Tilda кофист.

Ин абзори вижа барои онлайн-рӯзноманигорӣ барномаи тарроҳии лонгридҳо ва қиссаҳои интерактивӣ мебошад. Қиссаҳои зиёд ба шарофати ин барномаи тарроҳӣ таҳия шудаанд.

Чизе ноустувортар аз аввал будан нест
http://top-biathletes.tilda.ws/?fbclid=IwAR2Uq77dFgeVK1WHaAzbYSeqrNs1aKyP1TqnezvvJrKxOh6my_fy4P54C4Q

Зиндагӣ ва марг дар ипподроми «Ак-Кул»
https://kloop.kg/t/jizn_smert_ippodrom/

Пеш аз оғози кор бо ин барномаи тарроҳӣ ба шумо тавсия менамоем, ки видео-дастур оид ба таҳияи намудҳои гуногуни матлабро бубинед
http://tilda.education/tutorialsonepagesite

# 2. GIF, видео ё аниматсия

Мо аллакай маълум намудем, ки инфографикаи хушсифатро одамон нисбат ба матни хушк беҳтар ва зудтар қабул доранд. Видео ё аниматсия бошад, боз як қадам пештар аст. Дар он шумо матн, тасвир, ҳатто баъзан садоро ба ҳам меоред, то ки ба хонандагон ба ҳадди ниҳоӣ иттилоъ пешниҳод намоед.

Қариб дилхоҳ чунин дидорсозӣ дорои хати сужа мебошад, ки ба қисса мубаддал мешавад. Онҳо дар худ ҷанбаҳои зарурии техникӣ – ҳаракат, садо, матнро фаро мегиранд, ки қодиранд шавқу рағбатро бедор ва шахсро ҷазб намоянд.




*Манбаъ:* JumpStart.ge

Аммо бе доштани донишҳои вижа офаридани аниматсия ё видео ниҳоят душвор аст ва қимат ҳам ҳаст – амалан ҳама онлайн-хадамот оид ба таҳияи аниматсияҳо пулакӣ мебошанд.

Тавсия менамоем, ки тавзеҳи 7 хадамоти офаридани видео-инфографикаро бихонед: https://texterra.ru/blog/7-luchshikh-servisov-dlya-sozdaniya-video-infografiki.html

Видео-дидорсозиро аз матлабҳои видеоӣ ё расмҳои доштаи шумо низ офаридан мумкин аст – дар шакли слайд-шоу, мисле, ки як донишҷӯи Мактаби олии иқтисодӣ кардааст: Бурбулакҳо : https://portfolio.hse.ru/Project/25518

Барои таҳияи чунин матолиб шумо метавонед аз амалкардҳои мавҷудаи youtube истифода намоед, дар компютератон барномаи moviemaker-ро насб кунед (ҳамчунин нигаред ба тавзеҳи барномаҳо барои танзими видео) ё аз барномаҳои телефонатон (масалан, iMovie — барои Apple ва MovaviClips барои Android) кор бигиред
http://softcatalog.info/ru/obzor/programmy-dlya-montazha-video

Шумо метавонед барои офаридани GIF файлҳо аз онлайн-хадамот истифода ва онҳоро дар шакли GIF ё видео ҳифз намоед и https://gifmaker.me/

Қиссаҳои бештари дидориро метавонед аз ин ҷо дарёбед:
http://visualstory.ru/video/

# СТОРИТЕЛЛИНГИ ВИДЕОӢ

**МУАЛЛИФ:** Маҳпора Киромова (Тоҷикистон), журналист, продюсери лоиҳаи “Салом, ҳамсояҳо”

**МЕТОДИКА:** лексия, семинар, дарсҳои амалӣ

**РАВИШ Ё УСУЛИ ДАРС:** Ҳадафи курси мазкур омӯзиши принсипҳои асосӣ ва малакаҳои таҳияи қиссаҳои муваффақи видеоӣ мебошад.

**ДАВОМНОКӢ:** 5 соати академии дарсҳо дар аудитория; 12 соат кори мустақилона.

**МАВОДИ ЗАРУРӢ:**
Барои омӯзгор: экран, проектор, ноутбуки пайванд ба Интернет барои нишон додани мисолҳо. Барои донишҷӯён: ноутбук/смартфони пайванд ба Интернет барои мутолиаи адабиёти тавсияшуда ва иҷро кардани вазифаҳои амалӣ.

**АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ:**

Генри Кэролл “Шоҳкори худро сабт кун!”
Александр Лапин “Сурат ҳамчун...”
Марк Гейлер “Асосҳои композитсия ва суратгирии бадеӣ”
Уорд Питер “Композитсияи кадр дар кино ва дар телевизион”
Уилям Индик “Психология барои сенариянависон”.
10 китоб барои коргардонҳои танзим:
https://tvkinoradio.ru/article/article4199-10-knig-dlya-rezhisserov-montazha

**Қоидаҳои асосии наворгирӣ ва танзим дар дарси видеоӣ аз муаллифи ин курс**

6

# ДАРСИ 1.

# Кадом омилҳо қиссаи видеоиро муваффақ мегардонанд?

**Мавзуъҳо:** Ҳадаф ва вазифаҳои сторителлинг аз чӣ иборатанд? Кадом омилҳо видео-қиссаро муваффақ мегардонанд?

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Қиссаи видеоие, ки маро сахт муассир сохт. Мавзуъ барои муаррифӣ (презентатсия, реферат ё муҳокима дар формати “Аквариум”.

**Кори амалӣ:** Навиштани қиссае, ки шумо навор гирифтан мехостед.

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# 1. Ҳадаф ва вазифаҳои сторителлинг аз чӣ иборатанд?

Рӯзноманигорӣ, тавре ҳамагон медонем, номутавозинӣ, субъективият ва гузашта аз ин, таъсири равонӣ ба ҳушу эҳсоси мухотабонро қабул надорад. Аммо сторителлинг – усули қисса карданест, ки ба вуҷуд овардани эҳсосоти мушаххаси хонанда ва бинанда аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи он маҳсуб мешаванд. Ҳамзамон, сторителлери босавод метавонад барои анҷоми амалҳои муайян илҳом бубахшад, омӯзонад ва ҳатто водор намояд.

Вобаста бо ин ки сторителлинг жанр аст ё воситаи иртиботот, баҳсҳои зиёде сурат мегиранд. Ҳар чӣ ки бошад, муаллифи ин усули қиссагӯйӣ ҳадафу вазифаҳои худро дорад ва онҳо на фақат аз иттилоотонӣ иборатанд.

Дар ҳар ҳолати алоҳида ҳадафҳо гуногунанд: роҳандозии мубоҳиса, даст ёфтан ба пуштибонӣ, водор намудан ба амал, даъват ба дарксозӣ ва ғайраҳо. Тавре шумо шояд аллакай фаҳмидед, агар дар одам эҳсосоти мушаххасе бедор карда шавад, ба ҳамаи ин ноил метавон шуд. Бе эҳсосот натиҷа ҳам намешавад.

Бинобар ин, вазифаи аввалиндараҷаи сторителлер аз лаҳзаҳои аввали қисса ба даст овардани таваҷҷуҳи хонандаю бинандаи худ ва то анҷом дар камоли ҳаяҷон нигоҳ доштани он мебошад. Ҳамчунин, таъсир ба руҳияву эҳсосоти муайян ва дарёфти натиҷаи дилхоҳ аз зумраи ин вазоиф аст.

Шояд шумо мепурсед, ки ба ин ҳама чӣ тавр метавон ноил гашт? Намегӯем, ки осон, вале имконпазир мебошад. Сохтори пешниҳоди қисса барои онҳое, ки менависанд ва навор мебардоранд, аслан якхела аст. Сторителлинг аз рӯйи тарҳи худ ба асари бадеӣ ва филми ҳунарӣ сахт шабоҳат дорад. Дар он хати сужа мавҷуд аст, ки аз дебоча, экспозитсия, гиреҳбандӣ, рушди амалҳо, нуқтаи авҷ, кушоиш ва хотима иборат мебошад.Инчунин, ин ҷо муҳиманд:

- **Идея. Болои сторителлинг корро оғоз намуда, дар хотир дошта бошед, ки бинанда ва хонандаи шумо на танҳо ташнаи далелҳо, балки беш аз он муштоқи қиссаҳое мебошанд, ки бар идея асос ёфтаанд. Онҳо бояд ба саволҳои «чаро ин қолиб аст?» ва «моҳияти он чист?» ҷавобгӯ бошанд.**
- **Инсон. Дар маркази ин ҳама инсон - қаҳрамони қисса қарор дорад. Маҳз тавассути вай бинандагони шумо метавонанд ба суолҳо посух пайдо намоянд.**
- **Тарҳрезӣ. Қиссаи Шумо бояд дар борaи одамони воқеие нақл намояд, ки орзу ва мушкилоташон ҳамсони мухотабони шумост. Бинандагон ва хонандагон дар қиссаҳои шумо бояд худ ва ё порае аз ҳаёти худро пайдо намоянд.**

## Панҷ сохтори сторителлинг, ки зиёд ба кор бурда мешаванд:

### 1. Сохтори се амалкард

**Дебоча** – офаридани саҳна ва пешниҳоди қаҳрамонҳо
**Бархӯрд** – муаррифии мушкилот
**Ҳал** – ҳалли мушкилот

### 2. Пирамидаи Фрейтаг

**Экспозитсия** – иттилои муҳими заминавӣ
**Рӯйдоди авҷгиранда** – силсилаи рӯйдодҳое, ки ба нуқтаи олии сужа мебаранд
**Нуқтаи авҷ** – гардиши якбораи қисса.
**Рӯйдоди хомӯшшаванда** – рӯйдоди пас аз нуқтаи авҷ
**Кушоиш** – ҳалли мушкилот

### 3. То – баъд - пул

**То** – тасвири олам бо мушкилоти А
**Баъд** – оламе, ки мушкилоти А ҳал мешавад
**Пул** – чӣ тавр ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардид

**4. Ситора – ҳадаф - чангак**
**Ситора** – оғози мусбате, ки таваҷҷуҳро ҷалб менамояд
**Ҳадаф** – силсилаи далелҳои қотеъ, афзалият, сабабҳо
**Чангак** –даъвати муассир ба амал

**5. Формулаи муъҷизавии Дейл Карнеги**
**Рӯйдод** – таҷрибаи муҳими шахсӣ
**Амалкард** – амале, ки ба ҳалли мушкилот равона шудааст
**Манфиат** – афзалияти амал

# 2. Кадом омилҳо видео-қиссаро муваффақ мегардонанд?

Қиссаи ғайриоддӣ, қаҳрамони ҷолиб ва хати сужа дар сторителлинг нақши ниҳоят муҳим доранд. Аммо агар сухан аз видео меравад, танҳо бо доштани ҳамагӣ ин 3 "фишанги фишор" даст ёфтан ба таваҷҷуҳи бинанда имконнопазир аст.

Албатта, ин ҷо навор низ муҳим аст, фикр мекунед шумо. Бешубҳа, чунин ҳам ҳаст (дар модул ҳатман дар ин бора гуфта хоҳад шуд). Вале барои он ки видео-қиссаи шумо муваффақ гардида, ба садҳо ҳазор тамошо, лайк, шарҳ ва бозншарҳо ноил гардад, боз ҳам ин ниҳоят кам аст. Имрӯзҳо формулаи ягонаи дурусти видео-сторителлинги муваффақ мавҷуд нест. Ҳамчунин, дастури раҳнамое, ки баёнгари он бошад, низ дастрас нест. Дар иртибот бо ин ду хабаре ҳаст: хуб – ҳар нафаре метавонад "пешоҳанг"-и ин роҳ гардад, ва бад – ин роҳ ниҳоят душвор аст ва онро бо усули санҷишу иштибоҳҳо метавон паймуд.

Ман ба сифати продюсер дар як видео-лоиҳаи бузург фаъолият намуда, тӯли якуним сол маҳз машғули ҳамин будам. Ниҳоят як формулаи видео-қиссаи муваффақ ба вуҷуд омад, ки бо шарофати он идораи лоиҳа ба натиҷаҳои хубе ноил гардид ва, тавре маълум гардид, ин омилҳо чизи дигаре нестанд, ҷуз тамаркузи дуруст ба:

- Платформа
- Таносубҳо
- Эҳсосот
- Мухотабон

Агар кор бо матлаби худро оғоз намуда, саравал шумо ин омилҳоро ба назар нагиред, пас қиссаи шумо диданӣ ва мавриди гуфтугузор қарор намегирад, ҳатто агар шумо видеои ниҳоят муфид ва хубе омода сохта, аз нуқтаи назари композитсияи кадр ва хати сужа ҳама чиро риоя ҳам карда бошед. Айни замон фазои иттилоотӣ-иртибототӣ аз маводи гуногун ба андозае ғанӣ гардидааст, ки агар омилҳои мазкур ба эътибор гирифта нашуда бошанд, эҳтимол аст видео - сторителлинги шумо миёни он ҳама гум шавад.

# ДАРСИ 2.
# Платформаи дуруст

**Мавзуъҳо:** Принсипҳои асосии интихоб намудани платформа барои видео-қисса.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар рафти тренинг:** Нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар расонаҳои нав : ҷанбаъҳои мусбат ва манфии онҳо. Муҳокимаи мавзуъро дар шакли мубоҳиса ба роҳ монда, донишҷӯёнро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан лозим аст.

**Кори амалӣ:**

**Вазифаи 1.** Аудиторияи видео-қиссаи худро аниқ намоед (дарси гузашта)

**Вазифаи 2.** Ҳангоми таҳлил пайгирӣ намоед, ки ВАО-и 2-3 аз кадом платформаҳо истифода мебаранд. Кӯшиш намоед, ки аудиторияи онҳоро мушаххас намуда аниқ намоед, ки онҳо барои чӣ махсусан ин платформаҳоро истифода мебаранд.

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# Платформаи дуруст

Платформаи дуруст интихобшуда барои паҳншавии қисса ба андозае муҳим аст, ки қаҳрамони дуруст интихобшуда барои сужа ё бинанда барои ҳикоя. Ба гумон аст, ки дар қисса оид ба “беморииикайҳонӣ” ба сифати қаҳрамон шумо раққосаи балетро интихоб кунед, на астронавтро. Ҳамчунин, аз эҳтимол дур аст, ки дар бораи алясгон, арабеск, аттитюд ва экарте (тарзҳои асосии ист, ки балети классикӣ бар онҳо асос ёфтааст) шумо рафта ба шунавандагоне нақл кунед, ки омадаанд, то дар бораи парвози эҳтимолии идорашаванда ба Миррих маълумот бигиранд.

Зимни интихоби платформа маҳз аз чунин мантиқ бояд кор гирифт. Ин сабаб дорад: видео-платформаҳои мавҷудаи имрӯза на танҳо ба хусусиятҳои видеои воридшаванда талаботи мухталиф доранд, балки корбарони онҳо низ мухталиф ва дорои ниёзҳои гуногун мебошанд. Бинобар ин, он чӣ ки дар YouTube маъруф гардид, чунин комёбиро наметавонад дар Facebook, Instagram, Одноклассники ё ВКонтакте дошта бошад ва ё баръакс. Ҳамаи ин рақамҳо танҳо гувоҳи як чизанд: гум шудан миёни ин ҳама хеле осон аст, агар шумо аз оғоз видеои худро мутобиқи талаботи техникии YouTube ва тибқи ниёзҳои корбарони он омода накарда бошед.

Барои шинохти беҳтари мухотабони худ дар ин портал, танҳо омӯхтани омори шабакаи шахсӣ ё шабакаи идораатон дар қисмати «Аналитика» («Таҳлил») кофист, то бифаҳмед, ки бинандагонатон киҳо ҳастанд.

# Омори YouTube-шабака тибқи мухотабон:



Одатан, ВАО маҳз тибқи ин тарҳ доираи бинандагонро муайян ва бо такя ба онҳо қиссаҳо омода мекунанд. Ҳамин тавр, масалан, мо дар идора муайян намудем, ки муштариҳои доимӣ ва бинандагони фаъоли мо дар YouTube – асосан мардони 25-45 сола мебошанд, ки ҳангоми тамошои шабака дар Федератсияи Русия қарор доранд. Сипас, шарҳҳои зери маводи видеоиро фаъолона пайгирӣ намуда, мо дарёфтем, ки охир, онҳо тоҷикони худамон ҳастанд, ки ба шаҳрҳои гуногуни Русия ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки моро дар дигар платформаҳо низ маҳз муҳоҷирони меҳнатӣ тамошо мекунанд.

Омӯзиши саҳифаи расмии мо дар Facebook, барои мисол, комилан доираи дигари мухотабонро нишон дод: 57%-и хонандагони мо – мардон ҳастанд, видео-қиссаҳои моро асосан дар Тоҷикистон, Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон тамошо мекунанд, дар мубоҳисаҳо намояндагони касбу корҳои ҷиддӣ, одамони боандеша ҷалб шудаанд, ки барояшон рӯйдодҳои минтақа ва ҷаҳон бефарқ нест.

Мутобиқан қиссаҳое, ки миёни корбарони Facebook маъруфанд, дар YouTube чунин муваффақ нестанд. Инчунин баръакс – он чӣ, ки дар видео-хостинги рақами яки ҷаҳон ба муштариҳо руҳу илҳом мебахшад, метавонад дар Facebook ҳадди ақалли теъдоди тамошо, шарҳҳо ва бознашрҳоро ба даст орад.

# Фарқи тамошои ҳамон як мавод дар ду платформа – YouTube ва Facebook[1]:




*YouTube*: 35 146 тамошобин




*Facebook*: 13 000 тамошобин

Кӯшиши ҳам ба инҳо, ҳам ба онҳо, ҳам ба сеюмиҳо ва ҳам ба даҳумиҳо писанд омадан – корест ношуданӣ. Зарур аст, ки бе парешонӣ ҳанӯз аз оғози эҷоди қисса як видео-платформаи мушаххас интихоб карда шавад, ки дар марҳилаҳои баъдӣ шумо ба мухотабони он такя хоҳед кард.

[1] https://www.youtube.com/watch?v=Sjb-9cLhow4

# ДАРСИ 3.
# Интихоби таносуби видео

**Мавзуъ:** Вижагиҳои интихоби таносуб барои видео.

**Кори амалӣ:**

**Вазифаи 1.** Таносуби дурусти кадрро барои қиссаи худ интихоб кунед.
**Вазифаи 2.** Дар факултет як тадқикоти хурд гузаронед. Шуморо лозим аст, маълум намоед, ки донишҷӯён бештар аз кадом шабакаи иҷтимоӣ истифода мекунанд ва кадом видеоҳоро тамошо мекунанд, чаро? (Саволҳои иловагӣ ва теъдоди пурсидашудаҳоро бояд омӯзгор маълум кунад).

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# Уфуқӣ, мураббаъ ё амудӣ?

Барои фаҳмидани он ки сторителлинги муваффақ ва таносубҳои видео чӣ иртиботе доранд, танҳо ба омор нигаристан кофист.

Оҷонсии байналмилалии WeAreSocial, ки дорои беш аз 800 коршинос дар 14 кишвари олам мебошад, дар бораи вазъи глобалии соҳаи Digital дар соли 2019[2] гузориши нав омода намуд . Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки дар 5 соли охир теъдоди корбарони интернет дар саросари ҷаҳон назар ба соли 2014 1,9 миллиард нафар бештар шудааст (яъне аз 2,485 млрд., ба 4,388 млрд. расид). Аз шумораи умумӣ имрӯзҳо 3,26 миллиард нафар (74%) ба интернет аз таҷҳизоти мобилӣ ворид мешаванд.

## Омори интернет-корбарон дар соли 2019 аз оҷонсии WeAreSocial ва хадамоти Hootsuite:




Ин нишондиҳандаҳо баёнгари онанд, ки шумо наметавонед талаботи даврони пурталотуми рақамиро сарфи назар ва истифодаи контентатонро барои доираи аксарият, яъне корбарони интернети мобилӣ ноқулай намоед. “Мураббаъ” ва “амудӣ” маҳз барои онҳо ихтироъ шудаанд.

Қиссаро дар шакли мураббаъ ё амудӣ гирди ҳам овардан барои он зарур аст, ки:

- Тибқи гузориши MOVRMobileOverview, корбарон смартфонро дар 94%-и ҳолатҳо амудӣ медоранд. Одатан онро фақат барои бозӣ (бинобар вижагии идоракунӣ) ва тамошои кино тоб медиҳанд.
- Тибқи маълумоти Оҷонсии байналмилалии WeAreSocial, ба ҳисоби миёна одамон дар реҷаи онлайн ҳар рӯз дар давоми 6 соату 42 дақиқа қарор доранд ва 80%-и ин вақтро дар шабакаҳои иҷтимоӣ сипарӣ менамоянд. Он ҷо онҳо аксаран маводи видеоӣ тамошо мекунанд. Тавре маълум гардид, корбарон наворҳои амудӣ[3] ва мураббаъро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нисбат ба наворҳои уфуқӣ нӯҳ маротиба бештар то охир тамошо мекунанд.
- Тахмин мешавад, одамон маводи видеоиро аксаран вақте тамошо менамоянд, ки савори нақлиёти ҷамъиятӣ ҳастанд. Дар ҳар гуна ҳолат телефонро танҳо амудӣ доштан қулай аст, вагарна афтондану шикастани таҷҳизот аз эҳтимол дур нест.

## Таносуби тавсияшавандаи видео барои шабакаҳои иҷтимоӣ:




[2]https://www.web-canape.ru/business/vsya-statistika-interneta-na-2019-god-v-mire-i-v-rossii/
[3]Vertical Video https://medium.com/@jonsteinberg/vertical-video-86a68c45ac06

## Омори YouTube аз рӯйи таҷҳизот:

Video | Traffic source | Geography | Viewer age | Viewer gender | Subscription status | Subscription source | Playlist | **Device type**




| Device type | Watch time (minutes) | | Views | | Average view duration |
|---|---|---|---|---|---|
| **Total** | **6,724,626** | **100.0%** | **3,345,434** | **100.0%** | **2:00** |
| Mobile phone | 4,671,506 | 69.5% | 2,409,468 | 72.0% | 1:56 |
| Computer | 1,231,973 | 18.3% | 570,533 | 17.1% | 2:09 |
| Tablet | 577,860 | 8.6% | 275,598 | 8.2% | 2:05 |
| TV | 213,078 | 3.2% | 77,104 | 2.3% | 2:45 |
| Game console | 4,652 | 0.1% | 1,889 | 0.1% | 2:27 |

## Омори Facebook аз рӯйи таҷҳизот:

Всего людей, которые посмотрели | По разделу | По возрасту и полу | **По типу устройства** | Ещё

**Люди**



Дӯстдорони навори зебо, албатта, метавонанд баҳс намуда, ба сифати бурҳон он далелеро биёранд, ки видеои мураббаъ ва амудӣ – ин аслан нуқс маҳсуб меёбад ва дар он талаботи одитарини кадр сарфи назар карда мешавад. Махсусан наворҳое, ки аз дрон бардошта шудаанд, дар шакли амудӣ ва мураббаъ ниҳоят нохушоянд ба назар меоянд. Зеро он чӣ, ки дар асл бояд андозаи вусъати рӯйдодро дар кадр инъикос намояд, зимни танзим дағалона аз барҳо бурида мешавад, ки он қадр зебо намешавад.

Аммо ин ҳар қадар, ки перфексионист – ҷонибдори ҳадди камолро азият ҳам диҳад, роҳат будани бинанда аз ҳар чизе афзал аст. Вагарна шумо қиссаҳои худро барои кӣ эҷод, наворбардорӣ ва танзим мекунед? Ба ин далел, ки акнун қоидаҳои бозиро ба сторителлерҳо технологияҳое талқин мекунанд, ки бо суръати рӯшноӣ пеш меравaнд, фақат бояд қабул ва худро бо он мутобиқ намуд.

## Кадре, ки аз дрон наворбардорӣ шудааст, дар таносубҳои уфуқӣ, мураббаъ ва амудӣ чунин намуд дорад:







## Инак, ду банди аввалро натиҷагирӣ мекунем:

- Мавзуъро интихоб намуда, шумо бояд дарҳол муайян намоед, ки онро дар кадом платформа беҳтар тамошо мекунанд. Барои ин доираи алоқамандони идораатонро дар платформаҳои гуногун омӯхта, муайян кардани ҷинс, синну сол, кишвари онҳо зарур аст. Инчунин, бояд шарҳҳои онҳоро омӯхт, то тасаввурот ҳосил карда шавад, ки онҳо шомили кадом доираи бинандагон ҳастанд.
- Сипас, таносуби видеоро бояд муайян намуд. Агар шумо тасмим гирифтед, ки қиссаро дар YouTube ҷой кунед, пас беҳтар аст онро уфуқӣ таҳия намоед. Зеро дастандаркорони платформа маҳз ба ин таносуб афзалият медиҳанд. Аммо Facebook, Instagram, Одноклассники ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ мураббаъ ё амудиро меписанданд. Тавре мо аллакай аз гузоришҳои оҷонсиҳои ҷаҳонӣ медонем, ба шабакаҳои иҷтимоӣ асосан тавассути таҷҳизоти мобилӣ ворид мешаванд. Бинандагони эҳтимолии шумо хуши тоб додани телефони худро надоранд ва бинобар ин бештар вақт аксаран навори мураббаъ ва амудиро тамошо мекунанд.

# ДАРСИ 4.

# Эҳсос ва манфиатҳои мухотабон

**Мавзуъҳо:** Сторителлинг ва эҳсосот. Тамаркуз ба майлу рағбати мухотабон (аудитория).

**Кори амалӣ:**

**Вазифаи 1.** Гузаронидани таҳлили қиссаҳои видеоии муваффақ (таҳлили эҳсос ва аудитория).
**Вазифаи 2.** Дар қиссаи видеоии худ аз кадом техникаҳои муваффақ кор мегирифтед?

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

## 1. Барои кадом эҳсосот бояд талош кард?

Болотар таъкид гардид, ки рӯзноманигорӣ номутавозинӣ, субъективият ва гузашта аз ин, таъсири равонӣ ба ҳушу эҳсоси мухотабонро қабул надорад. Аммо сторителлинг – усули қиссакуниест, ки ба вуҷуд овардани эҳсосоти мушаххаси хонанда ва бинанда аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи он махсуб мешаванд. Эҳсосот набошад – сторителлинги муваффақ низ нест.

Ширкатҳои пешгоми расонавии ҷаҳон, ки зуд-зуд қиссаҳо менависанду наворбардорӣ мекунанд, ҳатто "нақшаи эҳсосот"-и худро таҳия сохта, талош мекунанд ба он ҷавобгӯ бошанд.

### Нақшаи эҳсосот аз Buzzfeed[4]:




Тибқи ин нақша, қиссае, ки шумо таҳия менамоед, набояд дар мавриди эҳсосот ба беназмию парешонӣ боис гардад. Агар он эҳсосоти омехтаро ба бор оварад – "кам-кам аз ҳамааш" – пас ин маънои онро дорад, ки шумо аз уҳдаи иҷрои вазифа набаромадед.

Бо дидани маҳсули кори шумо одамон бояд:

- Қаҳрамонро дарк намоянд, зеро онҳо дар симои вай худро мебинанд;
- Аз тахти дил бихананданд, зеро он воқеан хандаовар аст;
- Аз рафтори қаҳрамон ба ғазаб биёянд, чунки он комилан қобили қабул нест;
- Кунҷковӣ зоҳир намоянд, зеро он чӣ ки қаҳрамони шумо мегӯяд, бояд донист, ин дар зиндагӣ ба кор меояд;·Амал кардан бихоҳанд, зеро онҳо мефаҳманд, ки ин он ҳолатест, ки иштироки онҳо бисёр чиро ҳал менамояд;
- Аз эҳсоси муҳаббат саршор шаванд, чун қиссаи қаҳрамони шумо собит менамояд, ки ҳанӯз одамони нек дар олам ҳастанд;
- Ба чашмони худ бовар накунанд ва аз худ бипурсанд: Магар ин имконпазир аст?!

Масалан, агар тасвирчаҳои эҳсосро дар Facebook бингарем, пас барои бинандаи маҳсули кори шумо бояд хоҳиши зер кардани яке аз 5 "смайлча"-и охир ба вуҷуд биёяд. Маҳз онҳо бо руҳияю эҳсосоти якмаънӣ ва устувор, ки шумо бояд таҳрик намоед, алоқамананд: "муҳаббат", "шодӣ", "ханда", "ҳайрат", "ғам", "дилсӯзӣ", "ҳамдардӣ", "хашм", "ғазаб" ва дигар.

### Барои кадом эҳсосот дар Facebook бояд талош кард:




[4]Cultural cartography: How Buzzfeed organizes their content https://www.treeshake.com/twig/what-makes-content-go-viral

Дар робита бо ин, видео-сторителлинги худро оғоз намуда, шумо бояд аз ибтидо эҳсосоти мушаххасро ҳадаф қарор диҳед. Дар хотир доред: бе эҳсосот сторителлинги муваффақ ҳам нест. Аммо агар қиссаро бо суханони “тавре ки ҳаст, нақл мекунам ва нишон медиҳам, пасон мебинем, ки кадом эҳсосотро бармеангезад” сар кунед, пас шумо ҳар коре хоҳед кард, фақат на сторителлинги муваффақ.

# 2. Майлу рағбати мухотабон

Тамаркуз ба майлу рағбати мухотабон ҳамроҳ бо он чи ки болотар зикр гардид, комёбиро ба 50% ва ҳатто бештар аз он таъмин менамояд. Барои комёбии садфоиза танҳо наворбардории зебо, навиштани сториборди шавқовар, танзими босаводона ва истифода аз забони оддии нақл дар титрҳо ва плашкаҳо боқӣ мемонад.

Аммо ошкор намудани майлу рағбати хонандагон ва бинандагон қисмати аз ҳама душвори кор аст – он мониторинги доимии таваҷҷуҳи хонандагон ва бинандагонро ба контент талаб менамояд. Онлайн-хадамотҳои зиёде ҳастанд, ки ин вазифаро осон менамоянд, аммо ба ҳар ҳол дар реҷаи замони воқеӣ назорат бурдан ба он ки мавод ба доираи зарурӣ ворид гардидааст, муассиртар аст. Дарҳол пас аз интишори мавод омӯхтани хусусияти рафтори мухотабон мувофиқи мақсад мебошад:

- кадом эҳсосот таҳрик дода шуд?
- барои чӣ ин мавзӯъ ба онҳо писанд омад ё баръакс, писанд наомад?
- шореҳон дар бораи мавод мушаххасан чӣ фикр мекунанд ва менависанд?
- оё онҳо маводро бознашр мекунанд?
- онҳо кистанд ва чандсолаанд?
- барои чӣ қиссаро бештар мардон ё баръакс, занон тамошо карданд?
- дар кадом кишварҳо бештар тамошо карданд?
- давомнокии миёнаи вақти тамошои видео чанд аст?
- мавод чӣ қадар лайк, шарҳ ва бознашр ҷамъ намуд?

Ҷавоби ин саволҳо вақт ва манобеи рӯзноманигорро зимни банақшагирии мавзуи нав ба ҳадди назаррас сарфа менамоянд. Вай аллакай дар ибтидои роҳ хоҳад донист, ки мавзӯъ, қаҳрамон ва сохтори пешниҳодро чӣ гуна дуруст интихоб намояд.

Ин кори пурзаҳматро, ки асосан дар идораҳо таҳлилгарон иҷро менамоянд, рӯзноманигор албатта, метавонад худ анҷом бидиҳад.

### Омори ҷалбшавии мухотабон дар Facebook:












Инчунин, дар идораҳои муваффақ аз таҷриба кардани мавзуъҳо наметарсанд, то ки хусусияти рафтори мухотабони худро биомӯзанд.

## Омӯхтани шарҳҳо ҳатмист:




## Инак, ду банди охирро натиҷагирӣ менамоем:

- Қиссае, ки шумо таҳия менамоед, набояд эҳсосоти омехтаро ба вуҷуд биёрад. Бояд эҳсосоти мушаххас таҳрик дода шавад – барои мисол, ё комилан муҳаббат, ё на чизи дигаре ҷуз ҳамдардӣ. Вагарна қиссаи шумо боис ба дарҳамбарҳамӣ мешавад ва шумо бинандаро ҳанӯз дар нимаи навор аз даст медиҳед. Дар хотир бигиред: эҳсосот набошад, сторителлинги муваффақ ҳам нест.
- Тамаркуз ба мухотабон зимни таҳияи видео-сторителлинг ниҳоят муҳим аст. Барои ин танбалӣ накарда, ҳар як маводи қаблан нашршударо биомӯзед. Бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки шореҳон дар зери маҳсули корҳои шумо мушаххасан чӣ менависанд, вокуниш ба кадом мавзуъҳо беҳтар ҷараён мегирад, чаро баъзе қиссаҳо муваффақ мешаванду баъзеи дигар ноком мегарданд. Агар шумо хусусияти рафтори аудиторияи худро наомӯзед, ҳамоҳангӣ бо он ва зиёда аз ин, дар мухотабон ба вуҷуд овардани эҳсосоти ба шумо зарурӣ душвор мегардад.

# ДАРСИ 5.

# Қоидаҳои асосии композитсия дар видео

**Мавзуъ:** Чӣ тавр метавон ба дарки дурусти бинандаи қиссаи видеоӣ даст ёфт?

**Кори амалӣ:**

**Вазифаи 1.** Тамоми дарсҳои видеоии кор бо видеоро гузаред (ниг. супориш барои худомӯзӣ).
**Вазифаи 2.** Бо риояи қоидаи композитсия ва дигар донишҳои дар ин курс андӯхтаатон видеои 1-2 дақиқаӣ бигиред. Онро дар платформаи барои шумо мувофиқ нашр кунед. Муваффақияти онро баҳогузорӣ карда, барои бартараф кардани иштибоҳҳо талош кунед.

# МАВОД БАРОИ ОМУЗГОР:

# Қоидаҳои асосии композитсия дар видео

Нуқтаи муҳим – барои сабти видео-сторителлинги хуб наворбардори ҳирфаӣ будан ҳатмӣ нест, аммо риояи қоидаҳои асосии композитсия[5] дар навор ба ҳар сурат, зарур аст. Ин ба дарки дурусти назарии маҳсули кори шумо мусоидат менамояд.

Қоидаҳои қатъӣ дар ин ҷо, хушбахтона, он қадар зиёд нестанд. Ҳамагӣ дар хотир доштани мутаносибӣ, қоидаи сеякиҳо, перспектива, ракурсҳо ва бузургии наворҳо кофист.

## Мутаносибӣ

Ба таври дигар, ин ҳолати шакл "таодули композитсионӣ" номида мешавад, ки зимни он тамоми объектҳо дар навор миёни ҳам дорои тавозун мебошанд. Бо ибораи дигар, як ҷониби навор зимни тақсимоти баробари уфуқӣ ё амудӣ бояд қариб ки ҷониби дигарро инъикос намояд.




*Мисол аз коргардони синамо Уэс Андерсон*

Агар ин наворбардории фаврӣ бошад, ба мутаносибии навор даст ёфтан ниҳоят душвор аст. Дар робита бо ин видео-рӯзноманигорон аз ин равиш кам кор мегиранд. Аммо қиссаҳое, ки дар шакли сторителлинг наворбардорӣ мешаванд, шитобкориро тақозо намекунанд. Бинобар ин, ба мутаносибӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудан месазад. Лоақал барои он ки ин дарвоқеъ зебо ва дар назар хушоянд буда, ҳисси комилии кадрро ба вуҷуд меорад.

Аз мутаносибӣ фақат барои он кор гирифта мешавад, ки муҳимияти қаҳрамон ё саҳнаи мушаххас дар ҳамин лаҳза таъкид карда шавад. Дар дигар ҳолатҳо он метавонад баръакс кор карда, дар натиҷа, бардошти дурусти назарии қиссаи шуморо хароб намояд.

## Қоидаи сеякиҳо

Шумо бешубҳа, дар бораи қоидаи буриши тиллоӣ шунидаед. Қоидаи сеякиҳо бошад, ин варианти соддаи он аст, ки тасвир бо ду хати уфуқӣ ва ду хати амудӣ ба 9 росткунҷаи якхела тақсим карда мешавад. Дар ин қоида ҷузъҳои асосии кадр бояд дар буриш ё қад-қади ин хатҳо ҷо бигиранд. Вагарна чунин шумурда мешавад, ки шумо ба наворбардорӣ муносибати эҷодкорона надоштаед.



Умуман, қоидаи сеякиҳо барои нигаҳдошти тавозун зимни наворбардорӣ кумак менамояд. Хатҳои амудӣ таваҷҷуҳро ба объекти асосии навор таъкид менамоянд, хатҳои уфуқӣ бошанд, метавонанд нишон диҳанд, ки кадр масдуд шудааст ё не.

Аммо агар объекти мавриди таваҷҷуҳ ба ҳар ҳол на амудӣ, балки уфуқӣ ҷо гирифтааст, пас дар ин ҳолат ба шумо хатҳои уфуқӣ кумак менамоянд, ки ҳангоми наворбардорӣ бояд бештар ба онҳо тамаркуз намоед.

Ду сеякӣ дар поён – таъкид ба баҳр, ду сеякӣ дар боло – таъкид ба осмон:



[5]Visual Storytelling: https://www.youtube.com/watch?v=iWQQgZh9EyE

## Дурнамо

Он ба навори шумо амиқият ва ҳаҷм медиҳад, вагарна навор як чизи ҳамвори на он қадар шавқовар мешавад. Перспектива хатӣ ва фазоӣ мешавад.

Дар намуди аввал ҳамаи хатҳо дар навор ҷониби як объекти асосӣ дар кадр мебаранд, ки ҳамин тавр таваҷҷуҳ ба он ҷалб карда мешавад. Дар дуюмӣ бошад, он бо кумаки ивази рангинӣ ва муназзамии нуқтаи асосӣ, ки нигоҳ ба он бояд равона гардад, ба даст оварда мешавад.

Перспективаи фазоӣ аксаран барои наворбардории манзараҳо истифода мешавад, ки дар он нуқтаи таваҷҷуҳ ҳар қадар дуртар бошад, ҳамон андоза он тиратар ва номуназзам мешавад – туман, ғуруб, сароб.



*Перспективаи хаттӣ*



*Перспективаи фазои*

## Ракурс

Ракурсҳое, ки зиёд истифода мешаванд, асосан 4-то ҳастанд ва онҳо ба композитсия таъсири зиёде расонида, муҳимияти объектро дар кадр тақвият мебахшанд. Аз ҳамаи ин ракурсҳо метавон дар таҳияи видео-сторителлингҳо кор гирифт.

- **Ракурси поёнӣ.** Ин наворбардорӣ аз поён ба боло буда, камера поёнтар аз мавқеи объект гузошта мешавад. Ҳар чизи ростомадаро ин тавр наворбардорӣ кардан мумкин нест, зеро ин ракурс ҳолати вижаи истифода дорад. Агар шумо нишон доданӣ бошед, ки бино чӣ андоза азим аст, пас бо ракурси поёнӣ навор бигиред. Ё вақте шумо мехоҳед тавоноии қаҳрамони худро таъкид созед, низ бояд аз поён ба боло навор бардошт.
- **Ракурси болоӣ.** Ин комилан мухолифи ракурси аввалӣ буда, ҳадафаш баръакс, аз он иборат аст, ки аҳамияти персонажи асосиро коҳиш диҳад. Агар шумо нишон додан мехоҳед, ки қаҳрамонатон чӣ андоза оҷизу нотавон, кӯчак ё зери бори мушкилоти зиндагӣ аст, пас аз ракурси болоӣ истифода кунед.



*Ракурсҳои поёнӣ ва болоӣ*

- **Дар сатҳи чашмон.** Ин ракурси табиӣ ва бетарафест, ки камера ҳамаи рӯйдодҳоро дар сатҳи чашмони қаҳрамони шумо сабт менамояд. Он ҳеҷ гуна манзараи эҳсосиеро таъкид наменамояд.
- **Ракурси ҳолландӣ.** Ин ҳолатест, ки камера каме тахти кунҷ сабт менамояд. Ин ракурс дорои таркиботи эҳсосотӣ мебошад – онро одатан вақте истифода менамоянд, ки аҳволи қаҳрамони асосӣ хуб нест.



*Дар сатҳи чашмон ва ракурси ҳолландӣ*

## Бузургии планҳо

Ин лаҳза низ барои таҳияи видео-сторителлинг ниҳоят муҳим аст, зеро планҳо ҳам фазои эҳсосотии маҳсули кори шуморо тақвият мебахшанд. Инчунин, планҳо ҳангоми танзим бо таъмини гузариши равону ҳамвор аз як кадр ба кадри дигар, кумаки зиёде мекунанд[6]. Ба онҳо низ бояд муносибати эҷодкорона кард.

- **Плани дур.** Барои он мавҷуд аст, ки аз масофаи ниҳоят дур муҳити амал нишон дода шавад. Одатан қаҳрамони қисса дар он ҷойи бениҳоят камро мегирад. Чунин план таркиботи эҳсосотии худро дорост – агар шумо бекасии қаҳрамонатонро дар ин дорулфано нишон доданӣ бошед, пас плани дур он чизест, ки ба шумо лозим аст.
- **Плани умумӣ.** Ба таври дигар онро “плани барқад” низ меноманд, ба эҳтимоли зиёд аз он сабаб, ки дар он одам бояд барқад наворбардорӣ карда шавад. Одатан дар танзим аз плани умумӣ шурӯъ карда мешавад. Бо он мо ҷойгиршавии объектҳоро дар кадр ва қаҳрамонро нишон медиҳем ва ба бинанда мефаҳмонем, ки қаҳрамони асосии қиссаро чӣ муҳите иҳота кардааст.



*Планхои дур ва умуми*

- **Плани миёна.** Он боз се хел мешавад: то қафаси сина, то миён ва ковбойӣ. Аз охирӣ сар мекунем, зеро хеле шавқангез садо медиҳад – дар он шумо одамро болотар аз зонуҳо “мебуред”. То миён – каме болотар аз миён, то қафаси сина бошад, дар сатҳи сари дил. Дар хотир дошта бошед, зимни плани миёна қаҳрамонро аз буғумҳо буридан мумкин нест, вагарна чунин ба назар мерасад, ки банди дасту пойҳои қаҳрамони шумо бурида шудаанд.



*Планҳои то қафаси сина, то миён ва ковбойӣ*

- **Плани бузург.** Он наворест, ки тамоми маҷмуи эҳсосотро дар қиссаи шумо таъмин менамояд. Танҳо тавассути он вазъи руҳии қаҳрамонро, ки дар нигоҳ ва қиёфабозии хурдтарин инъикос меёбад, метавон таъкид сохт.
- **Плани муфассал.** Он таваҷҷуҳи бинандаро ба ҷузъиёт ҷалб менамояд. Ин метавонад гӯши қаҳрамон бошад, ки ба хомӯшӣ гӯш медиҳад, ашке, ки ба рухсор ҷорӣ хоҳад шуд, ангуштоне, ки қаҳрамонатон бо асабоният онҳоро мефишорад.

Ҳамаи қоидаҳои асосии дар боло зикрёфтаи композитсия барои дар хотир гирифтан ҳатмӣ мебошанд, аммо ин маънои онро надорад, ки шумо бояд онҳоро догма бишморед. Коргардонҳои маъруфи синамо ба худ имкони вайрон кардани ин қоидаҳои композитсияро медиҳанд, агар қасди онҳо чунин бошад. Мутобиқан, ҳангоми таҳияи видео-сторителлинг аз тамоми қоидаҳои мавҷуда метавон чашм пӯшид, агар мазмуни қисса инро тақозо намояд.



*Планҳои бузург ва муфассал*

Офаридани видео-сторителлинг раванди ниҳоят мураккабест, ки муносибати дурусти ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Ин мисли занҷирест, ки ҳар ҳалқаи он вазифаи муҳимеро иҷро менамояд. Агар шумо мавзуи ҷолиб, қаҳрамони олӣ пайдо намуда, ба наворбардорӣ эҷодкорона муносибат кардед, аммо аз ибтидо мухотабон ва платформаро таҳлилу коркард насохтед ва ба эҳсосоти зарурию таносубҳо тамаркуз накардед, маҳсули беҳамтои кори шумо метавонад бинандаи худро ба миқдори дилхоҳатон пайдо накунад. Тахмин пас аз 10 соат, эҳтимолан дигар касе қиссаи дар ҳудудҳои беканори интернет гумгаштаи шуморо ба хотир ҳам намеорад.

[6] https://vk.com/page-4031883_49278482

# Супоришҳо барои худомӯзӣ

1. Кор бо видео. Қисмати 1. Муқаддима.

2. Кор бо видео. Қисмати 2. Экспозитсия, тавозуни сафед, ISO.

3. Кор бо видео. Қисмати 3. Назарияи танзим.

4. Кор бо видео. Қисмати 4. Асосҳои танзим дар Adobe Premier.

5. Кор бо видео. Қисмати 5. Танзим дар Adobe Premier.

# ЖУРНАЛИСТИКАИ ҲАССОС БА ҶИНСИЯТ. ЧӢ ТАВР ХУШУНАТРО ДАР ВАО БОЯД ИНЪИКОС КАРД?

**МУАЛЛИФОН:** Елизавета Кузменко (Украина), журналист, тренери расонаӣ дар масоили адами табъиз ва баробарии гендерӣ. Узви Комиссияи ахлоқи рӯзноманигории Украина, сарвари ташкилоти ғайритиҷоратии “Анҷумани “Занҳо дар расонаҳо”.
Гулнур Торалиева (Қирғизистон), роҳбари ширкати Data Lab, коршиноси расонаӣ.

**МЕТОДИКА:** лексия, семинар, дарсҳои амалӣ

**РАВИШ Ё УСУЛИ ДАРС:** Курс ба омӯзиши принсипҳои асосӣ ва ташаккули малакаҳо дар сохтани қиссаҳои видеоии муваффақ равона шудааст.

**ЭЗОҲ:**
Дарси муқаддимавии курс барои рӯзноманигорон ва блогерон дар мавриди гендер, стереотипҳои гендерӣ ва чӣ тавр роҳ надодан ба матни ғаразноки гендерӣ инъикоси хушунат дар ВАО ва блогҳо донишҳои бунёдӣ медиҳад. Як бахши курс ба ин равона шудааст, ки чӣ тавр мавзуи хушунат дар ВАО ва блогҳо бояд инъикос шавад. Кадом намудҳои зӯроварӣ мавҷуданд ва шеваи инъикоси онҳо чигуна аст: истилоҳот ва калимаҳое, ки ҳангоми навиштани ин мавзуъҳо истифодаашон тавсия мешаванд ё тавсия намешаванд. Инчунин, ҷузъи муҳими курс модул оид ба гуфтугӯ бо одамоне мебошад, ки зӯровариро аз сар гузаронидаанд: чӣ гуна бо онҳо бояд мусоҳиба кард?

**РАВИШ Ё УСУЛИ ДАРС:**
Ҳадафи курс ташаккули донишҳо дар мавриди гендер, стереотипҳои марбут ба он ва чаро бояд аз ин стереотипҳо ҳазар кард, мебошад. Донишҷӯён бояд дарк намоянд, ки занҳо дар ВАО натанҳо ҳамчун субъекти қиссаҳо дар бораи хушунат, балки ҳамчун коршинос ва таҳлилгар низ муаррифӣ шаванд. Дарк кардани навъҳои хушунат ва ба хонанда фаҳмонидан, ки онҳо дар мавриди кадом навъи хушунат ё зӯроварӣ менависанд. Инчунин донишҷӯён мефаҳманд, ки ҳангоми инъикоси масоили хушунати гендерӣ аз кадом шеваи навишт бояд истифода шавад ва аз кадоме не.

7

**ЭЗОҲ:**
Таърихан нақши журналистика на танҳо иттилоотонии мардум аст. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини ВАО иштирок дар бунёди ҷомеаи боадолат, баробарҳуқуқ ва боз мебошад, ки дар он ҳуқуқҳои инсон эҳтиром, риоя ва ҳимоя карда мешаванд. Барои ин, худи журналистика бояд арзишҳоро эътироф кунад ва дар самти риояи ҳуқуқи инсон талош варзад. Тамоми таърихи журналистика нишон медиҳад, ки рӯзноманигорон метавонанд ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонанд.

Онҳо қудрат доранд, ки бо мақсади рушди ҷомеаи баробар, ки он ҷо барои табъиз, аз ҷумла табъизи гендерӣ ҷой нест, мубоҳисаҳо созмон бидиҳанд. Матолибе ки рӯзноманигорон таҳия мекунанд, на танҳо барои огоҳӣ дар бораи рӯйдодҳои ҷорӣ, балки барои фаҳмиши интиқодии ин ҳодисаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои онҳо аз ҷониби истеъмолкунандаҳои иттилоот таҳия шудаанд. Ҳар як рӯзноманигор бояд саъй намояд, ки ин гуна матолиб ба истеъмолкунандагони иттилоот кумак намоянд, то дар асоси тафаккури интиқодӣ, дар самти тағйирёбии мусбати мушкилоти тавсифшуда амал кунанд.

Матолиби рӯзноманигории аз ҷиҳати ахлоқӣ комил, ки дар заминаи ҳуқуқҳои инсон таҳия шудаанд, ба тағйироти мусбат барои дарки нақши муосири занон ва мардон дар ҷомеа ва оила мусоидат мекунад.

Журналистон ва ВАО метавонанд рӯйдодҳои гендерӣ ва ҳассосро бидуни нишонаҳои табъиз инъикос кунанд ва ба ин васила дар тарғиби арзишҳои баробарӣ ва адолат саҳим бошанд. Ҳамзамон, онҳо ба стереотипҳои мавҷуда ва пайдошавандаи гендерӣ, ки ба рушди иҷтимоии ҷомеа халал мерасонанд, муқовимат хоҳанд кард.

Васоити ахбори оммаи Осиёи Марказӣ ба ин ё он тарз тамоюлҳои мавҷудаи ҷомеаро инъикос мекунанд. Ин тамоюлҳо аз афзоиши ғояҳои патриархалӣ ва табъизи гендерӣ шаҳодат медиҳанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар фаъолияти кормандони ВАО ҳассосият ба ҷанбаҳои гендерӣ тавсеа дода шуда ва муқобили таҳкими стереотипҳои гендерӣ мубориза бурда шавад.

**ДАВОМНОКӢ:** 5 соати академии дарсҳо дар аудитория; 12 соат кори мустақилона.

**МАВОДИ ЗАРУРӢ:** Барои омӯзгор: экран, проектор, ноутбуки пайванд ба Интернет барои нишон додани мисолҳо. Барои донишҷӯён: ноутбук/смартфони пайванд ба Интернет барои мутолиаи адабиёти тавсияшуда ва иҷро кардани вазифаҳои амалӣ.

# ДАРСИ 1.

# Муқаддима. Рӯзноманигории гендерӣ ва ҳассос ба ҷинсият чист?

**Муаллиф:** Гулнур Торалиева

**Мавзуъҳо:** Гендер чист? Қолаб ё стереотипҳои гендерӣ. Чӣ тавр журналистон аз стереотипҳо парҳез кунанд? Матни боғараз ё матни мутавозини гендерӣ.  Истифодаи забони ҳассос ба ҷинсият.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Баромадҳои конфронси TED ва суханронии президенти симпозиуми "Занҳо дар Журналистика" Меган Камерикро тамошо кунед.

**Дар мавриди чунин саволҳо фикр кунед:**

1. Занон ва мардон дар ВАО-и кишвари шумо дар чӣ шакле ва дар чӣ нақше муаррифӣ шудаанд?
2. Оё монандиҳоеро дар намунаҳое, ки Меган Камерик мегӯяд, бо сиёсати редаксионии ВАО-е, ки шумо кор мекунед, пайдо кардед?
3.Лоиҳаи мониторинги ҷаҳонии ВАО эътироф кард, ки қиссаҳои аз ҷониби гузоришгарони зан навишташуда дар бисёр маврид нисбат ба гузоришҳои навиштаи мардон алайҳи стереотипҳо равона шудаанд. Оё бо ин хулоса розӣ ҳастед? Чаро?

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

# 1. Гендер чист?

Се истилоҳи асосиро, ки барои муносибати ҳассоси гендерӣ дар журналистика заруранд, баррасӣ хоҳем кард.

**Гендер** – мафҳумест, ки нақшҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ асосёфтаи мардон ва занонро мефаҳмонад.

Ин нақшҳо метавонанд аз рӯи эътиқод ва заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ муайян карда шаванд. Аксар вақт (ва на танҳо дар Қирғизистон) занон ба нақшҳои ба истилоҳ "занона" баста мешаванд. Одатан, ин нақшҳо имконият ва масъулияти занҳоро танҳо дар доираи хона ва хонавода маҳдуд мекунанд.

Ҳамин тариқ, онҳо аз имкони гирифтани маълумот ва хадамоти тиббӣ, озодона ибрози ақида кардан ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ маҳрум мемонанд. Мутаносибан, мақоми занон дар сохтори ҳокимияти иҷтимоӣ поин меравад. Ин бевосита ба ҳуқуқи умумии занон барои озодии молиявӣ, таҳсил ва озодӣ аз муносибати бераҳмона таъсир мерасонад. Гендер яке аз чанд тағйирёбандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, монанди синф ва табақа, нажод ва қавм, синну сол ва вазъи саломатӣ мебошад.

**Баробарии гендерӣ (gender equality)** ин баҳои баробари ҷомеа ба монандӣ ва фарқияти байни занон ва мардон, инчунин нақшҳои гуногуни иҷтимоии онҳо дар ҷомеа ва оила мебошад.

Ғайр аз он, ин мақоми баробари занон ва мардон мебошад, ки тавассути шароити баробар барои татбиқи ҳуқуқ ва имкониятҳои инсон ба даст оварда мешаванд.

**Баробарии гендерӣ (gender equity)** - муносибати одилона ба занон ва мардон аст.

Он метавонад тавассути чораҳои махсус оид ба ҷуброни камбудиҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, камбудиҳое, ки ба занон ва мардон барои ишғоли мавқеи баробар халал мерасонанд, зоҳир шавад. Адолати гендерӣ ба баробарӣ оварда мерасонад.

# 2. Қолабҳои гендерӣ.

## Қолаб (стереотип)-ҳои гендерӣ чӣ гуна шакл мегиранд?

**Стереотипҳо (қолабҳо)**[1] - и гендерӣ эътиқод ё таассуби маъмулӣ дар бораи сифатҳо ва хусусиятҳое мебошанд, ки занон ва мардон доранд ва ё бояд дошта бошанд, инчунин нақшҳое, ки онҳо иҷро мекунанд ё бояд иҷро кунанд. Стереотипҳои гендерӣ метавонанд ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошанд, масалан, "занон ғамхоранд" ё "занон заиф ҳастанд".

**Ташаккули стереотипҳои гендерӣ таҷрибаи**[2] ба занон ва мардон додани хосият, сифат ё нақши мушаххасро танҳо дар асоси мансубияти онҳо ба гурӯҳи иҷтимоии занон ё мардон, дар назар дорад.

Стереотипи гендерӣ аслан боварест, ки шахси дорои чунин бовар ё эътиқод метавонад дар бораи шахсони мансуб ба гурӯҳи муайян - занон / мардҳо тахминҳо баён кунад. Ва ташаккули стереотипҳои гендерӣ ин таҷрибаи истифодаи эътиқоди қолабӣ ба шахс мебошад.

Ташаккули ғайримунсифонаи стереотипҳои гендерӣ аксаран сабаби пайдоиши табъиз нисбати занон ва омиле мебошад, ки ба нақз шудани як қатор ҳуқуқҳо, аз қабили ҳуқуқ ба саломатӣ, сатҳи муносиби зиндагӣ, таҳсил, ақд ва муносибатҳои оилавӣ, кор, озодии баён, озодии ҳаракат, иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва намояндагии манфиатҳои сиёсӣ ва озодӣ аз зӯроварии гендерӣ оварда мерасонанд[3].

[1]https://www.ohchr.org/Documents/Issues/Women/WRGS/OnePagers/Gender_stereotyping_ru.pdf
[2]https://www.ohchr.org/Documents/Issues/Women/WRGS/OnePagers/Gender_stereotyping_ru.pdf
[3]https://www.ohchr.org/RU/Issues/Women/WRGS/Pages/WrongfulGenderStereotyping.aspx

**Журналистон, ки як қисми ҷомеа мебошанд, доимо стереотипҳои гендерии ба ин ҷомеа хосро такрор мекунанд.**

Дастурамал оид ба инъикоси рӯйдодҳои ҳассоси гендерӣ ва муқовимат бо таблиғи ифротгароӣ тавассути саводнокии расонаӣ се гурӯҳи асосии стереотипҳои гендериро муайян мекунад.

**Гуруҳи аввали стереотипҳои гендерӣ** — қолабҳо дар бораи хислатҳои хоси мардон ва занон, хусусиятҳои шахсият ва модели рафтори онҳо мебошанд. Масалан, "ҳама мардон оқил ва ҳама занҳо эҳсосотӣ ҳастанд".

**Гурӯҳи дуюми стереотипҳои гендерӣ** нақшҳои оилавӣ ва касбии ба ҳар як ҷинс вогузоршуда мебошанд, ки дар ҷомеаи муайян ба роҳ монда шудаанд. Барои занон нақши асосии иҷтимоӣ оила (модар, соҳибхоназан), барои мардон - касбӣ мебошанд.

Мардон аз рӯи муваффақияти касбӣ, занон бошанд, бо доштани оила ва фарзандон баҳо дода мешаванд. Маъмулан, чунин пиндоре вуҷуд дорад, ки зани "муқаррарӣ" бояд издивоҷ кунад ва соҳиби фарзанд шавад, майлу рағбатҳои дигар дуввумдараҷа ҳастанд.

**Гурӯҳи сеюми стереотипҳои гендерӣ** фарқияти намуди кори занон ва мардон мебошад. Маъмулан, чунин пиндоре вуҷуд дорад, ки кори занон бояд хусусияти иҷрокунандаӣ, хидматгузорӣ дошта бошад.

## Намунаҳои стереотипҳои гендерӣ

| Стереотипҳо дар мавриди мардон: | Стереотипҳо дар мавриди занҳо |
|---|---|
| Акси оилавӣ рӯи мизи кории ӯ - марди муътабар ва қобили эҳтиром аст. | Акси оилавӣ рӯйи мизи кории ӯ - барои ӯ оила аз кораш болотар аст. |
| Болои мизи кориаш коғазҳои зиёданд - ӯ хеле серкор ва боғайрат аст. | Болои мизи кориаш коғазҳои зиёданд - вай беназму парешон аст. |
| Вай бо ҳамкорон суҳбат мекунад - масъалаҳои кориро муҳокима мекунад. | Вай бо ҳамкорон сӯҳбат мекунад - вай ғайбат мекунад. |
| Вай дар ҷойи кор нест – ба маҷлис рафтааст. | Вай дар ҷойи кор нест - назди оина рафтааст. |
| Вай дар идора нест - бо мизоҷон мулоқот мекунад. | Вай дар идора нест - ба сӯи дӯкон давида аст. |
| Ба ӯ беадолатӣ карданд - хашмгин шуд? | Ба ӯ беадолатӣ карданд - вай гиря кард? |
| Ӯ бо раисаш хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрад - ин барои карйерааш хуб аст. | Ӯ бо раисаш хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрад - дар байни онҳо чизе ҳаст. |
| Вай дар сафари корӣ аст - ин барои карйерааш хуб аст. | Вай дар сафари корӣ аст - шавҳараш ба ин чӣ мегуфта бошад? |

# 3. Рӯзноманигор чӣ тавр аз стереотипҳо парҳез кунад?

[Дарси видеоӣ аз муаллиф дар ин мавзуъ]

Халос шудан аз стереотипҳо аз бисёр ҷиҳат ба эътиқоди шахсии журналист бастагӣ дорад. Танҳо ангезаи шаҳрвандӣ ва хоҳиши беғараз, воқеиятнигор ва ҳирфаӣ будан сабаби таҳияи маводи босифат шуда метавонад. Ҳар журналист бояд чор принсипи асосии рӯзноманигории ҳассос ба масоили гендериро дар хотир дошта бошад.

1. Пайдо кардани қиссаҳо ва андешаҳои гуногун аз манбаъҳои гуногун. Талош барои пешниҳоди минбар ба касоне, ки аксар вақт ноаён боқӣ мемонанд, алалхусус, намояндагони гурӯҳҳои осебпазир: занон, маъюбон, гурӯҳҳои этникӣ. Ҳангоми таҳияи матлаб дар бораи гурӯҳи одамони осебпазир ба назар гирифтани амнияти имрӯза ва ояндаи онҳо. Муҳим он аст, ки садоҳо ва андешаҳои онҳо шунида шаванд. Ғайр аз он, гурӯҳҳои осебпазир метавонанд на танҳо маълумотро дар бораи ҳолатҳои муайян пешниҳод кунанд, балки роҳҳалҳои ҷолиберо низ ироа намоянд.
2. Талош барои ҳузури баробари мардон ва занон дар хабарҳои соҳаҳои гуногун, аз ҷумла бахшҳое, ки дар онҳо намояндагони яке аз ҷинсҳо бартарӣ дорад. Масалан, сиёсат, иқтисод, тиҷорат, ки мардон бартарӣ доранд. Соҳаи иҷтимоӣ - оила ва ҳаёти ҳаррӯза, ки занон бартарӣ доранд. Ғайр аз ин, фарогирии заноне, ки дар соҳаҳои анъанавии мардона тахассус доранд ва баръакс, ба сатҳи стереотипҳои гендерӣ мусоидат мекунанд. Чунин паёмҳо метавонанд ба дарки шунавандагон таъсири дарозмуддат расонанд.
3. Таъмини ҳузури баробари мардон ва занон ҳамчун манбаи иттилоот. Ин чиз осон даст намедиҳад ва аз рӯзноманигор тафаккури васеъ, дониши амиқи мавзӯъ ва муҳимтар аз ҳама, хоҳиш ва заҳматро талаб мекунад. Чӣ аз тарафи мардон ва чӣ аз тарафи занҳо бояд шумораи баробари иқтибосҳо пешниҳод карда шаванд.
4. Бештар ба масъалаҳои марбут ба нобаробарии ҷинсӣ таваҷҷуҳ карда шавад. Мутаассифона, дар Осиёи Марказӣ барои ин гуна матлабҳо заминаҳои кофӣ мавҷуданд - ҳуқуқи занон, ҳуқуқи мардон, хушунати ҷинсӣ, нақшҳо дар хонавода. Муҳим ин аст, ҳадс зада нашавад, ки масалан, духтарон ва занон нисбат ба писарон ва мардон хоксор ҳастанд, занон ғайрифаъол ва мардон фаъоланд. Ба ин монанд, аз иборахои стереотипӣ ё қолабӣ дар бораи рафтор ё равандҳои фикрии занон ё мардон бояд канорагирӣ карда шавад. Масалан, таъкид ба ин ки мардон хашмгин ё зӯрманданд, аммо занон эҳсосӣ ва шӯх, метавонад барои таҳкими стереотипҳои гендерӣ хидмат кунад.

| Матни боғарази гендерӣ | Матни мутавозини гендерӣ |
|---|---|
| Донишмандон аксаран аз занону кӯдакони худ фаромуш мекунанд. | Донишмандон аксаран аз оилаҳои худ фаромуш мекунанд. |
| Даниэл ва Аида ҳарду аҳли коранд: мард дар кори хона ба зан ёрӣ мерасонад. | Даниэл ва Аида ҳарду аҳли коранд; корҳои хонаро баробар анҷом медиҳанд. |
| Ба ҳисоби миёна сохтмончӣ оқибати кори зарароварро ба саломатии худ дар 35-солагӣ эҳсос мекунад. | Пажуҳиши ахир нишон дод, ки сохтмончиҳо оқибати кори зарароварро ба саломатии худ дар 35-солагӣ эҳсос мекунанд |
| Бар асоси қоидаҳо, муовини раис ҳар ҷаласаи кумитаи арзёбии лоиҳаро дар дафтари беруна баргузор мекунад. | Бар асоси қоидаҳо, муовини раис ҳар ҷаласаи кумитаи арзёбии лоиҳаро дар дафтари беруна баргузор мекунад. |

# 4. Истифодаи забони ҳассос ба ҷинсият.

Дарси видеоӣ аз муаллиф дар ин мавзуъ

Истифодаи стереотипҳои гендерӣ аксар вақт тавассути клише ва ибораҳои доимии забон ба амал меоянд.

Аз ин рӯ:

- Талош намоед забони ҳассос ба ҷинсиятро истифода баред: дар бораи ин ё он касб сухан гуфта, то ҳадди имкон кӯшиш намоед дар баробари исмҳои маъмул исмҳои муаннасро низ (муаллима, шоира) истифода баред. Нисбат ба ифодаҳои гендерӣ чӣ дар мавриди мардон ва чӣ дар мавриди занон аз истифодаи таъбиру ибораҳои таъкидбахш худдорӣ кунед.
- Масалан, вақте занро тасвир мекунед, аз истифодаи ибраҳое мисли "ҷинси латиф" худдорӣ кунед.
- Занонро ҳамчун одамони боарзиш, новобаста ба робитаҳои оилавӣ ва шахсии онҳо тасвир намоед. Талош кунед аз тасвири занон ҳамчун "замима"-и шавҳаронашон дурӣ ҷӯед.
- Забони "ҷинсӣ"-ро истифода набаред. Масалан, агар дар кадом гурӯҳ ҳам мард ва ҳам занон бошанд, одатан бо истилоҳи ҷинси мард – "муаллимон", "шоирон" хитоб мекунанд, ки дуруст нест.

| Матни боғарази гендерӣ | Матни мутавозини гендерӣ |
|---|---|
| Ҳар як корманд бомаҳсултар фаъолият мекунад, агар ҳаққи овоз дар қабули қарор дошта бошад. | Кормандон бомаҳсултар фаъолият мекунанд, агар ҳаққи овоз дар қабули қарор дошта бошанд. |
| Ба корманде, ки усулҳои кӯтоҳ ва соддаи ибрози андешаашро истифода мекунад, гӯш андозед. | Ба кормандоне, ки усулҳои кӯтоҳ ва соддаи ибрози андешааашро истифода мекунанд, гӯш андозед. |
| Модарони азиз, назорат кунед, ки кӯдаконатон дастони худро бодиққат бо собун бишӯянд! | Волидайни азиз ва аъзои хонавода, назорат кунед, ки кӯдаконатон дастони худро бодиққат бо собун бишӯянд! |

# ДАРСИ 2.

# Симои занҳо дар расонаҳо. Нақши журналист ва расона ҳангоми инъикоси мавзуъҳои хушунат дар ВАО

**Муаллиф:** Елизавета Кузменко

**Мавзуъҳо:** Чеҳраи занҳо дар расонаҳо. Чаро муҳим аст, ки рӯзноманигор мавзуи хушунати гендериро инъикос кунад?

**Кори амалӣ:** Дар банди "Д"-и кодекси ахлоқи журналистони Баҳрайн, ки Анҷумани рӯзноманигорони ин кишвар қабул кардааст, гуфта мешавад:

"Бо такя ба усули масъулияти иҷтимоӣ рӯзноманигорон, ноширон ва ВАО бояд масъулияти худро вобаста ба маърифатноксозии ҷомеа бо риояи нуктаҳои зер иҷро кунанд: манъи ҳама гуна навъҳои табъиз нисбат ба занон ва талош барои беҳтар кардани имиҷи онҳо, роҳ надодан ба истисмори занҳо дар васоити ахбори омма ба сурате, ки он мавқеъ ва шаъну шарафии онҳоро паст занад".

Ба сомонаи Шабакаи байналмилалии ахлоқи рӯзноманигорӣ ворид шуда, бо ёрии бойгонии додаҳо кодекс ё меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистии кишвари худро пайдо кунед
https://accountablejournalism.org/ethics-codes

**Дар бораи чунин саволҳо фикр кунед:**

1. Оё меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистии кишвари шумо ба манъи табъиз ва ё стереотипишавии занҳо дар ВАО таъкид мекунад?
2. Дар сурати адами чунин як банд, кадом меъёрҳои дигари журналистӣ барои инъикоси мавзуъҳои хушунати гендерӣ (ҷудо кардани далелҳо аз тахмину гумон, тавозуни назарҳо, ҷалби коршиносони мустақил ва дигар) метавонанд татбиқ шаванд?

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

**Дарси видеоӣ аз муаллиф дар ин мавзуъ**

# 1. Чеҳраи занҳо дар расонаҳо

Аснои суханронӣ дар конфронси TED, рӯзноманигор ва президенти симпозиуми “Занҳо дар журналистика” Меган Камерик, дар бораи мушоҳидаҳои ҷолибе дар мавриди портрети занҳо дар расонаҳо суҳбат кард. Ҳарчанд занҳо нисфи аҳолии сайёраро ташкил медиҳанд, аммо ҳамагӣ 20% коршиносони саршинос занҳо ҳастанд. Дар қиссаҳои ахбор тамоюле ҳаст, ки занонро нисбат ба мардон ду маротиба бештар қурбонӣ тасвир намоянд, инчунин занҳо эҳтимолан аз рӯи қисматҳои бадан мавриди қазоват қарор мегиранд. Гузашта аз ин, имрӯзҳо бо доштани фановариҳои муосир комилан аз тасвирҳо “ҳазф” намудани занҳо имконпазир шудааст.



Ин акси раисҷумҳури ИМА Барак Обама ва мушовиронаш аст, ки куштори Усома бин Лоданро пайгирӣ мекунанд. Шумо аз тарафи рости раисҷумҳур Ҳиллари Клинтонро мебинед.

Акнун биёед, аксеро мебинем, ки рӯзномаи ортодоксалии яҳудии дар Бруклин таъсисшуда чоп кардааст.


באבוד רשעים רינה

Ҳилларӣ ғайб задааст! Рӯзнома барои ин амал узр пурсида, изҳор доштааст, ки онҳо ҳеҷ гоҳ расми занҳоро нашр намекунанд. Зеро онҳо метавонанд, “фитнаангезии шаҳвонӣ” дошта бошанд.

Расонаҳо аз таъсироти бузурге бархӯрдоранд. Донишмандон ба пурсиши зер посух меҷӯянд – чӣ аввалиндараҷа аст: ахбор ва ё амали ҷамъиятӣ? Одам пас аз тамошои хабарҳо дар даст шиор гирифта, ба гирдиҳамоии эътирозӣ меравад ё баръакс? Дар ахбори мо мавзуи хушунат барои он зиёд аст, ки ҷаҳон ба ин ҳад бераҳм аст ва ё чунин хабарҳо ҷаҳонро чунин бераҳм мекунанд?

Ҳатто “назарияи вазифаҳои рӯзмарра” пайдо шудааст, ки бар асоси он барои ҷомеа аслан танҳо он чизе муҳим аст, ки дар ахбор гуфта мешавад. Агар дар ин мавзуъ хабарҳо набошанд, пас ин мушкил барои ҷомеа ҳам муҳим нест ва аз ин ки журналистон рӯйдодро ба куҷо мебаранд – дар саҳифаи аввал мегузоранд ва ё дар “дохил” пинҳон мекунанд, вобаста аст ки ҷомеа ин хабарро муҳим ҳисоб мекунад ё не. Дар ин қарина нақши журналист ва расона дар инъикоси дурусти мавзуоти хушунати гендерӣ дар ВАО хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

## 2. Нақши журналист ва расона ҳангоми инъикоси мавзуоти хушунат дар ВАО

Соли 2006 Маркази “Дурнамои занҳо”-и Украинаи ғарбӣ давоми чор моҳ инъикоси хушунати хонаводаӣ дар матбуотро назорат ва дар маҷмуъ, 276 нашри 10 рӯзномаи минтақаӣ ва миллиро таҳлил намуд.

Ҳатто чунин як лоиҳаи нисбатан хурд иттилои муҳимеро ошкор кард. Барои мисол, матолиби матбуот аз иттилои огоҳкунанда ё маърифатӣ дида, бештар мазмуни эҳсосӣ доштаанд. Хушунати хонагӣ дар бештари ҳолат ҳамчун “рӯйдод” қаламдод шудааст, на ҳамчун ҷиноят. Бештари ҳолатҳое, ки дар бораашон навишта шудааст, бо куштор анҷом ёфтаанд, ки мизони умумии маргу мир дар Украина аз хушунати хонагиро инъикос намекунад. Дар ҳоле ки журналистон ҳолатҳои аз ҳад гузаштаро барои инъикос намудан интихоб кардаанд, назари коршиносонро пешниҳод накарда ва иттилоъ надодаанд, ки ҷабрдидаҳои хушунати хонагӣ аз куҷо метавонанд ёрӣ бигиранд. Чаро чунин аст? Яке аз сабабҳо мардсолории ҷомеаи мо ва стереотипҳо мебошад. Ҳарчанд, бархе стереотипҳо метавонанд безарар бошанд ва ба кору зиндагии мо халал намерасонанд. Барои мисол, “техникаи сифати олмонӣ – боэътимод аст” ва ё “украинҳо чарбуро дӯст медоранд”.

Аммо стереотипҳое ҳастанд, ки метавонанд хавфнок бошанд. Онҳо ба бадгумонӣ табдил мешаванд, яъне муносибати умумии манфиро нисбат ба одамоне, ки аломатҳои муайян доранд, ба вуҷуд меоранд. Баъдан ба табъиз ва хушунат мегузаранд.

Занҷираи “стереотип-ғалатфаҳмӣ-хушунат” бо шеваи зер ба вуҷуд меояд.

## 3. Чаро муҳим аст, ки рӯзноманигор мавзуи хушунати гендериро инъикос кунад?

- **Барои мутобиқ шудан ба ҷаҳоне, ки пайваста тағйир меёбад;**
- **Эҳсоси мушорикат дар умури ҷаҳонии бартараф кардани хушунат алайҳи занону духтарон;**
- **Бо маҳорати ҳирфаӣ миёни дигарон фарқ кунад;**
- **Даст ёфтан ба воқеиятнигории расонаи шумо ва дарёфти эътимоди бештари мухотабон;**
- **Пайдо кардани нукоти нав барои матлабу сужаҳо, “ёфтан”- и хабар дар ҷойе, ки дигар рӯзноманигорон намеёбанд;**
- **Дарк кардани ҳамкасбони хориҷии худ ва таҳияи матолиб барои ВАО-и хориҷӣ;**

Бар пояи иттилои Маркази Дарт оид ба рӯзноманигорӣ ва осебҳои равонӣ, “Иттилоотонӣ дар мавриди хушунати ҷинсӣ таваҷҷуҳи хоса ва баланд бардоштани ҳассосияти ахлоқиро талаб менамояд. Барои ин малакаҳои махсуси гузаронидани мусоҳиба, донистани қонунҳо ва донишҳои бунёдӣ дар бахши таъсири равонии осебҳо зарур аст.”

Дар тамоми сатҳҳо ва дар муносибат бо фарогирии тамоми мавзуъҳо доштани донишҳои махсус заруранд, то одоби рӯзноманигорӣ таъмин шавад. Ин имкон медиҳад мавқеи стереотипҳо танг шуда, роҳ барои ҷаҳонбинии нисбатан мутавозӣ ва боадолат ҳамвор гардад. Бо вуҷуди ин, дар ҳолати иттилоотонӣ дар мавриди хушунат нисбат ба занҳо, бо шумули хушунати ҷинсӣ, бар дӯши журналистон масъулияти иловагие бор мешавад. Хомӯшӣ, ки аксар вақт ҷиноятҳое мисли таҷовуз, ҳамла ва кушторро фаро мегирад, ба ҳифзи вазъи кунунӣ мусоидат менамояд, хушунатро сафед карда, занонро дар саросари ҷаҳон зери хатар қарор медиҳад.

# ДАРСИ 3.
# Хушунат чист?

## Чаро журналистон бояд навъҳои хушунатро фарқ карда тавонанд? Заминаи қонунгузорӣ.

**Муаллиф:** Елизавета Кузменко

**Мавзуъҳо:** Чаро муҳим аст, ки журналистон навъҳои хушунатро фарқ карда тавонанд? Заминаи қонунгузории кишварҳои Осиёи Марказӣ.

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Гузоришгари украинии сомонаи "Новое время" Саша Горчинская 15 қиссаи воқеиро дар мавриди ҷанбаъҳои гуногуни хушунат гирд овард. Ин қиссаҳо дар матлаби "Қиссаҳои одамоне, ки гирифтори хушунати хонагӣ шудаанд ва ё худашон онро анҷом додаанд" нашр шуд.

**Яке аз қиссаҳоро бихонед.** *Ним моҳ пеш холаи ман писарашро аз даст дод. Вақте аз беморхона ба ӯ занг зада гуфтанд, ки қалби писараш аз кор бозмондааст, ба даҳшат афтод. Шавҳари ӯ бошад, бо тамоми неру ба сари вай зад ва гуфт, "даматро гир, аблаҳ! Ҳамсояҳо мешунаванд". Ҳоло ҳам ҳар вақт, ки холаам аз ғаму дард гиря мекунад, ҳамсараш сӯяш дод мезанад. Яъне, барои ӯ оромӣ дар хона муҳимтар аз эҳсоси ҳамсараш мебошад. Илова бар ин, вай ҳамеша ҳамсарашро назорат мекард, аз рашк намегузошт, ки ӯ ба кор барояд, агар холаам назди дугонаҳо ё хоҳаронаш мерафт, ҳамеша ҷанҷол мебардошт. Боз вақте ман наврас будам, ба ман даст мерасонд, аммо ҷуръат намекардам, ки ин мавзуъро ошкор кунам.*

**Дар бораи чунин саволҳо фикр кунед:**

1. Мешавад гуфт, марде, ки дар ин қисса дар борааш сухан меравад, хушунат анҷом додааст?

2. Дар ин ҳолат кадом навъҳои хушунатро мушоҳида кардед?

3. Дар кишвари шумо кадом Қонун барои анҷом додани хушунати хонагӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунад?

4. Агар шумо аз редаксияи худ супориш мегирифтед, ки дар бораи ин қисса матлаб таҳия кунед, матлаби худро аз кадом зовия пешниҳод мекардед?

**Кори амалӣ**

**Вобаста ба кишвари худ ба яке аз ин сомонаҳо ворид шавед:**

Қирғизистон:
www.kaktus.media
www.kloop.kg
www.24.kg

Ӯзбекистон:
www.gazeta.uz
www.anhor.uz
www.hook.report

Қазоқистон:
www.ru.sputnik.kg
www.the-village.kz
www.informburo.kz

Тоҷикистон:
www.asiaplustj.info
www.vecherka.tj
www.your.tj

Ба даҳгонаи хабарҳои рӯзи гузашта дар яке аз ин сомонаҳо нигоҳ кунед. Таҳлил кунед, ки оё дар мавриди хушунати хонагӣ ва ё дигар навъҳои хушунат матлабе ҳаст ё на.

Тавассути ҷустори ВАО-и интихобшуда матолиби марбут ба хушунат нисбат ба занонро давоми як соли ахир пайдо кунед. Шумораи онҳо чӣ қадар аст? Кадом навъи хушунатро дар бар мегиранд? Оё тавaҷҷуҳ кардед, ки ВАО бештар хушунати ҷисмонӣ ва ҷинсиро пӯшиш дода, дар мавриди хушунати равонӣ ва иқтисодӣ камтар менависад?

МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

Дарси видеоӣ аз муаллиф дар ин мавзуъ

# 1. Хушунат чист? Чаро журналистон бояд навъҳои хушунатро фарқ карда тавонанд?

Хушунат нисбат ба занҳо, ба вижа хушунати ҷинсӣ мушкили ҷиддӣ ва нақзи ҳуқуқи инсон мебошад.

*Бино ба арзёбии Созмони Миллали Муттаҳид, беш аз сеяки занҳо дар ҷаҳон ҳадди ақал як маротиба мавриди хушунат, аз ҷумла хушунати ҷинсӣ қарор гирифтаанд. Дар бархе кишварҳо нишондиҳандаи хушунат аз ҷониби ҳамсар ва ё ҳамзисти зан ба 70 дарсад мерасад, куштори занҳо аз ҷониби афроди наздик бошад, 58%-и шумораи умумиро ташкил медиҳад. Ин ба маъниест, ки ҳар рӯз аз дасти яке аз аъзои хонавода 137 зан ба ҳалокат мерасад. Наздики 15 миллион духтари аз 15 то 19-сола аз сӯи ҳамзистонашон, бо шумули ҳамзистони собиқи худ ҳадди ақал як маротиба мавриди таҷовуз қарор гирифтаанд. Ин дар ҳолест, бар пояи назарсанҷие, ки дар 30 кишвар анҷом шудааст, танҳо 1%-и онҳое, ки ба ҳамхобагӣ маҷбур карда шудаанд, барои ёрии касбӣ муроҷиат кардаанд.*

Созмони Миллали Муттаҳид хушунат нисбат ба занҳоро чунин таъриф кардааст, “ҳама гуна ҳолатҳои хушунате, ки дар асоси аломатҳои ҷинсӣ анҷом шудааст ва метавонад осеби ҷисмонӣ, ҷинсӣ ва ё равонӣ расонад ва ё ба азияти занҳо, бо шумули таҳдиди анҷом додани чунин ҳолатҳо, маҷбур кардан ва ё худсарона аз озодӣ маҳрум сохтан ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳам дар зиндагии шахсӣ сабаб шавад”.

Дар Конвенсияи соли 2011-и Шӯрои Аврупо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо хушунат нисбат ба занҳо ва хушунати хонагӣ (маъруф ба конвенсияи Истанбул) омадааст:

**“Хушунат нисбат ба занҳо”** ҳамчун нақзи ҳуқуқи инсон ва шакли табъиз нисбат ба занҳо фаҳмида мешавад ва тамоми ҳолатҳои хушунат аз рӯи аломати гендериро мефаҳмонад, ки метавонанд ба осеб ё азияти

- ҷисмонӣ,
- ҷинсӣ,
- равонӣ ва
- иқтисодии онҳо оварда расонад, бо шумули ҳолатҳои таҳдиди маҷбурӣ ё худсарона маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста аз он ки ин амал дар зиндагии оммавӣ ё шахсӣ ба вуқӯъ мепайвандад.

**Ҳамин тариқ, 4 навъи хушунат: ҷисмонӣ, ҷинсӣ, равонӣ ва иқтисодӣ ҷудо карда мешаванд.**



Биёед, ҳар навъи хушунатро муфассалтар баррасӣ мекунем.

### Хушунати ҷисмонӣ вақте рӯй медиҳад, ки:

- Мезананд ё тела медиҳанд;
- Аз хона берун мекунанд ва ё ба он ворид шудан намемонанд;
- Таҳдиди куштан мекунанд, амдан вазъеро ба миён меоранд, ки ба саломатӣ, амният ё ҳаёт хатар дорад;
- Ба нӯшидани машрубот ё истифодаи маводи мухаддир маҷбур мекунанд;
- Аз ғизо маҳрум мекунанд, ба истироҳат ва хоб халал мерасонанд;
- Бо истифодаи зӯрӣ, таҳдид ё фиреб дар дохили кишвар ва ё дар хориҷ ба макони дигар мебаранд;

### Хушунати равонӣ вақте рӯй медиҳад, ки:

- Пайваста таҳқир мекунанд ё мавриди дасткорӣ қарор медиҳанд;
- Шифоҳӣ, бо қиёфа ва имову ишора мавриди озор қарор медиҳанд;
- Таъқиб мекунанд, назорат мекунанд, таҳдид мекунанд;
- Бидуни далел интиқод мекунанд, эҳсосот, андеша ва хостаҳоро нодида мегиранд;
- Таҳдид (шантаж) мекунанд.

### Хушунати иқтисодӣ вақте рӯй медиҳад, ки:

- Қасдан шуморо аз сарпаноҳ, либос, дороиҳои дигар ва ё маблағе, ки дар истифодааш ҳақ доред, маҳрум мекунанд;
- Маҳдудият дар дастрасӣ ба маблағ;
- Ба талбандагӣ маҷбур мекунанд;
- Барои кор ва ё таҳсил иҷозат намедиҳанд;
- Бо пул ва ё амвол таҳдид мекунанд.

### Хушунати ҷинсӣ вақте рӯй медиҳад, ки:

- Таҷовуз мекунанд;
- Қисматҳои маҳрамонаи баданро ғайри хоҳишу ирода ламс мекунанд;
- Ба исқоти ҳамл ва ё ҳомиладорӣ маҷбур мекунанд;
- Ба танфурӯшӣ маҷбур мекунанд;
- Ба ҳамхобагӣ бо одамони дигар маҷбур мекунанд;
- Ба мушоҳидаи алоқаи ҷинсии таҷовузгар маҷбур мекунанд.

Чаро барои рӯзноманигорон фарқ кардани навъҳои гуногуни хушунат муҳим аст? Ҷавоб хеле сода аст. Барои ба андозаи кофӣ инъикос намудани он чизе, ки ба вуқуъ мепайвандад. Мо ба дидани матолиб дар мавриди хушунати ҷисмонӣ ва ё ҷинсӣ дар ВАО-и худ одат кардаем, аммо рӯзноманигорон то куҷо ба мавзуи хушунати иқтисодӣ ва ё равонӣ дахл мекунанд? Агар дар ҳолати аввал мавзуи пул дар гузашта барои кишварҳои мо нисбатан нозук ба ҳисоб мерафт ва дар бораи он суҳбат кардан нохушоянд буд, пас хушунати равонӣ муддатҳои тӯлонӣ чизи маъмулие дар муносиботи хонаводаӣ дониста мешуд.

# 2. Заминаи қонунгузорӣ

Барои инъикоси дурусти мавзуи хушунат омӯхтани қонунҳои кишвар ва ё минтақаатон, ки ба хушунат нисбат ба занон марбут ҳастанд, бисёр муҳим аст. Ба меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ, ки кишвари шумо онҳоро эътироф кардааст, таваҷҷуҳ намоед.

Аҷиб аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар санаду меъёрҳои ҳуқуқии худ хушунати гендериро ба таври гуногун ном мебаранд:

- **Қирғизистон – “хушунати хонаводаӣ”**
- **Қазоқистон – “хушунати маишӣ”**
- **Ӯзбекистон – “хушунат нисбат ба занон”**
- **Тоҷикистон – “зӯроварӣ дар оила”**

Албатта, ҳамаи ин муродиф ё синоним ҳастанд ва рӯзноманигор метавонад дар матолиби худ шаклҳои гуногуни мафҳумро истифода намояд, аммо ба ҳар ҳол дуруст мешавад агар он мутобиқ ба қонунгузории кишвари шумо навишта шавад.

Донистани қонунгузорӣ ба шумо имкон медиҳад ба мавзуъ беҳтар омодагӣ бигиред, бар илова, метавонед ба хонандаҳои худ нисбатан васеътар ва бодалелтар фаҳмонед, ки маҳз кадом амалҳо ғайриқонунӣ ба ҳисоб рафта, барои он чӣ ҷавобгарие пешбинӣ шудааст.

### Дар идома муфассал оид ба ҳар кишвар.

## Қазоқистон

Қонуни асосии Қазоқистон Конститутсия мебошад. Дар моддаҳои 14 ва 20-и он гуфта мешавад:

- Ҳеҷ кас наметавонад бар асоси ҷойгоҳ, вазъи иҷтимоӣ, мақом, ҷинс, нажод, миллият, забон, муносибат ба дин, эътиқод, ҷойи истиқомат ва ё ҳар вазъияти дигар мавриди кадом як навъи табъиз қарор бигирад;
- Таблиғ ва ё ташвиқ барои бо роҳи зурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ... бартарии табақавӣ ва авлодӣ, инчунин зулму хушунат иҷозат дода намешавад.

Бар иловаи Конститутсия, ки муқаррароти умумиро дар бар мегирад, дар Қазоқистон инчунин аз 12 июли соли 2018 қонун бар зидди хушунати хонагӣ – Қонун "Дар бораи профилактикаи хушунати маишӣ тасвиб шудааст.

Моҳи марти соли 2020 дар сомонаи Human Rights Watch матлаби ҷолибе нашр шуд.

*Ин матлаб "Садоҳои ношунидаи қурбониёни хушунати хонагӣ дар Қазоқистон" ном дошт. Дар он аз ҷумла, гуфта мешавад, ки "давоми даҳ соли ахир ҳукумат барои ҳалли мушкили хушунат дар оила қадамҳои муҳиме гузошт. Қонуни алоҳидае дар мавриди ҷилавгирӣ аз хушунати маишӣ қабул гардид, шумораи марказҳои давлатии буҳронӣ зиёд карда шуд, меъёри хизматрасонии махсуси иҷтимоӣ ба қурбониёни хушунати маишӣ тасдиқ гардид. Аммо ин ҳама кофӣ нестанд ва хушунати хонагӣ ҳамчун манбаи таҳдиди ҷиддӣ барои занҳо ҳамоно устувор боқӣ мондааст. Ғайр аз ин, он ҳанӯз ҳам чун таркиби алоҳидаи ҷиноят дар қонунгузорӣ таъкид нашудааст".*

Қонун "Дар бораи профилактикаи хушунати маишӣ" аз хушунати маишӣ чунин таъриф мекунад: "хушунати маишӣ — амали барқасдонаи ғайриқонунӣ (ё беамалӣ)-и як нафар дар бахши муносиботи оилавӣ-маишӣ нисбат ба нафар (нафарон)-и дигар мебошад, ки дорои таҳдиди азияти ҷисмонӣ ва (ё) равонӣ мебошад".

Моддаи 4-и ин қонун навъҳои хушунатро маълум кардааст: ҷисмонӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва иқтисодӣ.

Дар Қонун "Дар бораи профилактикаи хушунати маишӣ" ба чӣ бояд таваҷҷуҳ кард:

- Субъекти профилактикаи хушунати маишӣ кӣ аст?
- Ташкилотҳои кумакрасон чӣ тавр кор мекунанд?
- Чораҳои профилактикаи хушунати маишӣ;
- Муқаррар кардани талаботи вижа ба амали нақзкунандаи қонун.

*Бино ба иттилои ТҒҲ "Иттиҳоди марказҳои буҳронӣ дар Қазоқистон", ки 16 ташкилоти ғайриҳукуматиро муттаҳид мекунад, ҳамасола садҳо зан дар Қазоқистон аз дасти таҷовузгарон ба ҳалокат расида, дар ҳар хонаводаи ҳаштум хушунати хонаводаӣ мушоҳида мешавад. Сарвари "Иттиҳоди марказҳои буҳронӣ" Зулфия Бойсакова мегӯяд, дар робита ба хушунати хонаводаӣ ҳамасола тақрибан 14 ҳазор занги телефонӣ қабул мекунанд. Дар бештари ин ҳолатҳо занҳо шикоят мекунанд. Бар пояи омори расмии соли 2017 - 17 дарсади занҳои аз 18 то 75-сола аз ҷониби ҳамсар / ҳамзист ва ё шавҳари собиқ / ҳамзисти собиқ мавриди хушунати ҷисмонӣ ва ё ҷинсӣ қарор гирифтаанд.*

Ҳамчунин, қонун "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" як санади муҳими қонунгузорӣ ба шумор меравад. Қонун, барои мисол мафҳумҳои "гендер", "баробарии гендерӣ", "баробарҳуқуқӣ, "имкониятҳои баробар"-ро дар бар мегирад.

Тибқи ин қонун, яке аз вазифаҳои асосии давлат тарбия ва таблиғи фарҳанги баробарҳуқуқии мардону занон, роҳ надодан ба табъиз аз рӯи аломатҳои ҷинсӣ миёни аҳолии кишвар мебошад.

Бар иловаи қонунгузории миллӣ созишномаҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Барои мисол, Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон 18 декабри соли 1979 қабул гардид, ки Қазоқистон соли 1998 ба он ҳамроҳ шуд (CEDAW).

Конвенсия муайян кард, ки "табъиз" нисбат ба занҳо чӣ аст ва барномаи амал барои барҳам додани онро таҳия намуд. Тамоми кишварҳое, ки ин конвенсияро тасдиқ кардаанд, аз ҷумла Қазоқистон, ӯҳдадор шудаанд, тамоми чораҳои зарурӣ барои барҳам додани хушунат алайҳи занонро қабул мекунанд.

## Қирғизистон

Қонуни асосии Қирғизистон Конститутсия мебошад. Дар моддаҳои 16 ва 31-и он гуфта мешавад:

- Ҳеҷ касе барои **ҷинс**, нажод, забон, маъюбият, мансубияти қавмӣ, динӣ, синну сол, мавқеи сиёсӣ, таҳсилот, вазъи молӣ, инчунин вазъиятҳои дигар набояд мавриди табъиз қарор бигирад.
- Дар Ҷумҳурии Қирғизистон **мардон ва занон ҳуқуқ** ва озодиҳои **баробар дошта**, барои амалигардонии он имконияҳои баробар доранд.
- Таблиғи бадбинии миллӣ, қавмӣ, нажодӣ, динӣ, бартарии гендерӣ ва иҷтимоӣ, ки ба табъиз, душманӣ ва ё **хушунат** даъват мекунад, **манъ аст**.

Бар иловаи Конститутсия, ки муқаррароти умумиро дар бар мегирад, дар Қирғизистон инчунин аз 15 апрели соли 2020 қонун алайҳи хушунати хонагӣ – Қонун “Дар бораи ҳимоя ва муҳофизат аз хушунати хонаводаӣ” қабул шудааст.

Моҳи майи соли 2020 дар бахши қирғизии “Бӣ-Бӣ-Сӣ” матлаби ҷолибе таҳти унвони “Қаламрави хонавода”. Дар Қирғизистон қонуни сахтеро алайҳи хушунати хонаводаӣ ба тасвиб расонданд, аммо мушкилро ҳал накарданд[4] нашр шуд. Дар он гуфта мешавад, қонун алайҳи хушунати хонаводаӣ дар Қирғизистон яке аз қонунҳои нисбатан пешрафта дар қаламрави кишварҳои пасошӯравӣ мебошад. Дар мавриди хушунат на танҳо ҷабрдида, балки шоҳидон ҳам метавонанд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳанд, кормандони пулис бошанд, ҳақ доранд, масалан, шавҳарро аз наздик шудан ба ҳамсараш манъ кунанд. Аммо ба иддаои муаллиф, дар амал ин қонун тақрибан кор намекунад ва бештари хушунаткорон аз ҷавобгарӣ канор мемонанд.

Қонун “Дар бораи ҳимоя ва муҳофизат аз хушунати хонаводаӣ” мафҳуми хушунати оилавиро медиҳад.

Тибқи банди 10-и моддаи 1-и қонун *“хушунати хонаводаӣ – ин амали ҳадафмандонаи ҷисмонӣ, равонӣ ва иқтисодӣ ё таҳдиди онҳо, инчунин муносибати носозгор аз ҷониби як узви оила / шахси ба он баробаршуда нисбат ба аъзои дигари оила/ шахси ба он баробаршуда мебошад”*.

Ҳамин тариқ, қонун хушунатро ба навъҳои зер ҷудо мекунад: ҷисмонӣ, равонӣ, иқтисодӣ. Мутаассифона, хушунати ҷинсӣ баррасӣ намешавад. Ҷойи таъкид аст, ки адами мафҳуми “хушунати ҷинсӣ” дар қонун дар бораи хушунати хонаводаии Қирғизистон ба ин маънӣ нест, ки журналист набояд дар маводиби худ ин навъи хушунатро инъикос кунад. Балки, дар ин сурат ба ин масъала бояд таваҷҷуҳи бештар равона шавад.

Дар хотир дошта бошед, ки аксаран дар пайи тамғагузорӣ ва фишори иҷтимоӣ қурбониҳо дар мавриди ҳолатҳои хушунати ҷинсӣ хабар намедиҳанд.

*Бино ба иттилои ЮНИСЕФ, дар Қирғизистон дуздии арӯс, издивоҷи ноболиғон, таваллуди тифл дар синни бармаҳал ва хушунати гендерӣ аксаран ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти духтарон, бо шумули таълим, саломатӣ, ҳимоя ва кору меҳнат бетаъсир нест. Соли 2014 тақрибан 13 дарсади занони синни 20-49-сола (14,6% дар деҳот) дар синни то 18-солагӣ ба шавҳар баромадаанд. Духтарони ноболиғи шавҳардор аз мушкили саломатӣ ҳангоми ҳомиладорӣ ва бархеҳо аз хушунати руҳию равонӣ аз ҷониби ҳамзистонашон азият мекашанд.*

Дар қонун “Дар бораи ҳимоя ва муҳофизат аз хушунати хонаводаӣ” ба чӣ бояд таваҷҷуҳ кард:

- Доираи субъектҳое, ки ба ҳимоя ва муҳофизат аз хушунати хонаводаӣ машғуланд, кадом аст, онҳо чӣ ваколатҳое доранд;
- Навъҳои пешгирии хушунати хонаводаӣ;
- Ордери муҳофизати муваққатӣ чӣ аст;
- Ҳуқуқҳои ҷабрдидаҳои хушунати хонаводаӣ.

Таваҷҷуҳи бештарро ба ин равона кунед, ки масъули гузоришҳои омории ҳолатҳои хушунати хонаводаӣ кӣ аст. Ин масъулияти Кумитаи миллии омори Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

Санади ҳуқуқии муҳим инчунин Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имконияҳои баробари амалигардонии онҳо” аз 4 августи соли 2008 мебошад, ки масалан мафҳумҳои “гендер”, “табъизи гендерӣ”, инчунин “озори ҷинсӣ”-ро дар бар мегирад.

Тибқи ин Қонун, “Озори ҷинсӣ - амали хусусияти ҷинсии шифоҳӣ ва ё ҷинсиест, ки ба паст задан ё таҳқири афроде равона шудааст, ки дар вобастагии меҳнатӣ, молӣ, оилавӣ ё вобастагии дигар қарор доранд”.

Бар иловаи қонунгузории миллӣ, созишномаҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Барои мисол, Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон 18 декабри соли 1979 қабул гардид, ки Қирғизистон соли 1996 ба он ҳамроҳ шуд (CEDAW).

[4] https://www.bbc.com/russian/features-52733129

Конвенсия муайян кард, ки “табъиз” нисбат ба занҳо чӣ аст ва барномаи амал барои барҳам додани онро таҳия намуд. Тамоми кишварҳое, ки ин конвенсияро тасдиқ кардаанд, аз ҷумла Қирғизистон, ӯҳдадор шудаанд, тамоми чораҳои зарурӣ барои барҳам додани хушунат алайҳи занонро қабул мекунанд.

## Тоҷикистон

Қонуни асосии Тоҷикистон Конститутсия мебошад. Дар моддаҳои 17 ва 33-и он гуфта мешавад:

- Мардон ва занон баробарҳуқуқанд;
- Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Моҳи феврали соли 2020 “Asia-Plus” матлаби ҷолиберо нашр кард, ки “*Пратибха Мехта: Мо дигар наметавонем аз мушкили хушунат нисбат ба занону духтарон чашм пӯшем*” ном дошт[5] ва дар он аз ҷумла таъкид мешуд, “*мо медонем, ки дар тамоми ҷаҳон ҳар сеюмин зан дар тӯли ҳаёти худ мавриди хушунати ҷинсӣ, ҷисмонӣ ва ё равонӣ қарор мегирад. Дар Тоҷикистон маълумоти оморӣ пурра нест. Бо вуҷуди ин, 24 дарсади занҳои синни 19-49 гуфтаанд, мавриди хушунати ҷисмонӣ ва ё ҷинсӣ қарор гирифтаанд, 97%-и афроде, ки нисбат ба занҳо аз хушунат кор гирифтаанд, ҳамсарони феълӣ ё собиқи онҳо будаанд*”.

Бар иловаи Конститутсия, ки муқаррароти умумиро дар бар мегирад, дар Тоҷикистон инчунин қонун алайҳи хушунати гендерӣ амал мекунад, ки Қонун “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” ном дошта, 19 марти соли 2013 қабул шудааст.

Тибқи ин қонун, “*зӯроварӣ дар оила — кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад*”.

Ҳамин тариқ, қонун хушунатро ба навъҳои зер ҷудо мекунад: ҷисмонӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва иқтисодӣ.

Дар Қонун “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” ба чӣ бояд таваҷҷуҳ кард:

- Ба субъектҳои пешгирикунандаи хушунат дар оила кӣ дохил мешавад?
- Марказҳои дастгирӣ кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд?
- Чораҳои инфиродӣ оид ба пешгирии хушунат дар оила чиро дар бар мегирад?
- Тартиботи муҳофизатӣ чӣ аст ва он чӣ тавр истифода мешавад?

Қонун “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” низ яке аз санадҳои муҳими қонунгузорӣ мебошад, ки соли 2005 қабул шудааст. Қонун барои мисол мафҳумҳое монанди “гендер”, “сиёсати гендерӣ”, “баробарии гендерӣ”-ро фаро мегирад.

Бар иловаи қонунгузории миллӣ созишномаҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Барои мисол, Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон 18 декабри соли 1979 қабул шуд, ки Тоҷикистон соли 1993 ба он ҳамроҳ гардид (CEDAW). Конвенсия муайян кард, ки “табъиз” нисбат ба занҳо чӣ аст ва барномаи амал барои барҳам додани онро таҳия намуд. Тамоми кишварҳое, ки ин конвенсияро тасдиқ кардаанд, аз ҷумла Тоҷикистон, ӯҳдадор шудаанд, тамоми чораҳои зарурӣ барои барҳам додани хушунат алайҳи занонро қабул мекунанд.

[5] https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20200217/pratibha-mehta-mi-bolshe-ne-mozhem-otvodit-vzglyad-ot-problemi-nasiliya-v-otnoshenii-zhentshin-i-devochek

## Ӯзбекистон

Қонуни асосии Ӯзбекистон Конститутсия мебошад. Дар моддаҳои 46 ва 26-и он гуфта мешавад:

- Занону мардон ҳуқуқҳои баробар доранд.
- Ҳеҷ кас наметавонад мавриди шиканҷа, хушунат, дигар муносибати бераҳмона ва ё пастзанандаи шаъну шарафи инсонӣ қарор бигирад.

Бар иловаи Конститутсия, ки муқаррароти умумиро дар бар мегирад, дар Ӯзбекистон инчунин, қонун алайҳи хушунати гендерӣ – “Дар бораи ҳифзи занҳо аз зулму хушунат”21 амал мекунад. Он 17 августи соли 2019 аз сӯи Палатаи қонунгузор қабул гардида, 23 августи соли 2019 аз ҷониби Сенат тасдиқ карда шуд.

Тибқи ин қонун, “*хушунат – амали ғайриқонунӣ (беамалӣ)-е нисбат ба занҳо мебошад, ки ба зиндагӣ, саломатӣ, дахлнопазирии ҷинсӣ, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқу озодиҳои қонунан ҳифзшаванда бо истифода ё таҳдиди истифодаи зарари ҷисмонӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва ё иқтисодӣ таарруз мекунад*”.

Ба ин тартиб, қонун хушунатро ба чунин навъҳо ҷудо мекунад: ҷисмонӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва иқтисодӣ. Мутаассифона, дар Қонун хушунат танҳо нисбат ба занҳо зикр шудааст, дар ҳоле ки ҷабрдидаҳо (ҳарчанд дар ҳолатҳои хеле кам) метавонанд мардон низ бошанд.

Моҳи ноябри соли 2019 дар сомонаи “Gazeta.uz”-и Ӯзбекистон матлаби ҷолибе нашр гардид, ки “Пинҳон накунед. Хабар диҳед!”[6] ном дошт. Дар он аз ҷумла таъкид мешуд:

“*Имсол барои дастгирии занҳо ду қонун қабул гардид — “Дар бораи кафолати ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занҳо” ва “Дар бораи ҳифзи занҳо аз зулм ва хушунат”. “Аммо танҳо талоши мақомоти давлатӣ ва созмонҳо дар ин росто кофӣ нестанд. Муҳим аст дар идома маърифати ҳуқуқии тамоми қишрҳои аҳолӣ баланд бардошта шуда, талошҳои ҷомеа дар роҳи тағйири стереотипҳо нисбат ба занон муттаҳид гардад ва албатта, ҷиҳати татбиқи амалии санадҳои қонунгузории кишвар фаъолияти дастаҷамъӣ ва фарогир роҳандозӣ шавад*”.

Дар Қонун “Дар бораи ҳифзи занҳо аз зулм ва хушунат” ба чӣ бояд таваҷҷуҳ кард:

- Ҳуқуқҳои қурбониёни зулму хушунат;
- Ваколатҳои мақомоти гуногун дар бахши ҳифзи занҳо аз зулму хушунат;
- Омор ва ҳисоботи ҳолатҳои зулм ва хушунат нисбат ба занҳоро кадом ниҳод пеш мебарад? (Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон);
- Кумитаи занҳои Ӯзбекистон дар бахши ҳифзи занон аз зулму хушунат чӣ нақше дорад?
- Телефони боварӣ барои қурбониёни зулму хушунат;
- Ордери муҳофизатӣ чӣ аст ва он чӣ тавр кор мекунад?
- Марказҳои махсус оид ба расонидани ёрӣ ба қурбониёни зулм ва хушунат.

Қонун “Дар бораи кафолати ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои занҳо ва мардон”23 низ яке аз санадҳои муҳими қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад, ки 23 августи соли 2019 аз ҷониби Сенат тасдиқ гардид. Қонун, барои мисол мафҳумҳое монанди “гендер”, “табъизи ҷинсӣ”, “омори гендерӣ”-ро дар бар мегирад.

Тибқи ин қонун, яке аз вазифаҳои асосии давлат шакл додани фарҳанги ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои занҳо ва мардон ба шумор меравад. Бар иловаи қонунгузории миллӣ созишномаҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Барои мисол, Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон24 18 декабри соли 1979 қабул шуд, ки Узбекистон соли 1995 ба он ҳамроҳ гардид (CEDAW).

Конвенсия муайян кард, ки “табъиз” нисбат ба занҳо чӣ аст ва барномаи амал барои барҳам додани онро таҳия намуд. Тамоми кишварҳое, ки ин конвенсияро тасдиқ кардаанд, аз ҷумла Ӯзбекистон, ӯҳдадор шудаанд, тамоми чораҳои зарурӣ барои барҳам додани хушунат алайҳи занонро қабул мекунанд.

[6]https://www.gazeta.uz/ru/2019/11/25/violence/

# ДАРСИ 4.

## Истилоҳоти дуруст.

### Истилоҳоти дуруст. Чаро “қурбонӣ” ва “ҳаюло” калимаҳои хубе барои матлаби шумо нестанд?

### Дар бораи одамоне, ки дучори хушунат гардидаанд, чӣ тавр бояд дуруст навишт?

**Муаллиф:** Елизавета Кузменко

**Мавзуъҳо:** Дар бораи одамоне, ки дучори хушунат гардидаанд, чӣ тавр бояд дуруст навишт?

[8] https://www.youtube.com/watch?v=-asMgeIqflo

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

Дар чунин як мавзуи ҳассос, мисли хушунат на танҳо ЧӢ гуфтан, балки ЧӢ ТАВР гуфтан, кадом калимаву истилоҳотро истифода кардан, хеле муҳиманд. Журналистон муваззафанд, калимаҳоро дуруст интихоб кунанд ва истилоҳоти дурустро истифода намоянд.

Пайваста навиштани “қурбонии хушунат” лозим нест – беҳтар аст ин ибора ба “зане, ки дучори хушунат гаштааст” иваз шавад

### ИСТИЛОҲОТ

| ✕ Тамға (стигма) мезанад | ✓ Дуруст |
|---|---|
| «Қурбонӣ» | «Зане, ки дучори хушунат гаштаст» |

*Муҳим! Дар сурати ҳамлае, ки сабаби куштор нашудааст, калимаи «қурбонӣ» – ро истифода накунед. Агар зан аз ҳамла ҷон ба саломат бурда бошад, ӯ "зиндамонда" мебошад.*

Намунаи хуби сарлавҳагузориро дар “Газета.uz” мебинем. Онҷо истилоҳи “занҳое, ки дучори хушунат гаштаанд” истифода шудааст. Ҳарчанд дар дохили матн калимаи “қурбонӣ”-ро истифода кардаанд, аммо сарлавҳа хеле хуб интихоб гардидааст.


Фото: «Газета.uz»

**Женщинам, пережившим насилие, помогли открыть бизнес**

Помощь в открытии бизнеса получили 50 жительниц Самаркандской и Бухарской областей, ставших жертвами домашнего насилия. Проект направлен на повышение экономической независимости женщин.

*Photo: “Газета.uz”*

Бар илова, нисбат ба хушунаткор ё таҷовузгар навиштани вожаҳое мисли “ҳаюло”, “васвосӣ”, “ҳайвон” дуруст нест. ***Ин устура ё миферо ба вуҷуд меорад, ки таҷовузгарон аз одамони “маъмулӣ” ба таври назаррас тафовут доранд!***

Бисёриҳо муътақиданд, ки хушунатро одамони барои қурбониён ношинос анҷом медиҳанд. Аммо дар асл, хушунаткорон на танҳо “васвосиҳо” метавонанд бошанд. Бештари вақт инҳо афродеанд, ки ҷабрдидаҳо онҳоро хуб мешиносанд. Инҳо падар, писар, хеши наздик, ҳамзисти собиқ ё шавҳари феълӣ, ҳамсоя, ҳамсабақи собиқ, ки мехоҳад барои он ки дар мактаб ба ӯ таваҷҷуҳ намекарданд, қасос бигирад, сарвари ширкат, ки фикр мекунад зан бояд танҳо тавассути бистар ба мақоми баландтар бирасад, буда метавонанд. Ҳар нафаре метавонад хушунаткор бошад.

### ИСТИЛОҲОТ

| ✕ Тамға (стигма) мезанад | ✓ Дуруст |
|---|---|
| «Ҳаюло», «васвосй», «ҳайвон» | «Хушунаткор» |

Яке аз намунаҳои истифодаи калимаи “васвосӣ” (маньяк) дар сомонаи Sputnik.kg:


"Как вы это делаете?!" Психолог, который "вычисляет" маньяков

РАДИО 10:31 19.04.2020 (обновлено 10:45 19.04.2020) Получить короткую ссылку

Темы: Подкасты РИА Новости (369) 229 0 0

**Как битцевскому маньяку удавалось скрываться от полиции, совершая преступления в одном и том же парке? Справедливо ли говорить, что жертва "сама виновата"? И возможно ли предотвратить преступления, распознав преступника по сообщениям в социальных сетях?**

Боз ду ҳолати муҳим, ки набояд фаромуш кард.

Аввалан, вақте гап дар бораи таҷовуз ба номус меравад, калимаи “секс”-ро истифода набаред.

Дуввум, “ҷинояти эҳтирос” номи хубе барои хушунати ҷинсӣ нест.

Боз кадом истилоҳотеро истифода кардан ё накардан лозим аст, то онҳоеро, ки дар бораащ менависед, стигмагузорӣ накунед?

## ИСТИЛОҲОТ

| ✕ Тамға (стигма) мезанад | ✓ Дуруст |
|---|---|
| Маъюб/бо имкониятҳои маҳдуд/бо талаботҳои махсус | Зани маъюбият-дошта |
| Аробасавор | Зане, ки аробачаи маъюбӣ истифода мебарад |
| «Шабгард» | Коргари тиҷорати шаҳвонӣ/фоҳиша |
| «Нашъамандзан/майзада | Зани муътоди шароб ё маводи мухаддир |
| Сироятшудаи НМО | Зане, ки бо НМО зиндагӣ мекунад |

Матнҳоро барои вожаҳои нодуруст дар мавзуи марбут ба гурӯҳҳои осебпазир – ЛГБТ, шахсони маъюбиятдошта, одамони аҳли тиҷорати шаҳвонӣ, нафароне, ки бо НМО зиндагӣ мекунанд ва муҳоҷирон бо ёрии захираи ройгони **J4T-Checker** https://check.j4t.by/ бисанҷед.

Сервис ё хадамоти **J4T-Checker** аз ҷониби Ташаббуси ҳомии ҳуқуқи "Рӯзноманигорон ҷонибдори таҳаммулпазирӣ" барои санҷидани матн ба нишона ё маркери забони хусумат – вожаҳои нодуруст нисбат ба гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ коркард шудааст.

Шумо эҳтимолан мафҳуми "**victim blaming**" / "**виктимблейминг**"- ро шунидаед? Не?

Иборахое мисли "вай шабона ба танҳоӣ сайр мекард", "вай домани кӯтоҳ дошт", "вай сармаст буд", "вай худаш инро хост", "вай таҳрик дод"-ро чӣ? Ин ҳама ҳамон "victim blaming" ва ё "айбдоркунии қурбониён" ҳастанд, ки амали хушунаткорро сафед мекунанд.

Ҳеҷ омиле, монанди шароб, ҷангу ҷидол, рашк ва ё намуди зоҳирӣ наметавонад ҷиноятро тавҷеҳ кунад. Ҳамаи ин хушунат мебошанд.

Бар илова, бештари одамон фикри ғалате доранд, ки хушунати ҷинсӣ ҳамчун зуҳурот наметавонад дар никоҳи қонунӣ вуҷуд дошта бошад. Аз нигоҳи ҷонибдорони ин андеша, бо ақди никоҳ мард ва зан новобаста ба ҳеҷ чизе, ҳатто вақте ҳам ки яке аз тарафҳо нахоҳад, бояд "қарзи издивоҷ"-ро иҷро кунанд. Аммо дар асл чунин нест. Муҳр дар шиноснома ба ин маънӣ нест, ки мард метавонад дилхоҳ вақт занро истифода барад, ҳатто агар зан чунин хоҳишро надошта бошад.

Инчунин, ба ин маънӣ нест, ки мард метавонад ҳамсари худро бо зӯр ба муносибати ҷинсӣ водор кунад, ӯро ранҷ бидиҳад ва ё барои рад кардани ҳамхобагӣ таҳқир кунад. Ҳангоми таҳия кардани матлаби журналистӣ дар хотир дошта бошед, ки хушунат нисбат ба зан ва духтар нобаробарии ҷинсиятӣ ва нақзи ҳуқуқи инсон аст. Ин ҷиноят аст.

Эҳтимолан ибораву ҷумлаҳои зеринро шунидаед ва шояд онҳоро дар ВАО дидаед: "Дар умури оилавии онҳо", "Онҳо муносибати ноустувор ва ё душвор доштанд", "Ҳамсояҳо мегӯянд вай ҷавон / шавҳари Биёед, матлаби "Чӣ бояд кард, агар раис ба шумо дастдарозӣ кунад?"-ро баррасӣ мекунем, ки сомонаи "Asia-Plus" нашр кардааст.

### Что делать, если начальник пристает?

16:10, 5 ноября, 2017

21 13 4 14663

Ба андешаи шумо, вақте сухан дар бораи хушунати ҷинсӣ бошад, чунин сарлавҳа то куҷо дуруст аст? Ин танҳо "дастдарозии раис" бо далели ин нест, ки шумо ҳанӯз гули дафтари кориро об надодаед. Гап дар бораи озори ҷинсӣ дар ҷойи кор меравад. Дар матолиби худ хушунатро хушунат бигӯед!

Дар омади гап, соли 2020 медиа-институти Fojo (Донишгоҳи Линнея, Шветсия) пажуҳиши илмие анҷом дод, ки ба ҷанбаъҳои гендерии шуғл ва карйера дар бахшҳои расонаии кишварҳои мухталиф бахшида шудааст. Пажуҳиши Fojo нишон дода, ки дар Белорус, Русия ва Украина 20-30% кормандони расонаҳо шахсан гирифтори озори ҷинсӣ гаштаанд.

Боз як мисоли дигари истифодаи номуваффақи истилоҳот ҳангоми инъикоси мавзуи хушунати гендерӣ дар сомонаи Asiaplustj.info дар матлаби "Тоҷикистон: вақте адолати судӣ занро таҷовуз мекунад"

Таджикистан: когда правосудие насилует женщину

English Тоҷикӣ

Дать отпор насилию со стороны мужа и его родни – из ряда вон выходящий случай для таджикской невестки. Но когда это случается, к ее насильникам присоединяются закон и его слуги.

Аз як тараф, мо тахмин мекунем, ки муаллиф “чизи хубе мехост” ва шояд чунин сарлавҳаро барои шарҳи мушкили беамалии низоми додгоҳӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои марбут ба хушунат истифода кардааст. Аммо биёед ҳамроҳ ба сари ин суол фикр кунем, ки оё занро адолати судӣ таҷовуз мекунад ё хушунаткор?

Таваҷҷуҳ намоед, муаллиф дар ин матлаб таъкид мекунад, ки “муқовимат бо хушунати шавҳар ва пайвандони ӯ амри ниҳоят ғайримуқаррарие дониста мешавад”.

Аввалан, ибораи “ниҳоят ғайримуқаррарӣ” - ин арзёбӣ ва доварӣ мебошад, ки дар рӯзноманигорӣ ғайри қобили қабул аст, агар ин сутуни муаллифӣ набошад. Дуввуман, як принсипи BBC аст, ки мегӯяд “Repeating a label is a label” / Такрор кардани барчасп – барчасп аст. Журналист ба онҳое, ки аз хушунат ранҷ мекашанд, ҳеҷ умеде намегузорад.

Агар ниёзе ба истифодаи чунин ибора ҳаст, беҳтар мешавад, ки калимаи “таҷовуз” дар нохунак гирифта шавад. Ба ин тариқ, мо нишон медиҳем, ки адолат мустақим занҳоро таҷовуз намекунад. Он вақт номи матлаб метавонист чунин бошад: “Тоҷикистон: вақте адолати судӣ занро “таҷовуз” мекунад”.

Боз як мисоли дигарро аз сомонаи Asiaplustj.info дар матлаби “Духтарак, ман туро...”. Дар Тоҷикистон барои таҳдиди озору азият ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод доранд”, баррасӣ мекунем.

**«Девушка, я бы тебя...». За домогательства в Таджикистане предлагают ввести уголовное наказание**

12:02, 3 декабря, 2019

22 4 0 2998

Дар сарлавҳа журналист, бо ибораи “Духтарак, ман туро...” боз ба хушунат даъват мекунад? Гузашта аз ин мебинем, ки муаллифи матлаб мард аст. То куҷо хондани матлаб дар бораи мубориза бо хушунат бо “сухани хушунаткор” барои мо бехатар аст? Инҷо ҳамчунин метавонад принсипи BBC “Repeating a label is a label” / Такрор кардани барчасп – барчасп аст, истифода шавад.

# ДАРСИ 5.

## Усул (принсип)-ҳое, ки ҳангоми инъикоси мавзуи хушунат бояд дар хотир дошт

**Муаллиф:** Елизавета Кузменко

**Мавзуъҳо:** Дар бораи одамоне, ки дучори хушунат гардидаанд, чӣ тавр бояд дуруст навишт?

**Муҳокима ва кори амалӣ дар семинар:** Пулиси Британиёи Кабир бо ёрии рекламаҳои иҷтимоӣ дар бораи як пиёла чой моҳияти мафҳуми “розигӣ ба ҳамхобагӣ (секс)”-ро шарҳ дод. Ин навори видеоиро тамошо кунед.

**Дар бораи саволҳои зер фикр кунед:**

1. Розигӣ ба ҳамхобагӣ чӣ аст? Оё боре фикр кардаед, ки дар кишвари шумо кадом қоида ва меъёрҳои умумии мақбул дар мавриди розигӣ ба ҳамхобагӣ мавҷуданд? Оё онҳо метавонанд аз фарҳанги кишвар ва мардумони дигар фарқ дошта бошанд?
2. Шумо чӣ фикр доред, чаро барои журналистон ва ВАО инъикос кардани на танҳо мавзуи хушунат алайҳи занҳо, балки розигӣ ба ҳамхобагӣ муҳим аст? Инҳо чӣ пайвастагие бо ҳам доранд?

**Намунаи №1.**
Даҳ сол дар асорати тарс. Чӣ тавр ба дарду азоб тоқат овардам, то замоне ки хушунати шавҳар сабаби марги фарзандамон нашуд.

**Намунаи №2.**
Бозиҳои ақл.

**Намунаи №3.**
7 соли бардагӣ

# МАВОД БАРОИ ОМӮЗГОР:

Ҳангоми инъикос кардани мавзуи хушунат 10 принсипи муҳимро дар хотир дошта бошед.

1. Аз омор истифода баред. Омор миқёси мушкилро нишон медиҳад. Маълумотҳоро мешавад аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, пулис дархост намуд;
2. Мавқеи мушоҳид ва такроркунандаро бигиред. Ҳарфҳои гуфташударо арзёбӣ накунед.
3. Стереотипҳоро паҳн накунед ва аз доварӣ даст бикашед. Агар ин блоги муаллифӣ набошад, ҳоҷати пешниҳод кардани фикру андешаи шумо нест. Бигзор дар мавзуи хушунат дар матлаби шумо мутахассисон суҳбат кунанд.

Ана, як намунае, ки муаллифи матлаб арзёбии худро изҳор медорад, зеро калимаи "аксаран" – хоси арзёбӣ аст. Барои чунин нашудан бояд омор оварда шавад.

**Работа нередко обременяется не только обыденной суетой и кучей обязанностей, но и домогательствами вышестоящего руководства. А мы решили рассказать о том, как с этим можно справиться.**

4. Дар матолиби худ воҳимаандозӣ накунед. Ҳолатҳои мусбатро пайдо кунед, имкониятҳои дарёфти кумакро нишон бидиҳед. Дуруст ҷумласозӣ кунед! Дақиқан, набояд дар матлаби худ бинависед: "ҳоло ки шуморо таҷовуз накардаанд".

**Можно ли привлечь начальника за приставания к ответственности в таджикском суде?**

К огромному сожалению, практически невозможно, до тех пор, пока вас не изнасиловали. В таджикском законодательстве нет статьи, предусматривающей ответственность за домогательство. Даже в Кодексе об административных правонарушениях.

Дар идома муаллифи матлаб мегӯяд, "ҷомеа занонро дастгирӣ намекунад". Он бераҳмона ва хулосавӣ садо медиҳад.

**И общество ведь меня не поддержит?**

Скорее всего, нет. Женщины умалчивают о факте домогательства на работе по той лишь причине, что они привыкли к навязанному в обществе мнению, что во всем виновата женщина. Скорее всего, ей будут рассказывать, как не следует одеваться на работу и скромнее себя вести. На этом все.

К слову, осуждают жертв харрасмента не только у нас.

Например, ранее в России разгорелся



16:37 15 сентября, 2018

**«Не молчи! ». МВД будет бороться с харрасментом в Таджикистане**

5. "Бидуни мо дар бораи мо нагӯед". Аз худи зане бипурсед, ки хушунатро аз сар гузаронидааст. Агар ягон маротиба бо хушунат рӯбарӯ нашудаед, дар ин бора сутуни муаллифӣ нанависед;
6. Ҳатман нишон бидиҳед, ки аз куҷо мешавад кумаку дастгирӣ дарёфт кард: телефонҳои боварӣ, суроғаи марказҳои иҷтимоӣ, равоншиносон, вакилони дифоъ, ташкилотҳои ҷамъиятиро нависед. Мисоли хеле хуб аз сомонаи Hook дар Ӯзбекистон.

Намунаи хуб дар сайти Hook дар Ӯзбекистон.

HOOK | Ўзбек тилида | Истории | Разбор | Фактчек | Подкасты

Во всех регионах страны есть более 130 шелтеров. Планируется, что их станет больше.

Сейчас под эгидой Комитета женщин работает горячая линия для помощи лицам, оказавшимся в тяжелой личной ситуации: 1146. Кроме того, во всех регионах имеются собственные центры.

в Каракалпакстане — +61 222-72-05, женский консультационный центр;
в Андижанской области — +74 223-25-60, женский консультационный центр;
в Бухарской области — +65 224-11-33, +65 224-65-11, социальный центр «Ойдин нур»;

7. Дар хушунат бо аломатҳои ҷинсият дин ва фарҳангро айбдор накунед. Хушунати гендериро ҳамчун зуҳуроти байнифарҳангӣ бидуни марзҳои ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ қаламдод кунед.
8. Коре кунед, ки дар матлаби шумо ҷинояткор дида шавад. Талош кунед, чунин хулоса нашавад, ки фарди ба хушунат гирифторшуда дар анҷом шудани хушунат ҳатто каме гунаҳкор аст. Далолат накунед, ки дилхоҳ рафтори ӯ сабаби хушунат шудааст ва ё "худи зан инро хостааст".
9. Муҳим аст, ки мухотабони худро аз муҳтавое огоҳ кунед, ки метавонад вокуниши дардноки равониро бо сабаби доштани чунин таҷрибаи талхе дар гузашта ба вуҷуд биёрад.

Намунаи иборaҳое, ки мешавад истифода кард: "Огоҳ бошед: матлаб метавонад триггерҳо – шарҳи вазъият, аксҳоеро дошта бошад, ки метавонанд боиси дубора таҷриба кардани осебҳои равонӣ шаванд".

10. Амнияти қаҳрамони матлаб. Бидуни розигӣ маълумот ва аксҳои ӯро нашр накунед.
11. Мусоҳиба бо ҷабрдида. Бигӯед, ки ӯ ҳамеша ҳуқуқи веторо дорад, яъне новобаста аз вақту манобеи масрафшуда барои таҳияи матлаб агар ӯ тасмим бигирад, шумо аз нашри он даст мекашед.

*Ҳангоми инъикоси мавзуи хушунат фикр кунед, ки боз дар чӣ мавриде мешавад нақл кард, кадом зовияеро мешавад интихоб намуд. “Принсипи афсонаи “Тоқисурхак” усуле ҳаст, ки нишон медиҳад, дар қиссаи барои мо маълум мешавад тамоман зовияи ғайристандартии пешниҳоди матлабро интихоб кард. Ҳангоми таҳияи матлаб дар бораи афсонаи “Тоқисурхак” шумо қиссаи маъруфро нақл намекунед, балки нишон медиҳед, ки масалан воқеа дар кадом ҷангал ба вуқуъ мепайвандад? Ин минтақа чӣ муҳити зисте дорад, оё партовҳоро ҷамъ мекунанд? Тоқисурхак санбӯса мебарад, агар онҳо бо гӯшт бошанд, пас фарҳанги гиёҳхорӣ (вегетерианҳо) чӣ мешавад, ин то куҷо мавзуи ҷолиб аст?*

# 1. Равишҳои ғайристандартии инъикоси мавзуи хушунат:

- Ҳамсояи ман аъзои хонаводаашро латту кӯб мекунад. Ман бояд чӣ кор кунам?
- Агар кӯдакон мавриди хушунати хонаводаӣ қарор бигиранд, чӣ мешавад?
- Занҳое, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд;
- Мактаб: кадом дарсҳое барои инъикоси мавзуи хушунат ҳастанд?
- Курсҳои омӯзишӣ дифоъ аз худ: занҳо дар куҷо муҳофизат аз худашонро биомӯзанд?
- Хушунати иқтисодӣ нисбат ба зан: таъсир ба ММД-и кишвар? Масалан, агар ба зан иҷозати кор карданро надиҳанд.
- Дар бораи хушунат не, балки дар бораи фарҳанги ризоият нақл кунед.

# 2. Бо одамоне, ки дучори хушунат шудаанд, чӣ тавр бояд суҳбат кард: усулҳои мусоҳиба ва одоби муошират.

Ҳангоми таҳияи гузориш дар бораи одамоне, ки хушунатро аз сар гузарондаанд, хеле ҳассос ва боэҳтиёт бошед. Ин ҳолатҳои хеле муҳимро дар хотир дошта бошед:

### Оғоз

Қабл аз оғози мусоҳиба ба ҳамсуҳбати худ имкон бидиҳед, ки барои ин гуфтугӯ омода шавад. Дарҳол саволҳои “зананда”, ошкоро ва дарднокро пешниҳод накунед. Ҳамчун рӯзноманигор метавонед ҳадафи мусоҳибаро фаҳмо ва дақиқу сода баён кунед. Ба ҳамсуҳбати худ бигӯед, ки кӣ ҳастед, аз куҷоед, ин матлабро барои чӣ омода мекунед, тавассути ин суҳбат чиро тағйир додан мехоҳед, кадом мақсадро дунбол мекунед. Ҷузъиётеро баррасӣ кунед, ки нашр кардан ё накарданаш лозим ҳаст ё на.

### Ҷой

Дар сутуни муаллифии худ **“Чӣ тавр бояд дар бораи ҳарасмент навишт, то ба манбаъҳо зиён нарасад”**. Наққош ва фаъоли ҷамъиятӣ Даря Серенко менависад, агар мусоҳиба оффлайн мегузарад, аз ҷабрдида бипурсед, ки барои гузаронидани мусоҳиба кадом ҷойро меписандад. Ман дучори ҳолате будам, ки ҷабрдида метавонад ҳангоми мусоҳиба дар мавриди хушунат дар танҳоӣ бо шумо худро нороҳат эҳсос кунад (масалан, агар шумо рӯзноманигори мард бошед ва тасмим доред, бо духтаре мусоҳиба кунед, ки ҳангоми танҳо будан бо омӯзгор мавриди озори ҷинсӣ қарор гирифтааст).

## Ба ҳадди лозим коҳиш додани стресс

Дар хотир доштан хеле муҳим аст, ки ҳангоми нақл кардани ҳодисаи хушунат, мусоҳиб гӯиё ин ҳолати нороҳаткунандаро дубора аз сар мегузаронад. Ҳар қадар ки ҷузъиёт бештар зикр шавад, ҳамон андоза хавфи такрор шудани осеби равонӣ зиёд мегардад, зеро ин стресс ва эҳсоси қавӣ аст.

Агар зан стресси шадид дорад, дар ҳолати шок қарор дорад, ӯро дар бораи тамоми ҷузъиёти ҳодиса пурсидан лозим нест. Инчунин талош накунед, ки бо исрор аз ҷузъиёте бипурсед, ки гуфтанаш барои вай душвор аст. Дар ҳеҷ ҳолате ба ӯ фишор овардан лозим нест.

Ҳассосияти худро ба ғами дигарон нигоҳ доштан хеле муҳим аст, ҳамзамон саъй кардан лозим аст, ки тамоми ин дарду ғамро ба дил гирифта ва ихтиёрро аз даст надиҳӣ, балки бо қаҳрамон фосилаи амни эҳсосиро бояд риоя кард.

Қабл аз он ки дар ин мавзуъ ба кор шуруъ кунед, биомӯзед, ки дар натиҷаи осеби равонӣ чӣ ҳолате бо одам ба вуқӯъ мепайвандад. Дар китобчаи Олга Горбунова - "Ҳамкории бидуни осеб: чӣ тавр мавзуи хушунати ҷинсӣ нисбат ба занонро дар ВАО бехатар инъикос кард" тавсия дода мешавад, бо одамоне, ки дар вазъи буҳронӣ қарор доранд, дар ҳузури равоншиносони мавриди эътимодашон мусоҳиба карда шавад. Ин ба маъние нест, ки мутахассис дар вақти худи мусоҳиба онҷо нишинад ва ин кумак мекунад иртиботи нисбатан боваринок таъмин шуда, ҷабрдида худро озод ҳис мекунад, маълумоти зиёдеро барои матлаб пешниҳод мекунад, ба саволҳо кӯтоҳу хушк ҷавоб намедиҳад. Покизакорӣ ва муҳити роҳат дар иртиботи мутақобил бо ҷабрдида ҳангоми кор – шонси таҳия кардани матлаби босифату амиқ мебошад.

## Амният

Агар шумо аз нафаре мусоҳиба мегиред, ки зарбаи равониро пушти сар кардааст ва дар вазъияти осебпазир қарор дорад, бояд мутмаин шавед, ки матлаби шумо ӯ ва ё амнияташро зери хатар намегузорад.

Мутмаин бошед, ки мусоҳиби шумо хуб дарк мекунад, ки матлаб дар куҷо нашр мешавад, мефаҳмад, ки кадом вокунишҳоеро метавонад дар пай дошта бошад ва барои таваҷҷуҳи ҷомеа, ки матлабро дунбол мекунанд, омода мебошад.

"Мусоҳибагирӣ аз сиёсатмадорон аз мусоҳибагирӣ аз гурезаҳо хеле фарқ мекунад ва вазъияти инсон ба он чи ки ман нашр мекунам, таъсир мерасонад. Чизи аз ҳама муҳим инҷо дар хотир доштан аст, ки ин ки шумо метавонед матлабро нашр кунед, ба ин маънӣ нест, ки шумо бояд ин корро кунед", - мегӯяд Лара Уайт, журналист фрилансер ва муҳаррири барномаҳои вижа оид ба масоили гендерӣ, ҷинсиятӣ ва адолати иҷтимоӣ дар лоиҳаи openDemocracy 50.50.

Агар нафаре, ки хушунатро аз сар гузарондааст, барои мусоҳиба бо шумо розӣ шуд, аввалин чизе ки бояд дар фикраш бошед, ин амнияти ӯ мебошад. Маҳрамӣ ё ошкор накардани қаҳрамонро фаромуш накунед, маълумотеро, ки метавонад ба вай зарар расонад, нашр накунед. Ҷойи ҳузури ӯро ошкор накунед, агар мусоҳиб инро нахоҳад. Сабти видео тавсия дода намешавад, бидуни иҷозат сабт накунед.

## Адолат ва беғаразӣ

Аз доварӣ ва муттаҳамсозӣ парҳез кунед. Ҳамсуҳбати шумо шояд воқеаи рухдодаро арзёбӣ кунад, аммо шумо ҳамчун рӯзноманигор бояд бетарафиро ҳифз кунед ва мавқеи мушоҳид, шахси бегона, такроркунандаро дошта бошед. Ҳарфҳои мусоҳибро арзёбӣ накунед.

## Гӯш кунед ва хомӯш бошед

Дар варақаи "Ҳамкории бидуни осеб: чӣ тавр мавзуи хушунати ҷинсӣ нисбат ба занонро дар ВАО бехатар инъикос кард" Олга Горбунова таъкид мекунад, ки бузургтарин иштибоҳи рӯзноманигорон ҳангоми мусоҳиба ин зиёд ҳарф задани онҳо мебошад.

Як усуле вуҷуд дорад, ки онро "сарнагун" мегӯянд. Дар назди шумо нафаре ҳаст, ки солҳои тӯлонӣ хомӯш буд, билохира замоне расида, ки вай метавонад ҳама чиро нақл кунад. Пас, ба ӯ имкон бидиҳед равандро назорат кунад, аз як қисмат ба қисмати дигари суҳбат бигзарад, андешаҳояшро баён кунад. Нақши маъмулии мусоҳибро фаромуш кунед! Бигзор равандро ӯ идора кунад. Барои ӯ фарзияҳо, саволҳои шумо лозим нестанд. Ӯ худаш ҳама чиро анҷом медиҳад. Боз беҳтар мешавад, агар аз матни муаллифӣ ва тафсир даст бикашед, бигзор ин 100% матлаби қаҳрамони шумо бошад.

## Мувофиқасозии матлаб ва дилхоҳ вақт даст кашидан аз он

Дар хотир дошта бошед, ки дар дилхоҳ марҳилаи мусоҳиба ва омодагӣ барои таҳияи матлаб, зане, ки хушунатро аз сар гузарондааст, метавонад аз кадом як калимаву ибораи гуфтааш, кадом ҷузъиёт даст кашад ва ё намехоҳад, ки ин матлаб умуман нашр шавад. Барои дар охирин лаҳза аз нашри матлаби худ даст кашидан омода бошед. Ба хоҳиши вай дар хусуси нашр накардани матлаб розигӣ диҳед ва манфиатҳои вайро дар идораи расона пуштибонӣ намоед, ҳатто эҳтимолан эътибори касбиатон халалдор ҳам шавад.

Муҳим аст, ки қаҳрамони шумо матлабро мутолиа ва иловаҳояшро ба он ворид кунад. Ин қиссаи ӯ аст. Боз ҳам. Ин матлаби шумо, вале қиссаи ӯ мебошад. Ин ҷо чизи аз ҳама муҳим сару садо ва ҳангомаи “бузург” нест. Чизи асосӣ бидуни зарар расонидан ба қаҳрамон, кумак ба одамони дигар аст, ки қиссаро мебинанд.

## Виктимблейминг (қурбонӣ)

Ҳеҷ вақт қаҳрамонҳои худро гунаҳкор накунед, ба онҳо саволҳое надиҳед, ки ба виктимблейминг наздикӣ дошта бошанд (“Чаро ту аз онҷо нарафтӣ?”), дар матлабҳои худ виктимблеймингро нашр накунед.

